ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 387 (575.3)
ТКБ: 74.57

ЗАРИФОВ НАСРУЛЛО МАҲМАДУЛЛОЕВИЧ

# ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ МУТАХАССИСОНИ ОЯНДА ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Роҳбари илмӣ: Шоҳиён Н.Н. - доктори илмҳои педогогӣ, профессор

Данғара- 2024

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА ……..........................................................................................3

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР...........................................................................................................14

1.1 Ташаккул ва рушди ғояи ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ........................................................................... 14

1.2 Асосҳои ташкиливу педагогии низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ....................................... 43

Хулосаи боби якум.................................................................................. 63

БОБИ 2. ВОСИТАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАНЗИМИ РАВАНДИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ.............................................................................................67

2.1. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ.................................................................................................... 67

2.2. Технологияи ташкили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар фаъолияти ҷамъиятии донишҷӯён........................................................................................85

Хулосаи боби дуюм..........................................................................100

БОБИ 3. ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН.................. ....................................104

3.1. Нишондиҳандаҳои асосӣ ва шароити баланд бардоштани самаранокии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ.......................................104

3.2. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии ташаккул ва инкишофи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ .............................................................. 122

Хулосаи боби сеюм....................................................................133

ХУЛОСАИ УМУМӢ.........................................................................136

РУЙХАТИ АДАБИЁТ.........................................................................144

ЗАМИМАҲО..........................................................................................159

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Аксарияти одамон оид ба муҳити атроф ва мавқеи худ дар он муҳокимаронӣ намуда, ба таври ногузир ба доираи муқаддасоти решаҳои худ, мазмуну мундариҷаи ҳаёт ва мавҷудияти худ ворид мешаванд. Чунин муҳокимарониҳо, беихтиёр дар доираи мафҳумҳои оила, зодгоҳ, одамони муҳит, Ватан муттаҳид мегарданд. Дарки амиқи онҳо бо муҳокимарониҳо оид ба ватандӯстӣ оварда мерасонанд.

Хусусияти Ватан дар омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар марҳилаҳои ибтидоии ташаккули инсон ва ҷомеа ташаккул ёфтаанд, таҷассум мегардад. Дар чунин ҳолат дарки чунин масъалаҳо, ба монанди иҷтимоиёт, тарзи пайдо гардидани одамият дар инсон, заминаҳои асосии раванди ташаккули ҳиссиёти инсон муҳим ва зарурӣ мегардад. Маҳз ин масъалаҳо заминаи ташаккули фарҳанг ҳамчун воситаи махсус, ки ҳуввияти инфиродро дар шакли коллектив, ҷомеа ва давлат таъмин менамоянд, ба ҳисоб мераванд.

Бо пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ самтгириҳои мақсадноки тарбия дар маориф, ки яке аз беҳтаринҳо дар ҷаҳон буд, таназзул ёфт. Бӯҳрони низомӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ба миён омад: оила, ҷомеа ва давлат нишондиҳандаҳои мақсадноки тарбияи ватандӯстиро пешниҳод менамуд, лекин низоми маориф наметавонист воситаҳои мувофиқи бадастории онҳоро пайдо намояд. Дар чунин шароит инсони мушаххас некуаҳволии худро тариқи зарур будан дар ҷомеа мехоҳад, коллектив ба устуворӣ дар фазои касбӣ кӯшиш менамояд, ҷомеа ба солимӣ ва муваффақияти иҷтимоии аҳолӣ манфиатдор аст, давлат бошад ба ҷомеа муттаҳидгардида ва рақобатпазир, ягонагӣ ва амнияти миллӣ саъю кӯшиш менамояд. Маҳз ягонагӣ ва ҳамоҳангии ин манфиат ва мақсадҳо, инчунин ташаккули сохторҳои зербинои мувофиқ сарчашмаҳои нави нерӯи созандаи иҷтимоиро таъмин менамоянд. Таъмини чунин ягонагӣ ва ҳамоҳангӣ – шарти асосии ташаккули асосҳои нави ватандӯстии ҳаёти халқ ба ҳисоб меравад, ки воридшавии муттасил ва табииро дар амалинамоии ислоҳоти тамоми одамон, сафарбарнамоии нерӯи иҷтимоии аҳолӣ дар асоси ягонагии

манфиатҳои шахсӣ, коллективӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ пешниҳод менамояд.

Дар шароити имрӯза, ҷаҳони иҷтимоии муосир, ки Тоҷикистон вориди он мегардад, тақозо менамояд, ки бо ивазшавии доираи рушди ҷамъиятӣ, меъёр ва арзишҳо, тарзи ҳаёт алоқаманд аст. Яке аз хусусиятҳои зуҳуроти масъалаҳои ахлоқӣ ва сатҳи пасти фарҳанг дар ҷомеа, махсусан, дар байни ҷавонон, коҳиши нақш ва аҳамияти ватандӯстӣ ҳамчун яке аз арзишҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Пас аз пошхурии заминаҳои идеологӣ, ки дар низоми тарбия ҷой доштанд, аксарияти ҷавонон самтгириҳои ҷаҳонбинӣ ва ахлоқии худро аз даст доданд.

Мақсади асосӣ коркарди чунин мундариҷаи ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад, ки аз бисёр ҷанба ба тарбияи ватандӯстони тоҷик дар шароити имрӯза мусоидат намояд. Ғояи ватандӯстии тоҷик дар шароити таҷдиди кишвар бояд бо сатҳи нави таснифот ва фаҳмиш ворид гардад. Ватандӯстӣ бояд манфиати давлат ва шаҳрвандони кишварро ифода намуда, дар сатҳи ғояи умумидавлатӣ қарор гирифта, нисбат ба ватандӯстии шахсӣ мавқеи ҳукмрониро ишғол намояд.

Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи маънавиёти миллӣ ва унсури шуури ҷамъиятӣ, дар шароити имрӯза, барои воқеияти кишвар хеле муҳим ва актулӣ гардидааст. Нерӯи ҳар як кишвар, аз бисёр ҷиҳат, бо нерӯи ватандӯстии шаҳрвандони он муайян карда мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқоти мавзуъ.** Дар давраи шӯравӣ дар як қатор тадқиқотҳо натиҷаҳои муайяни назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуда буданд. Дар ин самт, метавон таҳқиқототҳои заминавӣ, ки ба омӯзиши ватандӯстӣ ҳамчун яке аз падидаҳои муҳими иҷтимоии воқеияти шӯравӣ диққати махсус равона намудаанд, ҷудо намуд. Дар ин самт таҳқиқототҳои А. А. Агаев, А. Н. Виршиков, Н. И. Губанов, С. Д. Еметс, В. М. Зарванский, А. Н. Колесников, М. М. Кучуков, В. В. Макаров, Р. Я. Мирский, В. Ш. Нахушев, Ю. С. Петросян, П. Н. Поспелов, П. М. Рогачев, П. Е. Сапегин, М. А. Свердлин, Л. П. Стариков, В. А. Хмелевский ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Дар корҳои илмии муаллифони зикргардида хусусиятҳо ва қонуниятҳои рушди таърихии

ватандӯстӣ ҳамчун ғоя ва падидаи иқтисоиву фарҳангӣ баррасӣ гардида, принсипҳо, аломатҳо ва сохтори ватандӯстӣ ошкор гардидаанд.

Ба мушкилоти тарбияи халқии ватандӯстӣ Г.В. Белинский, Н.М. Добролюбов, К.Д.Ушинский, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский, С.П. Шатский саҳми бузург гузоштаанд. Таҳқиқототҳои И.И. Болдерев, В.З.Фулвов, И.С. Маренко, А.В. Мудрик, В.А. Сластенин, Г.Н. Филонов А.А. Шаталов барои омӯзиши ҷанбаҳои педагогии тарбияи ватандӯстӣ аҳамияти умуминазариявӣ доранд.

Таҳлили таҳқиқототҳои психологӣ-педагогӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти олимон ва омӯзгорон ба масъалаи ватандӯстӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ диққати махсус равона намудаанд. Масъалаи ватандӯстӣ дар ҷанбаи фалсафӣ, иҷтимоӣ ва педагогии он дар корҳои илмии Т.В. Беспалова, Н.А. Захаров, А.А. Крупник, А.П. Погарелий, Е.И. Сизова таҷассум ёфтаанд.

Дар ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ  дар педагогикаи ватанӣ мавқеи муҳим ба истифодаи эҷодии мероси классики Шарқ, ки дар эҷодиёти мутафаккирони машҳур А.Рӯдакӣ, А.Фирдавсӣ, Абуали ибни Сино, Н.Хусрав, Ҳ.Шерозӣ, С.Шерозӣ, А.Деҳлавӣ, К.Хуҷандӣ, А.Ҷомӣ равона карда шудааст. Ин мутафаккирон ба ғанигардӣ ва дақиқгардии ҷанбаҳои нави нақши мероси классикӣ ба рушди маънавӣ-ахлоқӣ ва ташаккули шахсият таъсири бузург расонидаанд.

Дар  давраи соҳибистиқлолӣ ва суверенитети миллӣ аз тарафи олимони ватанӣ, ба монанди Х.Афзалов, Қ..Қодиров, И.Каримова, М. Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, С.Сулаймонӣ, Х.Раҳимзода, Б.Маҷидова, К.Хоҷаев, М. Раҷабов, як қатор таҳқиқототҳо гузаронида шудаанд, ки дар ҳалли масъалаҳои тарбия ва ғояи ватандӯстӣ дар асоси афкори мутафаккирони тоҷику форс хеле муфид мебошанд.

Лекин, ба таҷассуми васеи масъала дар адабиёти педагогӣ, дар шароити муосири хеле мураккаби иҷтимоӣ-сиёсӣ масъалаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ

муҳим ва актуалӣ боқӣ мондааст. Дар шароити шусташавии мафҳуми ватандӯстии воқеӣ, пайдоиш ва рушди самтҳои манфӣ, ки ба зуҳуроти ватандӯстии воқеӣ монеа эҷод менамоянд, ин масъала боз ҳам муҳим гардида, таҳқиқоту таҳлили он зарурӣ ва саривақтӣ мегардад.

Таҳлили адабиёти таърихӣ ва педагогӣ, омӯзиши таҷрибаи фаъолияти муассисаи таҳсилоти олӣ дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт як қатор ихтилофот ҷой доранд: талаботи объективии ҷомеа дар ташаккули шахсият, ки ба зоҳирнамоии ватандӯстӣ дар тамоми сатҳҳои ҳамкории иҷтимоӣ равона гардидааст ва самтгирии нокифояи низоми муассисаи таҳсилоти олӣ ба тарбияи чунин шахсият; талаботҳои амалияи таълимӣ ба таъминоти илмӣ-методӣ ва мундариҷавии раванди ташаккули ватандӯстӣ ва нокифояги коркарди он дар назария ва амалияи педагогӣ; имкониятҳои эҳтимолии ташаккули ватандӯстии донишҷӯён дар низоми муассисаи таҳсилоти олӣ ва сатҳи пасти амалинамоии онҳо дар амалия.

Ихтилофотҳои зикргардида боиси муаммои таҳқиқот гардид, ки бо ошкорнамоии нерӯи тарбиявӣ барои ташкили самараноки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олӣ алоқаманд мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ:** Таҳқиқи диссертатсионии мазкур дар чаҳорчӯбаи мавзуи илмии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара дар мавзуи «Назария ва методикаи ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ», ки солҳои 2019-2022 иҷро гардидааст, ба анҷом расонида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** асоснокнамоии назариявӣ ва коркарди тарҳи самараноки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот:** низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии мутахассисони оянда дар раванди ташаккули худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ самаранок мегардад, агар:

-асосҳои назариявӣ-методологии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ муайян карда шаванд;

-коркарди тарҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён коркард карда шавад;

-ташкил ва такмили шароити педагогӣ барои ташаккул ва инкишофи сифатҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба роҳ монда шавад;

-раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ бо заминаҳои илмӣ-методӣ таъмин карда шавад.

**Вазифҳои таҳқиқот:**

-омӯзиш ва таҳлили ташаккул ва инкишофи ғояи ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавии ҷомеа;

- муайян намудани асосҳои ташкиливу педагогии низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

- омӯзиш ва баҳогузории тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ;

-омӯзиш ва таҳлили технологияҳои ташкили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар фаъолияти ҷамъиятии донишҷӯён;

- омӯзиш ва ташхиси нишондиҳандаҳои асосӣ ва шароити баланд бардоштани самаранокии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир;

-баррасии фаъолияти кафедраи ҳарбӣ ҳамчун унсури асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

**Марҳилаҳои асосии таҳқиқот.**

- давраи якум (2018-2019) ҷамоварии мавод, ташхис ва банизомдароии онҳо, алоқамандии далелҳои педагогӣ, ѓояҳо, назарияҳо муайян гардиданд, натиҷаҳо дар шакли ибтидоӣ ба даст оварда шуданд;

- давраи дуюм (2019-2020) омӯзиши мавод ва ташхиси онҳо идома ёфт, натиҷаҳои ба даст овардашуда, бо натиҷаҳои ибтидоӣ муқоиса карда шуданд. Натиҷаҳо дар таълими Педагогика барои ихтисосҳои педагогӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Илова бар ин, натиҷаҳои ба даст оварда шуда дар шакли мақола ба чоп пешниҳод карда шуд.

- давраи сеюм (2021-2023) хулоса ва пешниҳодҳо дақиқ гардонида шуданд, чопи натиҷаҳои ба даст омада идома дода шуд, ба шакли муайян даровардани тадқиқоти диссертатсионӣ ба анҷом расонида шуд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** консепсияҳои шахсият ҳамчун мақсади раванди педагогӣ, назарияи муносибати шахсӣ-самтгирӣ дар таълим ва тарбия, асосҳои педагогӣ ва иҷтимоиву психологии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон, омода намудани онҳо ба хизмат дар сафи қушунҳои ҳарбӣ, назарияи лоиҳакашӣ дар рушди раванди таълим ва ғайраҳо ташкил менамоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** аз консепсияи ташаккули шаҳрвандият ва ватандӯстӣ, принсипи муносибати таърихии тарбия, муқаррароти назариявии лоиҳакашии педагогӣ, муқаррароти назариявии таҳсилоти шахсӣ-самтгирӣ иборат мебошад.

**Методҳои таҳқиқот.** Методҳои зерин истифода карда шуданд:

- методҳои ташхиси назариявӣ - муқоисавӣ-қиёсӣ, ретроспективӣ, моделсозӣ;

- методи ташхисӣ – саволномаҳо, методи баҳогузориҳои санҷишӣ;

- ташхиси маҳсули фаъолият, омӯзиши таҷрибаи психологиву педагогӣ;

- методҳои тадқиқоти таҷрибавӣ;

- методҳои коркарди омории маълумотҳои таҷрибавӣ.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Асарҳои илмии олимон, методистҳо, омӯзгорон ва равоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои мухталифи

ватандӯстӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан, ифтихор ва хизмат ба Ватан сарчашмаҳои маълумоти таҳқиқототи мазкур ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд", Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақша ва барномаҳои таълимӣ, санадҳои асосӣ, методӣ, таҷрибаи пешқадами омӯзгорони навовари муассисаҳои таҳсилоти олӣ, арзишҳо ва унсурҳои миллӣ расму оинҳои халқӣ ҳамчун сарчашмаҳои асосии маълумот барои таҳқиқототи мазкур мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотот ба фаъолияти амалии муаллифи диссертатсия нисбат ба объекти таҳқиқотот асос ёфтаанд: омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ оид ба мавзуъ, адабиёти умумии дидактикӣ ва назариявӣ оид ба методикаи таълим; омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; арзёбии раванди таълимм наврасон ва ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ватандпарварӣ; истифодаи методҳои эмпирикӣ, ба монанди пурсишҳо, суҳбатҳо ва ғайраҳо; таҳлил ва ҷамъбасти маълумотҳо дар раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷамъомада; таҳлили муқоисавӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои онҳо; мушоҳидаҳои педагогӣ ва ғайраҳо.

**Пойгоҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот.** Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот Донишгоҳи давлатии Данғара ба ҳисоб меравад. Дар давраҳои гуногуни таҳқиқот 456 нафар омӯзгорон ва донишҷӯён ба корҳои озмоишӣ иштирок намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

Унсурҳои асосии навгонии илмӣ ҷанбаҳои зерин ба ҳисоб мераванд:

- бо таҳлили сарчашмаҳои мухталифи илмӣ ва таърихӣ ташаккул ва инкишофи ғояҳои ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ дар ҷомеа мавриди омӯзиш ва баҳогузории объективӣ қарор дода шудааст;

-бо омӯзиши адабиёти илмӣ шароити ташкиливу педагогии рушди низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ муайян гардида, дар асоси таҳлили ҷанбаҳои амалии

масъала роҳҳо ва воситаҳои баланд бардоштани сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ пешниҳод карда шудааст;

-дар асоси омӯзиш ва таҳлили таҳқиқототҳои мухталиф, инчунин корҳои таҷрибавӣ озмоишӣ муайян карда шудааст, ки таълими фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ заминаи асосии ташаккул ва инкишофи тарбияи ватандӯстӣ баромад менамояд. Ошкор гардонида шудааст, ки дар ҳолати маҳдуд ё коҳиш додани омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ватандӯстии “бардуруғ” ва “беасос” ташаккул меёбад;

-бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ озмоишӣ технологияҳои рушди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар фаъолияти ҷамъиятии донишҷӯён таҳлил гардида, баҳогузорӣ карда шудааст.

**Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- ватандӯстӣ ҳамчун ғоя, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва давлат, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ ҳанӯз аз тарафи мутафаккирони антиқа мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Дар марҳилаҳои минбаъдаи рушди таърихӣ ба масъалаҳои мухталифи ватандӯстӣ диққати махсус равона карда мешуд. Ҷанбаҳои мухталифи ин падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар афкори мутафаккирони мухталиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар шароити имрӯза ватандӯстӣ ҳамчун қисми ҷудонопазир ва хусусияти муҳими ҳастии шаҳрвандон баррасӣ мегарардад, ки тақдири минбаъдаи онро муайян менамояд. Ғояи ватандӯстӣ дар тамоми давру замон на танҳо дар ҳаёти маънавии ҷомеа, балки дар тамоми соҳаҳои муҳими фаъолияти он – дар идеология, сиёсат, фарҳанг, иқтисодиёт, экология мавқеи муҳимро ишғол менамуд; ҳамчун омили муттаҳидкунандаи ҷомеа ва ҳифзкунандаи манфиатҳои миллӣ баромад менамояд;

-тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ бояд қисми муҳими раванди тарбия бошад, ки ба ташаккули мавқеи устувори шаҳрвандӣ, эътиқоди ахлоқӣ, ватандӯстии мутахассиси оянда равона гардида бошад. Аз ин хотир, зарурати коркарди шароити ташкиливу педагогии рушди низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии

мутахассисони оянда дар доираи омодагии касбӣ ба миён меояд. Шароити ташкиливу педагогӣ ҳамчун маҷмӯи органикии комплексҳои серзина тасниф карда мешавад, ки ба бадастории мақсадҳои педагогӣ равона гардидаанд, ки бо тарбияи шакли нави ҳарбӣ ватандӯстӣ дар раванди тайёрнамоии касбӣ алоқаманд мебошанд;

- фанҳои иҷтимоӣ-гуманитариро бояд тарзе пешниҳод намуд, ки дар як қатор бо ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ, иҷтимоиву касбӣ, инчунин тафаккури умумиро ташаккул диҳанд ва умуман инкишофи шахсияти донишҷӯро таъмин намоянд. Дар асоси вазифаҳои гузошташуда, аз он ҷумла тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён, дар тарҳи назариявӣ-консептуалии омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ба инобат гирифтани як қатор унсурҳо мувофиқи мақсад аст. Омӯзиши фанҳои гуманитарӣ ҳамчун заминаи асосии ташаккул ва инкишофи ҳиссиёти ватандӯстӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан, ифтихор аз дастовардҳои таърихӣ ва муосир баромад менамоянд;

-шакл ва методҳои амалинамоии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бояд бо ҳуҷҷатҳои умумии меъёрӣ, инчунин анъанаҳои педагогӣ бо назардошти хусусиятҳои муассисаи таҳсилоти олӣ ва хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён алоқаманд буда, мундариҷаи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстиро муайян намоянд. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ-ватандӯстии донишҷӯён ба ташаккули самтгириҳои арзишии донишҷӯён дар шароити сатҳи баланди фаъолнокии онҳо дар иштирок дар навъҳои мухталифи фаъолияти иҷтимоӣ равона карда шудааст. Раванди ташаккули самтгириҳои арзишии шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар ҳамон ҳолат маҳсулнок мегардад, ки ҳамгироии арзишҳои умумиинсонӣ ва ҷамъиятӣ таъмин карда шавад. Дар ин самт аҳамияти муҳимро низоми тайёрнамоии касбӣ касб менамояд, зеро мутахассисони оянда барандагони фаъоли ғояи шаҳрвандият ва ватандӯстӣ дар раванди фаъолияти касбӣ баромад менамоянд;

-дар шароити имрӯза масъалаи асосии таҳияи роҳҳо ва воситаҳои асосии таъмин намудани тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад.

Аз истифодаи дурусти восита, метод, технологияи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ самаранокии раванди мазкур вобаста аст;

- кафедраи ҳарбӣ яке аз марказҳои муҳими тарбияи ҳарбӣ ватандӯстӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир зарур аст, ки ба фаъолияти ин марказ диққати махсус равона карда шавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Дар асоси самтгириҳои гуманистии педагогика консепсияи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён асоснок карда шудааст, ки дар он тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тариқи ташкил ва рушди шароити педагогӣ таъмин карда мешавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки консепсияи бунёди ташаккули ватандӯстӣ, ки дар таҳқиқотот пешниҳод карда шудааст, самаранокӣ ва сифати тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро баланд менамояд. Истифодаи нишондиҳандаҳои таҳиягардида ва баҳогузории рушди ватандӯстӣ имконият медиҳад, ки низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба таври инфиродӣ ва ба таври мухталиф ба роҳ монда шавад. Маводҳои назариявӣ ва эмпирикии ба даст овардашуда дар коркарди мундариҷаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон аҳамияти назаррас доранд.

*Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.* Натиҷаҳои илмии бадастомада бо истифодаи методикаи маҷмӯии таҳқиқотот, ки ба вазифа ва мантиқи он мувофиқ аст, бо нишон додани маълумоти таҷрибавӣ ва дар мавҷудияти базаи ягона ва пайвастаи назариявӣ-методологии таҳқиқототи дмссертатсионӣ, ки дар корҳои мухталиф асос ёфта, бр мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқотот алоқаманд мебошанд, таъмин карда шудаанд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 - «Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ», (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Нуқтаҳои асосии таҳқиқотот дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардидаанд. Вобаста ба мавзуи диссертатсия муаллиф 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз руйи мавзуи диссертатсия 8 мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ, аз ҷумла, 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва  3 номгӯй аз онҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, шаш параграф,хулоса, феҳристи библиографии дорои 154 номгӯй манбаъ иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия  150 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 1.1. Ташаккул ва рушди ғояи ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ

Ватандӯстӣ падидаи гуногунҷабҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Дар даҳсолаҳои охир масъалаи ватандӯстӣ дар доираи амнияти миллӣ баррасӣ мегардад ва ба эҳёи арзишҳои миллии ватандӯстӣ, афзоиши масъулиятшиносии иҷтимоии шаҳрвандон, бартараф намудани падидаҳои манфӣ дар ҷомеа равона карда шудааст.

Ғояҳои ватандӯстӣ дар эҷодиёти аксарияти маорифпарварон, нависандагон, таҳқиқотҳои файласуфон, фаъолони ҷамиятӣ, омӯзгорони машҳур мавқеи хосса пайдо намудаанд. Дар таҳқиқотҳои педагогӣ ватандӯстӣ дар шакли сифати ҳамгироии маънавӣ-ахлоқӣ дар сохтори шахсият баррасӣ мегардад, ки дар он чунин ҳиссиёти ахлоқӣ, ба монанди масъулиятшиносӣ дар назди Ватан мавқеи аввалиндараҷаро ишғол менамояд.

Дар фаҳми масъалаҳои мухталифи ғояҳои ватандӯстӣ адабиёти илмӣ-таҳқиқотии даҳсолаҳои охир аҳамияти бузург доранд. Ин марҳила ба оғоз ва рушди назарраси таҷдид дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Дигаргуниҳои назаррас на танҳо дар заминаҳои бевоситаи ҳастӣ, балки арзишҳои олӣ, ки дар қатори онҳо ватандӯстӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд, мушоҳида карда мешаванд. Маҳз ватандӯстӣ дар маркази ақидаҳои мухталиф, махсусан ақидаҳои мухолиф, эътиқод, мавқеъ ва муҳокимарониҳо қарор гирифтааст.

Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи марказии баҳсу мунозираҳо, нуқтаи назари сершуморро пешниҳод менамояд, ки дар доираи васеи эътиқод, мавқеъ ва баҳсҳоро барбар мегирад. Як қатор одамон ватандӯстиро ҳамчун ифтихор аз давлати худ, таърих ва фарҳанги он қабул менамоянд, дар ҳолате, ки дигарон метавонанд онро шакли миллатгароӣ ва ё ҳатто шовинизм шуморанд.

Барои иддае ватандӯстӣ бо дастгирии ҳукумат ва сиёсати он алоқаманд аст, гурӯҳи дигар дар чунин ақида мебошанд, ки ватандӯстии ҳақиқӣ метавонд танқиди ҳокимият ва саъйу кӯшиши беҳтар намудани ватани худро дарбар гирад. Баҳсу мунозираҳо оид ба ҳуҳуроти ватандӯстӣ метавонанд ҳам ба ифодаи ҷамъиятӣ ва ҳам ба амалҳои инфиродӣ дахолат дошта бошад.

Инчунин баррасии чунин як масъала мавҷуд аст, ки оё ватандӯстӣ метавонад ҷаҳонӣ бошад ва чи тавр бо шаҳрвандияти глобалӣ мутобиқат менамояд. Як қатор одамон ғояеро дастгирӣ менамоянд, ки ватандӯстӣ метавонад дар мутобиқат бо эҳтиром ба дигар миллату халқиятҳо ва фарҳанг вуҷуд дошта бошад, дар ҳолате, ки дагарон дар ин самт мухолифатро мебинанд.

Ин ақида ва  баҳсу мунозираҳо ба масъалаҳои муҳим, ба монанди мутобиқати ватандӯстӣ ва масъулиятшиносии шаҳрвандӣ, инчунин таъсири ватандӯстӣ ба ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва тағйироти ҷамъиятӣ оварда мерасонанд. Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ падидаи мураккаб ва гуногунҷабҳо боқӣ мондааст, ки дар маркази баҳсу мунозираҳои одамони гуногун қарор дорад.

Мазмуну мундариҷа ва самтнокии ватандӯстӣ, пеш аз ҳама, бо фазои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа ва решаҳои таърихии он, ки ҳаёти ҷамъиятиро таъмин менамояд, муайян карда мешавад. Нақш ва аҳамияти ватандӯстӣ дар ҳолатҳои номуқаррарии таърих, вақте ки самтҳои объективии рушди ҷомеа бо афзоиши шиддатнокии нерӯҳо ва шаҳрвандони он ҳамроҳӣ карда мешаванд, баланд мегардад. Зуҳуроти ватандӯстӣ дар чунин марҳилаҳо сатҳи баланди авҷи накӯкорӣ, қурбонии махсус барои халқу миллати худ ва Ватани худро касб менамояд, ки дар асоси чунин ҳолат метавон оид ба ватандӯстӣ ҳамчун падидаи мураккаб  ва бешубҳа мухталиф сухан ронд.

Ватандӯстӣ, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ зоҳир гардидааст, на танҳо тарафдорӣ, пайравӣ ва меҳру муҳаббат ба ватани худ, балки омодагӣ ба қурбонӣ ба хотири хайрияти умумро ифода менамояд. Дар марҳалаҳои озмоишҳои миллӣ, аз қабили моҷароҳои ҳарбӣ ё давраҳои бӯҳронӣ, ватандӯстӣ дар корнамоиҳои қаҳрамонона, фидокорӣ ва омодагӣ ба ҳифзи Ватан ифода

карда мешавад.

Таърихи харакатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ва мубориза барои истиқлолият нишон медиҳад, ки ватандустӣ қувваи пешбарандаи халк буда, дар бартараф намудани душвориҳо ва монеаҳои мухталиф мусоидат менамояд. Дар чунин лаҳзаҳо ватандӯстӣ омили муҳими ягонагӣ ва сафарбарнамоии ҷомеа мегардад.

Ватандӯстӣ инчунин дар ҳаёти ҳаррӯза, дар корҳои муқаррарӣ ва амалҳое, ки ба ободии кишвар нигаронида шудаанд, зоҳир мегардад. Дар ин самт метавон саҳм дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, дастгирии маориф, иштирок дар чорабиниҳои хайрия ва дигар кӯшишҳои ихтиёрӣ, ки ба рушди ҷомеа нигаронида шудаанд, махсусан қайд намуд.

Ватандӯстӣ инчунин дар эҳтиром ба мероси таърихӣ, фарҳангӣ, анъана ва арзишҳои кишвари худ зоҳир мегардад. Ҳифз ва нигоҳдории мероси фарҳангӣ нишондиҳандаи ватандӯстии амиқ мегардад, ки барои ҳифзи беназири миллати худ талош мекунад. Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ, ки дар марҳилаҳои мухталиф ва бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа зоҳир мегардад, як падидаи гуногунҷанба ва динамикӣ буда, эҳсоси амиқи масъулият, омодагӣ ба қурбонӣ ва майлу рағбат ба ободии Ватанро ифода мекунад.

Барои муайян намудани ташаккул ва инкишофи ғояҳои асосии ватандӯстӣ, зарур мешуморем, ки мафҳуми “ватандӯстӣ мавриди таснифи илмӣ қарор дода шавад. Фаҳми муосири ватандӯстӣ бо гуногунҷанбагӣ, гуногунӣ ва номуайянӣ тасниф карда мешавад, ки аз бисёр ҷиҳат бо табиати мураккаби падидаи мазкур, бисёрсамта будани мазмуну мундариҷаи он, шаклҳои мухталифи зуҳурот шарҳ дода мешавад.

Дар Қобусномаи педагогӣ чунин таснифоти мафҳуми “ватандӯстӣ” пешниҳод карда шудааст: “...меҳру муҳаббат ба ватан, ба зодгоҳ, ба фарҳанги муҳити худ. Бо чунин заминаҳои табии ватандӯстӣ ҳамчун ҳиссиёти табии аҳамияти ахлоқии он, ба монанди уҳдадорӣ ва накукорӣ пайваст мегардад. Фаҳми дақиқи уҳдадориҳои худ нисбат ба Ватан ва иҷроиши воқеии онҳо накукории ватандӯстиро ташаккул медиҳад, ки дар гузашта аҳамияти динӣ

дошт.” [111,185].

А.Н. Радишев моҳияти ватандӯстиро чунин муайян намудааст: “Ватандӯсти воқеӣ бо саъйу кӯшиши беғараз дар хизмат ба гулгулшукуфоии Ватан, ба роҳ мондани тартиботи демократии идоракунӣ, рушд ва санъат алоқаманд аст. Нафаре, ки ба таъриф ва шӯҳратпарасӣ ҳаракат мекунад, на танхо барои худ онҳоро ба даст намеоваранд, балки аз даст медиҳад” [118,380].

Н.М.Карамзин қайд менамояд, ки ҳар як нафар бояд дар Ватани худ ба воя расад, зеро танҳо дар ватани худ бо азхудкунии арзиш ва анъанаҳои миллӣ метавон онҳоро қабул ва ҳифз намуд. Ӯ меҳру муҳаббати ҷисмонӣ, маънавӣ ва сиёсиро ба Ватан баррасӣ намудааст. Меҳру муҳаббати ҷисмонӣ дилбастагии инсон ба зодгоҳи худ (ватани хурд) ба ҳисоб меравад. Меҳру муҳаббати маънавӣ ба Ватан меъёрҳои муоширати миллӣ, арзиши ҳаётро дарбар мегирад, ки аз тарафи падар ва модар гузаштааст ва ба инсон талқин карда мешаванд ва имконият медиҳанд, ки инсон ҳамватанонро дӯст дорад, корҳои некро анҷом диҳад. Шакли олии меҳру муҳаббат – шакли сиёсӣ ба ҳисоб меравад, ки дар меҳру муҳаббат ба хайрият ва шаъну шарафи кишвар ва хоҳиши мусоидат намудан ба онҳо дар тамоми ҷанбаҳо зоҳир мегардад [60,34].

Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ як навъ шакли самтгирии ҳаётии шаҳрвандон дар татбиқи стратегияи ҳаётии ба манфиатҳои воқеии иҷтимоӣ ва интизориҳои коллектив, ҷомеа ва давлат мувофиқ мебошад, ки дар зеҳни шаҳрванд, дар маънои мавҷудияти ӯ ва тарзи ҳаёти ӯ таҷассум гардидааст.

Дар таснифотҳои зикргардида, ватандӯстӣ ҳиссиёти абстрактӣ набуда, шакли иштироки фаъоли шаҳрванд дар ҳаёти ҷомеа мегардад. Ин як навъ қутбнамоест, ки кӯшишҳои шахсӣ ва иҷтимоиро ба некӯаҳволии умумӣ равона мекунад.

Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ ба ҳаёти шаҳрванд як унсури тамоюли амалиро ворид намуда, ӯро вазифадор мекунад, ки на танҳо дар сухан садоқати худро ба ватан изҳор кунад, балки ба манфиати он амал кунад. Ин бо иштироки фаъолона дар равандҳои ҷамъиятию сиёсӣ, майлу хоҳиши беҳтар намудани

шароити иҷтимоӣ, инчунин омода будан ба масъулиятшиносӣ барои ояндаи кишвари худ зоҳир мегардад.

Ватандӯстӣ дар ин замина ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи рушди шахсияти шаҳрванд мегардад. Он ҳадафҳо, арзишҳо ва ҳатто стандартҳои рафтори ӯро муайян мекунад. Эътиқоди ватандӯстӣ мавқеи шаҳрвандро дар ҷомеа устувор намуда, ба ташаккули шахсияти ӯ мусоидат мекунад. Ин навъи ватандӯстӣ, ки ба иштироки фаъолона ва масъулияти шаҳрвандӣ асос ёфтааст, асоси рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Дар он на танҳо мехру мухаббат ба Ватан, балки майлу хоҳиши мехнат ба он, майлу хохиши барпо намудани чамъияти одилонаю обод ифода ёфтааст.

Ҳамчун ҳиссиёти иҷтимоӣ ватандӯстӣ аз давраҳои қадим ба инсон хос аст. Лекин, объекти ватандӯстӣ дар вобастагӣ аз муҳити иҷтимоии инсон ва сатҳи рушди ҷомеа тағйир ёфтааст. Дар доираи ташкили авлодӣ ба устувории ватандӯстӣ ҳисси алоқаҳои хунӣ байни аъзоёни авлод, яъне ҳиссиёти оила мусоидат менамуд. Дар доираи гузариши инсон ба тарзи ҳаёти муқимӣ, болоравии миқдори аҳолӣ ва ташаккули аввалин давлатҳо ғояи асосии ватандӯстӣ аз муносибатҳои оилавӣ ба муносибат ба ҳудуд, ки дар он инсон зиндагӣ мекард, иваз гардид.

Таъсиси шаҳрҳо ва ташаккули аҳолии шаҳрӣ боиси бунёди чунин объекти ватандӯстӣ - шаҳрвандият ё муҳими умумии фарҳангӣ мегардад, ки аҳолии шаҳрҳоро дар асоси самтгириҳои ҷаҳонбинии умумӣ муттаҳид намуда, инсонро аз махлуқи табии ба маҳлуқи иҷтимоӣ мубаддал мегардонад. Аввалин маротиба ба сифати падидаи иҷтимоии комил ватандӯстӣ дар марҳилаи классикии Юнони Қадим пайдо шудааст.

Дар саромади ватандӯстӣ мафҳуми “арете” мавриди истифода қарор гирифта буд, ки онро метавон ҳамчун “шуҷоат” ва “далерӣ” тасниф намуд. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки чунин таснифот ба пуррагӣ маънои мафҳуми “арете”-ро дода наметавонад. Арете решаи юнонӣ дошта, маънои қобилият, бартарӣ, майлу рағбат ба маърифат, адолатнокӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун

ягонагии шаъну шарафи дохилӣ ва зебогии зоҳирӣ баррасӣ карда мешавад [141,75].

Умуман, мафҳуми “арете” сифати олии маънавӣ ба ҳисоб меравад. Он аз аввал ба қаҳрамонҳо ва намояндагони қишрҳои ашрофзода хос буд. Оҳиста-оҳиста зери таъсири софистон мафҳуми мазкур сиёсӣ гардонида мешавад. Дар таълимоти Афлотун мафҳуми “арете” ба кӯшиш ба адолатнокӣ ҳамчун накукории олӣ мубаддал мегардад, ки ба он бояд ҳам инсони муқаррарӣ ва ҳам қонунгузорон ҷалб карда шаванд. Арасту мафҳуми “арете”-ро барои навъбандии накӯкорӣ истифода намуда, аз ҷумла қайд намудааст, ки “арет”-и олӣ фаъолият ба хотири ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳимояи шаҳрвандон мебошад [5,53].

Чунин фаҳмиши ватандӯстӣ нуқтаи олии худро дар Ҷумҳурии Рим пайдо намуд, ки дар асоси ривоятҳо оид ба пайдоиши Рим тасаввурот оид ба интихобӣ будани халқи Рим ташаккул ёфт, ки нерӯи он бо қобилияти шаҳрвандон дар хизмат ба шаҳр муайян карда мешуд. Дар як ҳолат тасаввурот оид ба шаҳрванди идеявӣ ташаккул ёфт, ки бояд дорои чунин сифатҳо, ба монанди мардонагӣ, устуворӣ, ростқавлӣ, вафодорӣ, шаъну шараф, муътадилӣ дар тарзи ҳаёт, қобилият дар тобеъшавӣ ба тартиботи ҷангӣ, қонунҳои муқарраргардида ва урфу одатҳои амалкунанда бошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин давра ватандӯстӣ дорои ченаки динӣ низ буд. Барои инсони давраи антиқа Ватани ӯ инчунин Ватани Худо низ дониста мешуд, ки ба сифати асосгузори шаҳр ва саромади ҷамоаи шаҳри баррасӣ карда мешуд. Ҳамин тариқ, хизмат ба ватан инчунин ифодаи тақводорӣ буда, худи ватан тариқи амалинамоии парастиши худои падарон бунёд карда мешуд.

Паҳншавии дини настрония ва тасдиқи он ба сифати дини расмӣ дар Империяи Рим ба ватандӯстии римӣ таъсири бузург расонида, онро нобуд сохт. Ба хоҳиши императорони римӣ, ки империяро ба сифати ватани охирати тамоми настрониён пешниҳод менамуданд, нигоҳ накарда, муқаррароти

идеологии настрония маҷбур менамуд, ки ҷаҳони заминӣ ҳамчун соя ва таҷассуми ҷаҳон баррасӣ карда шавад, ки ба он ҳар як настронӣ кӯшиш менамояд. Чунин тасаввурот ба тасдиқи ватандӯстии умумиимпериявӣ мусоидат намекард.

Ҳамчун ҳиссиёт, ки хоси инсон аст, ватандӯстӣ мавзуи баррасии иҷтимоиву сиёсии фвйласуфони давраи антиқа гардида буд. Лекин агар аз тарафи файласуфони юнонӣ таълимоти ватанӯстӣ ҳамчун мафҳум, ки шарҳи махсусро талаб менамояд, пешниҳод нагардида бошад, пас барои мутафаккирони Рим ватандӯстӣ ба категорияи марказӣ, ки алоқаи инсон ва давлатро муайян менамуд, мубаддал гардида буд. Чунин алоқаманди аз тарафи мутафаккири римӣ Ситсерон чунин ифода карда шудааст: “аз тамоми алоқаҳои ҷамъиятӣ барои ҳар як нафар алоқаҳои нисбатан муҳим алоқаи мо бо давлат мебошад. Волидон, фарзандон, хешу табор, наздикон, рафиқон ба мо азизанд, лекин ватан танҳо тамоми дилбастагии ҳамаи одамонро фаро гирифтааст. Кадом одами бошарафу бовиҷдон барои қурбон намудани худ, агар он барои ватан нафъе орад, дудила мегардад?” [151,78].

Илова бар ин, Систсерон мафҳуми ватан аз рӯи таваллуд ва ватан аз рӯи шаҳрвандиро ҷудо намуда, қайд менамояд, ки асоси ватан аз рӯи таваллудро маҳал, ватан аз рӯи шаҳрвандиро ҳуқуқ ташкил менамояд. Бешубҳа, мутафаккир афзалиятро ба ватан аз рӯи шаҳрвандият медиҳад, зеро бо шаҳодати он номи “давлат” тамоми ҷомеаи шаҳрвандиро фарогир аст. Барои Ватан моро зарур аст, ки худро қурбон намоем, худро ба пуррагӣ ба Ватан бахшем, тамоми шаъну шарафи худро ба Ватан бахшем [152,110].

Дар фарқият аз ватандӯстии юнонӣ, ки он хусусияти маҳаллӣ дошта, бо ҷамоаи шаҳрвандӣ (полис) алоқаманд буд, ватандӯстии римӣ алоқаи органикии ҷамоаи шаҳрвандӣ ва давлатро пешниҳод менамуд. Чунин фаҳмиши ватандӯстӣ имконият дод, ки дарки римии мафҳуми “ватандӯстӣ” дар шароити давлатҳои бузурги ҳудудии давраи Замони нав мавриди истифода қарор дода шавад.

Пароканда шудани Империяи Рим ва оғози марҳилаи асримиёнагӣ бо тақсимшавии сиёсӣ ва ҳукмронии этикаи ҷанговарӣ тасниф карда мешавад, ба коҳиши ҳисси ватандӯстӣ оварда расониданд. Дар давраҳои минбаъдаи асримиёнагӣ дар Аврупо ҳукуматдорон тасаввуротро оид ба салтанати анъанавӣ ҳамчун тасаввурот оид ба ватан пешбарӣ намуда, аз тобеъон парастиши сиёсиро талаб менамуданд, ки ҳиссиёти диниро ба миён меовард.

Дар давраи антиқа ватан ҳиссиёти гуногуни шаҳрвандон – ҳиссиёти динӣ, сиёсӣ, этикиро муттаҳид менамуд, лекин дар марҳилаҳои аввали давраи асримиёнагӣ чунин фаҳмиш аз байн рафт. Дар марҳилаҳои минбаъдаи давраи асримиёнагӣ гарчанде мафҳум дар ҳаёти муқаррарӣ истифода мегардид, лекин ҷанговарон ва вассалон омода буданд, ки барои ҳоким, на барои ватан ҷони худро қурбон намоянд [59,744].

Афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои миёна оид ба ғояҳои ватандӯстӣ ва ватанпарварӣ дар асрҳои миёна дар зери таъсири шароитҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, маънавӣ ва махсусан динӣ ташаккул ёфтааст. Дар ин марҳила афкори педагогии халқи тоҷик алоқаи ногусастаниро бо ғояҳои ватандӯстӣ таҷассум менамуд, ки дар навбати худ бо хусусиятҳои динӣ ва фарҳангии он замон алоқаманд буданд. Мутафаккирону форсу тоҷик дар асрҳои миёна, бештар ба ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ дар байни насли наврас рӯй оварда, мавқеи худро нисбати ин масъала муайян намудаанд.

Дар ташаккули афкори ватандӯстӣ шароитҳои таърихӣ, аз қабили воқеияти ҳудудӣ ва сиёсӣ мавқеи асосӣ бозиданд. Омӯзгорони он замон дар назди худ вазифа гузошта буданд, ки на танҳо ба дигарон таълим диҳанд, балки шогирдонро дар рӯҳияи муҳаббат ба сарзамин ва халқи худ тарбия кунанд. Шароити иҷтимоию фарҳангӣ низ ба ақидаҳои педагогӣ таъсир расондаанд. Ташаккули дарки нақши онҳо дар ҷомеа, таъкид намудани арзиши саҳми онҳо дар ҳифз ва таҳкими анъана ва расму оинҳои фарҳангӣ ҷанбаи муҳим буд.

Ҷанбаҳои фалсафӣ ва ахлоқии ватандӯстӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбия

ба ҳисоб мерафт. Андешаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои миёна ба арзишҳои ахлоқие, ки бо муҳаббат ба Ватан ва масъулият дар назди халқ алоқаманданд, нигаронида шудааст. Дар ташаккули афкори ватандӯстӣ ҷанбаҳои маънавӣ, аз ҷумла таълимоти динӣ низ таъсири назаррас доштанд. Омӯзгорони асрҳои миёна кӯшиш мекарданд, ки арзишҳои маънавиро ба шогирдони худ расонанд, ҷаҳони ботинии онҳоро ғанӣ гардонанд ва робитаи онҳоро бо имону анъанаҳо мустаҳкам кунанд. Ҳамин тавр, дар афкори педагогӣ асримиёнагӣ бо ақидаҳои ватандӯстӣ, ки ба хусусиятҳои таърихӣ, динӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии он замон асос ёфтааст, зич алоқаманд буд.

Яке аз мутафакирони бузурги тоҷику форс, ки ба масъалаҳои ватандӯстиву ватанпарварӣ дахл намудааст, Абулқосим Фирдавсӣ ба ҳисоб меравад. Дар “Шоҳнома” ғояҳои ватандӯстиву ватанпарварии А.Фирдавсӣ таҷассум ёфтаанд, ки мавқеи марказиро ишғол менамоянд. Зеро дар асри X дар давлати Сомониён самтҳои марказгӯрезӣ меафзояд, ки ба заифгардии давлат ва афзудани хавфи ҳуҷуми бидиянишинон оварда мерасонад. Аз ин хотир, Фирдавсӣ тамоми оммаи мардумро ба муттаҳидӣ ва ватанпарвариву ватандӯстӣ даъват менамояд [7,138].

Барои Фирдавсӣ мудофиаи Ватан муқаддас аст. Ӯ аз таслим шудан, дар ҷанги зидди душман ҳалок шуданро беҳтар медонад:

Нигоҳ кун ба ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш
Зану кӯдаку хурду фарзанди хеш
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем [143,365].

Фирдавсӣ қайд менамояд, ки ҳар як шахси ватанпарвар ва ватандӯст барои мағлуб намудани душман бояд далер, фидокор ва дар айни замон ҳушёру эҳтиёткор бошад. Чунин ҷавонон шараф ва ифтихори Ватанд буда, сазовори эҳтиром ва ситоиши халқ мегарданд.

Саъди Шерозӣ дар “Гулистон” ба масъалаҳои ватандӯстӣ ва мубориза бо душман диққати махсус додааст. Аксари пандҳои Саъди Шерозӣ дар ташаккули эҳсоси нафрат ба душман ва муносибати оштинопазир мусоидат менамоянд. Илова бар ин ақидаҳои шоир ҳисси нанг шуморидан дар ақибгардӣ дар мубориза, ғалаба бар душманро таҷассум менамоянд [7,152].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки ғояҳои ватандӯстиву ватанпарварӣ аз тарафи мутафаккирони точику форс низ бо назардошти вазъияти сиёсиву иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа инкишоф дода шудааст.

Дар давраи Эҳё, ки шавқу рағбат ба давраи антиқа ва накукориҳои антиқавӣ  қувват гирифт, ҳиссиёти ватандӯстӣ нерӯи тозаи рушдро касб намуд, ки ҳам дар таълимотҳои назариявии мутафаккирон ва ҳам дар ташаккули ҳиссиёти миллӣ зери таъсири ҳодисаҳои сиёсии аврупоӣ таҷассум мегардид. Ин ҳодисаҳои сиёсӣ ба заифгардии ҳиссиёти динӣ, ки ба сифати  таъвизаи ҳиссиёти ватандӯстӣ баромад менамуд ва дар натиҷа, ба тасдиқи ватандӯстии дунявӣ ба сифати арзиши ҷомеаи ташаккулёбандаи буржуазӣ оварда расониданд. Тасдиқи ватандӯстӣ ба сифати арзиши мутлақ дар марҳилаи Инқилоби бузурги Фаронса ба миён меояд. Дар ин марҳила мафҳуми “ватандӯст” ба мазмуни таснифоти он дар давраи антиқа мавриди истифода қарор гирифт. Паҳн гардидани арзишҳои Инқилоби бузурги Фаранса ба паҳни ватандӯстӣ ҳамчун асоси ташаккули садоқат нисбат ба давлат оварда расонид.

Эҳёи мафҳуми “ватандӯстӣ” – ро бо номи мутафаккир Макиавелли алоқаманд менамоянд, ки ғояи антиқаи ватандӯстиро ба вазъияти дараи эҳё ва замони нав мувофиқ намудааст. Макиавелли ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсиро ҷудо намуда, ҳаёти шахсиро ба ҳаёти ҷамъиятӣ тобеъ намудааст.  Инфирод, пеш аз ҳама, сарвари сиёсӣ бояд дар доираи манфиатҳои давлатӣ амал намуда, худро қисми Ватани худ эҳсос намояд. Дар чунин ҳолат сохтори давлатии ватан мҳим нест. Барои Макиавелли ҳолати принсипиалӣ иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат ба ҳисоб мерафт. Вз нуқтаи назари Макиавелли, ҳар як сохори давлатӣ чунин имконниятро пешниҳод менамояд. Лекин, агар дар доираи

монархия ё аристократия имконияти иштирок дар идоракунии давлат хусусияти бавоситаро дошта бошад, пас дар ҷумҳурӣ ин раванд бевосита амалӣ гардида, ба шаҳрвандон имкониятҳои васеи таъсиррасонӣ ба равандҳои мухталиф, ки дар давлат ба миён меоянд, пешниҳод карда мешавад. Лекин, ташаккули инсон ҳамчун шаҳрванд-ватандӯст раванди хеле мушкил аст. Асоси ин равандро идеологияи давлатӣ ташкил менамояд. Макиавелли аз рӯи таъсиррасонӣ идеологияи давлатиро бо дин муқоиса намуда, қайд менамояд, ки агар дин садоқат ба калисоро тарбия намояд, пас идеологияи давлатӣ бояд шаҳрванди давлатро тарбия намояд, ки арзишҳои асосии ӯ садоқат ба давлат ва хоҳиши фоида овардан ба давлат бошад [104,495].

Ташаккули давлатҳои марказонидашуда дар Аврупои Ғарбӣ ба паҳн гардидани мафҳуми “ватан” оварда расонид. Ба ин мафҳум мавқеи арзиши асосӣ барои тамоми шаҳрвандони давлати монархистӣ новобаста аз мақоми иҷтимоӣ дода шуд. Дар чунин ҳолат тамоми аҳолӣ бояд барои ватан ҷони худро дареғ надорад.

Ин тағйиротҳо дар фаҳми мафҳуми “ватандӯстӣ” ва “давлат” дар ташаккули фалсафаи иҷтимоӣ-сиёсии Замони нав таҷассум гардида, инчунин ба паҳн гардидани таълимоти файласуфи англис Т.Гоббс оид ба давлат ва шаҳрванд таъсири амиқ расонидаанд.

Аз нуқтаи назари Т.Гоббс, давлат ниҳоде ба ҳисоб меравад, ки табиати инсонро дигаргун менамояд. Танҳо давлат ба коллективи одамон тасаввурот оид ба “некӣ” ва “бадӣ”, “адолатнокӣ”, “беадолатӣ”-ро ворид менамояд. Аз ин хотир, аз давлат ташаккули инсон ба сифати махлуқи маънавӣ – шаҳрванд вобаста аст.

Лекин худи давлат маҳсули ризоияти тарафайни одамон, барои амалинамоии он садоуат ва ризоияти тарафайн талаб карда мешавад; шаҳрвандон бо ихтиёран додани қисме аз ҳуқуқҳои худ давлатро ташаккул медиҳанд. Маҳз садоқат ва ризоияти тарафайн имконияти мавҷудияти давлат ва тамаддунро таъмин менамоянд.

Агар барои Т.Гоббс шакли ягонаи имконпазири сиёсии мавҷудияти давлат, яъне ватан – монархия аст, дар чунин ҳолат мувофиқи анъанаҳои монархистии асри XVII шахсияти монарх бо суверн, яъне давлат монанд карда мешуд, пас мутафаккирони асри XVIII аллакай диққати худро дар таснифи мафҳуми “ватандӯстӣ” тағйир медиҳанд. Масалан, дар Қобусномаи Дидро Даламбера ба нодурустии монанд намудани ватан ва давлат, инчунин ба он, ки ватандӯстӣ танҳо дар демократия имконпазир аст, нишон дода шудааст [104,185].

Чунин нуқтаи назарро Ш.Монтеске низ пешниҳод намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки дар давлатҳои монархистӣ меҳру муҳаббат ба ватан дар ҷудоӣ аз давлат мавҷуд аст. Аз ин хотир одамони муосир, дар фарқият аз юнониҳои қадим ҷолибияти сатҳи пастро нисбат ба ватан зоҳир менамоянд [104,189].

Ба демократия ҳамчун шарти зарурии тарбияи шаҳрвандон Ж.Ж.Руссо диққати махсус зоҳир намудааст. Ӯ чунин қайд намудааст: тарбия бояд тарве ақида ва завқу табъи шаҳрвандонро равона намояд, ки онҳо аз рӯи майлу рағбат ва зарурат ватандӯст бошанд. Онҳо, ҷашм кушода, бояд ватанро бинанд ва то охири умр ба ғайр аз ватан дигар чизеро набинанд [104,495].

Андозаи ватандӯстӣ ин фазои этникиву фарҳангӣ, геополитикӣ ва иқтисодии кишвар, нерӯи бузурги рушди он ба ҳисоб меравад. Баробар намудани арзишҳои ватандӯстӣ дар зери ҳимояи тафаккури умумисайёравӣ ва “арзишҳои умумиинсонӣ” ба муҳимгардии масъала оид ба он, ки тафовути як халқро аз халқи дигар таъмин менамояд ва асоси ҳуввияти халқу миллат ба ҳисоб меравад, оварда расонид.

Маҳз аз ҳамин хотир метавон тасдиқ намуд, ки ватандӯстӣ ин асоси самтгириҳои ҳаётӣ ба ҳисоб меравад, ки стратегияи рушди шахсият, ҷомеа ва давлатро муайян менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки дар чунин ҳолат ватандӯстӣ ба сифати “шиддатнокии” муҳими дохилии гузашта, ҳозира баромад менамояд, ки ҳамчун алоқа ва пайваст намудани тамоми унсурҳои руҳияи ҷомеа баррасӣ карда мешавад. Илова бар ин, чунин пайвастнамоӣ ба ягонагӣ ва ҳуввияти ҷомеаи муосир равона карда шудааст. Дар шароити имрӯза

шаҳрвандони ҳар як давлат оид ба барқарор намудани кишвари худ, оид ба ҳимояи ватани худ, оид ба корҳои созандагӣ ва ояндаи кишвари худ андешаронӣ менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таснифотҳои мухталифи ватандӯстӣ ҷанбаҳои мухталифи он ба инобат гирифта шудаанд:

- ҷанбаи императивӣ: Ватандӯстӣ ин мавқеи ихтиёран қабулгардидаи инфирод аст, ки дар он бартарияти давлатӣ на маҳдуднамоӣ, балки ангезаи озодии инфиродӣ ва шароити ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад менамояд. Ин ватандӯстиро ҳамчун меъёри универсалӣ, ки муносибат, манфиат ва фаъолиятро танҳо дар як самт танзим менамояд, муайян мекунад: дар имкони ин ҳама бо асолате, ки ҳамчун эҳсос ва симои Ватан эҳсос мешавад;

- ҷанбаи фаъолиятӣ: Ватандӯстӣ фаъолияти мувофиқи иҷтимоӣ-фарҳангиро дар коллектив, иштироки коллективро дар равандҳои ҷамъиятӣ, фаъолгардии нақши ҷомеаро дар корҳои давлатӣ пешниҳод менамояд. Он ҳамеша ҳамчун мавқеъ ё муносибати шахсӣ ба ҷомеа баромад менамояд, он мазмуну мундариҷаи озодии инсон, нерӯи фаъолнокии ҳаётии он мегардад ва ченаки дохилии ҳаёт ва фаъолияти шахсият, коллектив, ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад;

- ҷанбаи захиравӣ: Ватандӯстӣ ҳамчун мутобиқати заминавӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мафиатҳои шахсият, коллектив, ҷомеа ва давлат ба шароити мавҷудияти худ баромад намуда, масъулият баланди тарафайнро барои устуворӣ ва амният пешниҳод менамояд. Ин захираи бузург барои худидоранамоӣ, ташаккули стратегияи рушди давлат ба ҳисоб меравад [50,152].

Дар асоси таҳлили таснифотҳои мухталифи мафҳуми “ватандӯстӣ” метавон чунин ҷанбаҳои онро махсусан қайд намуд:

- ватандӯстӣ захираи сафарбарнамоӣ: ватандӯстӣ ин захираи муҳими сафарбарнамоии ҷомеа (гурӯҳи иҷтимоӣ, этнос, шахсият) мебошад, ки ба ҳамгироии шароит, нерӯ ва воситаҳо барои проблемаҳои мавҷудаи стратегӣ, геополитикӣ, миллӣ ва фарҳангӣ равона карда шудаанд. Мувофиқан,

ватандӯстӣ ин мавқеи стратегӣ аст, ки бояд рушд карда бошад ва дар афзалияҳои маънои ҳаётии шахсият, дар муттаҳидии коллектив, дар барномаҳои тасавуроти ҷомеа, дар манфиатҳои сиёсии давлат ба таври дақиқ ва саҳеҳ ифода гардида бошад;

- ватандӯстӣ падидаи маънавӣ: ватандӯстӣ ин падидани маънавӣ аст, ки устувории бузургро дар ҳолати таназзул муддати тӯлонӣ дар халқ нигоҳ медорад, танҳо дар се чор насл ба пуррагӣ аз байн меравад. Дар асоси худ ватандӯстии воқеӣ ва маънавӣ хизмати беғаразона ва фидокоронаро ба Ватан пешниҳод менамояд. Он принсипи маънавӣ ва сиёсӣ, эҳсосоти иҷтимоӣ буд ва боқӣ мондааст, ки мазмуну мундариҷаи он дар меҳру муҳаббат ба Ватани худ, садоқату вафодорӣ ба он, ифтихор аз гузашта ва вазъияти имрӯза, саъю кӯшиш ва омодагии ҳифзи он ифода мегардад. Ватандӯстӣ яке аз эҳсосоти дақиқ аст, ки дар тули асрҳо дар мубориза барои озодӣ ва соҳибистиқлолии давлат мустаҳкам карда шудааст.

- ватандӯстӣ унсури шуури ҷамъиятӣ: ватандӯстӣ унсури шуури ҷамъиятӣ ва шуури инфиродӣ ба ҳисоб меравад. Дар сатҳи шуури ҷамъиятӣ зери мафҳуми ватандӯстӣ ғояи давлатии ягонагӣ ва беназирии халқи мазкур дар назар дошта шудааст, ки дар асоси анъанаҳо, қолабҳо, ахлоқ, таърих ва фарҳанги ҳар як миллати мушаххас ташаккул ёфтааст. Дар сатҳи шуури инфиродӣ ватандӯстӣ ҳамчун меҳру муҳаббат ба Ватан, ифтихор аз давлати худ, саъю кӯшиши донистан, фаҳмидан ва беҳтар намудани Ватани худ баррасӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ яке аз унсурҳои таркибии сохтори шуури ҷамъиятӣ мебошад, ки дар он муносибати шахс ба Ватан, ба халқ таҷассум гардидааст. Дар тули асрҳо ин муносибатҳо танҳо дар сатҳи психология зоҳир шуда, дар марҳилаҳои гузариш ва ҳолатҳои фоҷиавии рушди Ватан ангезаи пурқувваттарини ҳимояи он гардиданд;

- ватандӯстӣ ҳаракат барои арзишҳо: ватандӯстӣ ин на ҳаракат ба мухолифи чизе, балки ҳаракат барои арзишҳои ҷомеа ва шахсият мебошад. Ватандӯстӣ ин ҳолати рӯҳ ба ҳисоб меравад. Ин шакли мураккаби мавҷудияти

маънавӣ-психологии инсон ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, дар аксарияти кишварҳо масъалаи аҳамияти падидаи ватандӯстӣ барои давлат, ҷомеа ва ниҳодҳои мухталиф, ҳар як инсон дар алоҳидагӣ гузошта шудааст.

Ватандӯстӣ ҳамчун ғоя ва қувваи пешбарандаи ҷомеа ва давлат ҳанӯз аз тарафи мутафаккирони антиқа мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Дар марҳилаҳои минбаъдаи рушди таърихӣ ба масъалаҳои мухталифи ватандӯстӣ диққати махсус равона карда мешуд. Ҷанбаҳои мухталифи ин падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар афкори чунин мутафаккирон, ба монанди Афлотун, Арасту, Ситсерон, Ф.Бэкон, А. Шарте, Н.Макиавелли, Ш.Монтеске, Ж.Ж.Руссо, И.Г.Фихте, З.Фрейд, К.Ясперс ошкор карда шудааст. Файласуфон ва нависондагони рус, ба монанди В.Соловев, Ф.Федоров, Н.А.Бердяев, М. В. Ломоносов, А. С. Хомяков, Н. М. Карамзин, Ф. И. Тютчев, В. Г. Белинский, Н. Г. Чернышевский, Н. А. Добролюбов, Ф. М. Достоевский, В. С. Соловьев, Н. Ф. Федоров, Л. Н. Г. П. Федотов, Н. О. Лосский, С. Л. Франк, Г. В. Плеханов, П. Б. Струве, В. В. Розанов, С. Н. Булгаков ва дигарон низ ба ҷанбаҳои мухталифи ғояи миллӣ ва ватандӯстӣ рӯй оварда, онҳоро ошкор намудаанд.

Дар эҷодиёти мутафаккирон ва файласуфони зикргардида ватандӯстӣ ҳамчун қисми ҷудонопазир ва хусусияти муҳими ҳастии шаҳрвандони ҳар як давлати алоҳида баррасӣ мегарардад, ки тақдири минбаъдаи онро муайян менамояд. Ғояи ватандӯстӣ дар тамоми давру замон на танҳо дар ҳаёти маънавии ҷомеа, балки дар тамоми соҳаҳои муҳими фаъолияти он – дар идеология, сиёсат, фарҳанг, иқтисодиёт, экология мавқеи муҳимро ишғол менамуд. Ватандӯстӣ ин қисми таркибии ғояи миллӣ, қисми ҷудонопазири илм ва фарҳанги миллӣ, ки дар тули асрҳо коркард гардидаанд, ба ҳисоб меравад. Он ҳамеша ҳамчун сарчашмаи мардонагӣ, қаҳрамонӣ ва нерӯи халқ, ҳамчун шарти зарурии бузургӣ ва иқтидору тавонии давлат баҳогузорӣ карда мешавад [137,316].

Дар солҳои 30-уми асри XX аҳамияти ғояи ватандӯстӣ бо стратегияи

саноатикунонӣ бо суръати баланд ва мустаҳкам намудани қобилияти муҳофизатии давлат, дар солҳои 40-уми аср дар фидокорӣ дар мубориза бо душманон ва барқарорсозии баъдиҷангии хоҷагии қишлоқ, дар солҳои 50-60-ум пеш гузаштан аз ШМА, солҳои 70-80-ум падидаи ватандӯстӣ ба тавозуни қувваҳо дар мухолифати давлатҳо дар шароити "ҷанги сард" муайян гардида, солҳои 90-ум ба сиёсати кайҳонмарказии давлатии тафаккури нави сиёсӣ ва саъю кӯшишҳои либералӣ нигоҳ накарда, ватандӯстӣ омили нигоҳдории кишвар, роҳ надодан ба таназзули он баромад намудааст.

Баррасии масъалаи ватандӯстӣ қариб ҳамеша зери таъсири шумораи зиёди мухолифон қарор дошт, ки дар шаклҳои гуногун имкони рушди созанда ва ҳаматарафаи онро маҳдуд мекарданд. Дар инкишофи коркарди масъалаҳои ватандустӣ давраи шӯравӣ мақоми махсусро касб намуда буд. Дар ин давра таҳқиқоти масъалаҳои ватандӯстӣ паҳлӯҳои мухталифи онро фаро мегирифт. Аксари онҳо зери таъсири идеологияи ҳукмрон қарор гирифта, дарки якҷонибаи расмии моҳияти ватандӯстиро инъикос мекарданд.

Дар давраи шӯравӣ илми ҷамъиятии расмӣ падидаи ватандӯстии шӯравиро, пеш аз ҳама, аз нуқтаи назари ҳукмронии догмаҳои синфӣ-идеологӣ таҳқиқ ва тарғиб менамуд. Дар замони шӯравӣ илми расми ҷамъиятшиносӣ бо омӯзиш ва тарғиби падидаи ватандӯстии шӯравӣ фаъолона машғул буд. Диққати асосӣ ба баррасии ин падида аз мавқеи хукмронии догмаҳои синфӣ ва идеологӣ, ки принсипҳои идеологияи марксистӣ-ленинiро инъикос кардаанд, диққат дода мешуд.

Таҳиқиқи ватандустии шӯравӣ дар доираи муносибати марксистӣ, ки мубориза синфӣ ва сохтмони сотсиализмро таъкид мекард, гузаронда мешуданд. Ватандустӣ ҳамчун яке аз воситаҳои ташаккули шуури сотсиалистӣ ва садоқат ба ҳокимияти шӯравӣ маънидод карда мешуд.

Баррасии ватандӯстӣ дар заминаи мубориза бо "душманони халқ" ва "душманони синфӣ" як ҷанбаи муҳими таҳқиқот буд. Ин таркиби идеологии ватандустии шӯравӣ ва самтгирии онро ба муҳофизати манфиатҳои сохти

сотсиалистӣ таъкид мекард. Ташвиқи ватандустии шӯравӣ фаъолият дар соҳаи маориф, фарҳанг ва чорабиниҳои оммавиро дарбар мегирифт. Тарбияи ватандустӣ ҷузъи таркибии низоми тарбия ба шумор мерафт, ки ба тарбияи садоқат ба ғояҳои сотсиалистӣ нигаронида шуда буданд.

Дар таҳқиқот инчунин ба нақши ватандӯстӣ дар ташаккули ҳуввияти коллективӣ ва муттаҳидии ҷамъияти шӯравӣ баррасӣ мегардид. Муносибати ватандустӣ шарти зарурии инкишофи бомуваффақияти сохти сотсиалистӣ ва мубориза бар муқобили хавфи дохилӣ ва берунӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ҷамъияти шӯравӣ ватандустиро воситаи таъсирбахши мустахкам намудани ягонагӣ ва садоқати шаҳрвандон ба ҳокимияти шӯравӣ медонистанд. Дастгирии арзишҳои ватандӯстӣ ҳамчун зуҳуроти идеологияи синфӣ, ки ба манфиатҳои синфи коргар хизмат мекунад, қабул карда шуда буд. Ҳамин тавр, дар замони шӯравӣ омӯзиши ватандӯстии шӯравӣ бо назардошти идеологияи марксистӣ-ленинӣ сурат мегирифт, ки дар бархурд ба таҳлил ва таблиғи ин падида инъикос меёфт.

Лекин, ба ин нигоҳ накарда, наметавон қайд намуд, ки коркарди назариявии идеология ватандӯстӣ камтаҳқиқшуда ба ҳисоб мерафт. Корҳои назариявӣ ва таҳқиқоти муаллифон, ки ба таҳқиқи ватандӯстӣ бахшида шудаанд, таҷассуми марҳилаи бунёди сотсиализм ба ҳисоб мераванд, ки сазовори диққат ва баҳогузории нисбатан объективӣ мебошанд [42,18].

Дар ҷараёни ин баҳсҳо дар як қатор бо нашрияҳои ақлӣ, як қатор корҳое пайдо шуданд, ки фаҳми ватандӯстӣ ва масъалаи ташаккули онро дар ҷомеа бо муносибати эҷодӣ ва таҳқиқотӣ  тасниф менамоянд. Маҳсулнокии фаъолият дар ин самт аз он бармаояд, ки муаллифон бештар ба мероси афкори ватанӣ муроҷиат намуда, ба таҳлили объективонаи таҳқиқотҳои давраи шӯравӣ такя кардаанд, ки масъаларо дар алоқамандӣ бо тағйироту дигаргуниҳои ҷомеа баррасӣ намудаанд.

Мавҷудияти миқдори зиёди адабиёт оид ба масъалаи баррасишаванда шаҳодати инкишофи таҳлили ҷанбаҳои мухталифи он дар асосии фаъолгардии

таҳқиқотҳои мувофиқ дар соҳаи фалсафа, таърих, сиёсатшиносӣ, сотсиология ва педагогика ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, заминаи муаяни идомаи ҷустуҷӯи назариявии ҷанбаҳои мухталифи масъалаи ватандӯстӣ, рушди он дар шароити муосир бунёд карда шудааст.

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ватандӯстӣ ҳамчун омили муттаҳидкунандаи ҷомеа ва ҳифзкунандаи манфиатҳои миллӣ баромад менамояд. Аз ин хотир метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза тарбияи ватандӯстӣ яке аз омилҳои асосӣ ва муҳими рушди ҷомеа, давлат ва давлатдории тоҷикон баромад менамояд.

Ватандӯстии муосир дар Тоҷикистон ба таҳкими ваҳдати миллӣ, нигоҳ доштани анъанаҳои фарҳангию таърихӣ, инчунин бунёди ояндаи ободи кишвар нигаронида шудааст. Ҷузъи муҳими тарбияи ватандӯстӣ дар шаҳрванд ташаккул додани ҳисси масъулият барои тақдири кишвари худ мебошад.

Муассисаҳои таълимӣ, васоити ахбори омма ва ниҳодҳои давлатӣ барномаву чорабиниҳоеро, ки ба ташаккули шуури ватандӯстии ҷавонон нигаронида шудаанд, фаъолона амалӣ мекунанд. Ин баргузории чорабиниҳои ватандӯстӣ, омӯзиши таъриху фарҳанги халқи тоҷик ва ҷалби ҷавонон ба ташаббусҳои шаҳрвандӣ ва ҷомеаро дар бар мегирад.

Дар шароити истиқлолияти Тоҷикистон, ки дар он ҳувияти миллӣ бунёд мешавад, ватандӯстӣ ҳамчун ангезаи тавонои ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ баромад мекунад. Фаъолияти шаҳрвандӣ ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятии мамлакат ҷиҳатҳои муҳими ифодаи ҳиссиёти ватандустӣ гардидааст. Ҳифз ва рушди фарҳангу забон ва таърихи тоҷикон ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳувияти миллӣ табдил ёфта, рӯҳияи ватандӯстии шаҳрвандони Тоҷикистонро мукаммал ва тақвият мебахшад. Ватандӯстӣ асоси ташаккули ҳувияти шаҳрвандӣ ва ҳисси ифтихор аз кишвари худ мегардад.

Метавон қайд намуд, ки дар таърихи навини кишвар даврабандии мушаххаси моҳияти ватандӯстӣ ҷудо карда мешавад [32,39]:

- солҳои 20-50-уми асри XX: таҳсилоти самтгириҳои идеологӣ, муттасилии вазифаҳои иҷтимоии ҳаёт ва фаъолият, ба монанди октябрятҳо, пионерон, комсомолон. Дар ин марҳила чунин хусусиятҳо ҷудо карда мешуданд: умумият, муттаҳидӣ, ягонагӣ, фидокорӣ, масъулиятшиносӣ. Шакли тоталитарии коллективистӣ, махсусан дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар чунин хусусият ба монанди боварӣ ба адолатнокӣ ва саъю кӯшиш ба адолат такя менамуд. Маҳз аз ҳамин ҷанба идеологияи баробарӣ, рад намудани боигарӣ, баробарӣ дар тақсими адолатнокии неъматҳо сарчашма мегирад. Омили табиӣ, ки ин сифатҳоро дар низом пурра ва инкишоф медиҳанд, психология коллективии ватандӯстии Ватани хурд ва Ватан аст;

- солҳои 50-80-уми асри XX: идеологизми демократияи меъёрӣ, ки дар он чунин принсипҳо, ба монанди ҳама, ҳама ягона ва ҳар нафаре, ки бо мо нест бар зидди мост истифода мегардиданд. Албатта, истифодаи чунин принсипҳо, дар сатҳи муайян ба ватандӯстии тамоми аҳолӣ мусоидат менамуд, ки дар он идеология нақши асосиро иҷро менамуд;

- охири солҳои 80 –уми асри XX: демократияи иҷтимоӣ, рад намудани тарҳи ташаккулёфтаи таълим ва тарбия, ҷустуҷӯи тарҳи нави ғарбӣ, ки дар он чунин ҷанбаҳо, ба монанди утилитаризм, танқид, фаромушкунӣ, шиддатгирии мухолифатҳо ва фаромуш кардани гузашта мавқеи асоси доштанд;

- оғози солҳои 90-ум- 2013: демократияи либералӣ, гузариш ба тарҳи ғарбии таҳсилот, навовариҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, шикасти тамоми низоми пешина дар кишвар. Дар демократияи либералӣ дар фардият ва эътирофи шахсият сарчашмаи якуминдараҷа ва асосии ҳокимият асос ёфтааст. Дар низомҳои ҷамъиятӣ, ки дар асоси арзишҳои демократияи либералӣ асос ёфтаанд, инсон арзишҳои шахсии худро аз арзишҳои давлатӣ боло мегузорад, озодии ӯ нисбат ба озодии давлат афзалият дорад. Ҳамин тариқ метавон қайд намуд, ки дар чунин ҳолат ватандӯстӣ, бештар хусусияти рӯякӣ пайдо менамояд ва барои либералистон танҳо шиори мушаххас аст;

-2014-то ба имрӯз: озодӣ ва демократия, ки дар он ягонагии сиёсиву

ҳуқуқии давлат, устуворгардии рушди иқтисодӣ, баланд гардидани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, мустаҳкам гардидани мавқеи кишвар дар арсаи байналхалқӣ ҷанбаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд.

Тамоми мухталифияти муносибатҳои фаҳми ватандӯстӣ, ки дар адабиёти илмӣ-таҳқиқотии таърихӣ ва муосир пешниҳод карда шудаанд, метавон шартан ба самтҳо ҷудо намуд. Маҳз дар асоси чунин ҷудонамоӣ аломати асосии он муайян гардида, мавқеи ватандӯстӣ ошкор карда мешавад. Мавқеи ватандӯстӣ – ин саъю кӯшиши инсон ба иштирок дар модернизатсияи кишвар, ба баландбардории босуръати самаранокии хоҷагидорӣ, ба ҷамъоварии қавииродаи тамоми нерӯҳои ҷомеа барои ҷаҳиш ба пеш, ба баромад аз бепарвоӣ ва беэътиноӣ ба вазъияти имрӯза ва ояндаи худ мебошад. Дар ин радиф метавон як қатор самтҳои таҳқиқоти падидаи ватандӯстиро ҷудо намуд, ки мавқеи таҳқиқотии фаҳми моҳияти онро ошкор менамоянд.

- самти якум – самти эҳсосоти олӣ ба ҳисоб меравад, ки ватандӯстиро тариқи эҳсосоти меҳру муҳаббат ба Ватан муайян менамояд. Дар ин самт метавон ақидаҳои Н.О.Лосской, И.А.Илин, Н.А.Бердяев ва дигаронро ворид намуд [55,128];

- самти дуюм – самти фаъолиятӣ аст, ки дар фаҳми ватандӯстӣ ҳамчун яке аз ҳиссиёти олӣ ва нисбатан аҳамиятнок барои инсон асос меёбад. Ин ҳиссиёт, мувофиқи ақидаи намояндагони ин самт бояд инсон, гурӯҳ ва миллатро ба амалҳои фаъол водор намояд [81,6];

- самти сеюм – ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ баррасӣ карда мешавад. Мазмуну мундариҷа ва хусусияти ин самт, аз бисёр ҷиҳат, аз хусусиятҳои рушди таърихии ҷомеа, давлат ва сиёсати элитаи ҳукмрон бармеояд [56,137]. Тарафдорони ин самт ин падидаро ватандӯстии давлатӣ меноманд. Онҳо чунин мешуморанд, ки ба фаъолияти мақсадноки ташаккули шуури ватандӯстӣ дар ҷомеа ва бунёди шароити зарурӣ барои зуҳуроти он бояд ниҳодҳои давлатӣ дар ҳамкории ногусастанӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ машғул шаванд [4,98].

- самти чорум - ватандӯстӣ ҳамчун яке аз падидаҳои ҳаёти маънавии ҷомеа баррасӣ карда мешавад. Дар як қатор таҳқиқотҳо ватандӯстӣ дар асоси рушди таърихи ватанӣ ҳамчун зуҳуроти хусусияти махсуси шуури ҷамъиятӣ, менталитети психикаи гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ омӯхта шудааст [130,121].

- самти панҷум – ҳамчун ватандӯстии шахсӣ баррасӣ карда мешавад. Дар ин самт шахсият нисбат ба дигар субъектҳои ватандӯстӣ мавқеи асосиро доро мебошад. Нақши фаъоли созандаи шахсият дар раванди рушди сифатҳои зеҳнӣ, ахлоқӣ, маънавӣ-эҷодӣ, фаъолиятӣ ва хусусияти шаҳрванд, ҳимоятгари Ватан зоҳир мегардад [144,250].

- самти шашум, аз бисёр ҷанба бо самти панҷум алоқаманд аст. Чунин алоқа дар он зоҳир мегардад, ки субъекти ватандӯстӣ шахсият баромад менамояд. Ватандӯстӣ бошад ҳамчун омили муҳими рушди шахсият, махсусан, рушди маънвӣ, худифоданамоӣ баррасӣ карда мешавад. Мазмуну мундариҷаи сифатҳои ватандӯстии шахсият бо оғози динӣ алоқаманд карда мешавад. Аз ин хотир як қатор муаллифон ин самтро ҳамчун самти маънавӣ-динӣ баррасӣ намудаанд. Ин самти ватандӯстӣ дорои решаҳои устувор дар шакли анъанаҳо мебошад [153,83].

Ватандӯстӣ ҳамчун ҳолати табии маънавӣ-ахлоқӣ, аз сатҳи инкишоф ва зуҳуроти воқеӣ баррасӣ карда мешавад, ки аз он мавқеи кишвар дар арсаи байналхалқӣ ва устуворӣ дар дохили кишвар вобаста аст.

Яке аз проблемаҳои ҷиддии ҷой надоштани баҳогузории зарурии ватандӯстӣ дар шароити муосир гуногунӣ ва серҷанба будани коркардҳои назариявии ғояи ватандӯстӣ, ташвиқу тарғиботи ин ғояҳо дар воситаҳои ахбори умум, муқаррароти ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки ин омилҳо ба таври назаррас ба муқаррароти ватандӯстии аҳолӣ дар ҳимояи Ватани худ таъсир мерасонанд [125,74]. Танҳо бо хулосабарории дуруст дар асоси таҳлили сабабҳо ва омилҳои объективӣ ва субъективӣ, ки ба коҳиш ва маҳдудгардии ғояи ватандӯстӣ оварда мерасонанд ва бо дарки зарурати тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ дар ҷомеа метавон дар ин самт

муваффақиятҳои назаррасро ба даст овард.

Дар асоси таҳлили таснифотҳои мухталифи ватандӯстӣ ва ҷанбаҳои мухталифи ватандӯстӣ дар асоси донишҳои назариявӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

- ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва унсури шуури ҷамъиятӣ қисми ҷудонопазири сохтори илмҳои ҷомеашиносӣ ва фарҳанги ватанӣ, ки таърих ва арзишу анъанаҳои муайян дорад, ба ҳисоб меравад;

- ватандӯстӣ ҳамеша ҳамчун рамзи мардонагӣ, диловарӣ ва қаҳрамонӣ, қувваи миллат ва халқият, ҳамчун шарти зарурии ягонагӣ, бузургӣ ва қудратмандии давлат баррасӣ карда мешавад;

- моҳияти ватандӯстӣ аз тарафи мутафаккирон дар асоси ифодаи маънавӣ ва зуҳуроти воқеӣ ба таври мухталиф тасниф карда шудааст. Баррасии масъалаи ватандӯстӣ зери таъсири миқдори зиёди рақибон, ки дар шаклҳои гуногун имконияти коркари созанда ва асосноки онро маҳдуд менамуданд, қарор дошт. Аз ин хотир коҳиши ҷанбаҳои мухталифи ғояи ватандӯстӣ, ҳатто кӯшиши ба пуррагӣ бартараф намудани ин ғоя мушоҳида карда мешуд;

- дарки муосири ватандӯстӣ иштироки тамоми шаҳрвандонро дар мустаҳкам намудани обрӯву эътибори давлат дар дохил ва хориҷ аз ҳисоби рушди саноатикунонии миллӣ, хоҷагии қишлоқ, фарҳанг ва санъат, технологияҳои навин пешниҳод менамояд.

Вазифаҳои ватандӯстиро дар шароити имрӯза метавон чунин арзёбӣ намуд:

-нигоҳдорӣ ва ҳифзи давлату давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои ҷамъиятӣ;

-таҷдиди муносибатҳои иҷтимоии ифодакунандаи ватандӯстӣ;

-таъмини шароити мусоиди ҳаёт ва фаъолияти инсон дар муҳити мазкури иҷтимоӣ-фарҳангӣ;

-ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ ва ягонагии он;

-ҳуввияти шахсият дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии Ватани хурд ва

мутобиқ намудани худ дар фазои Ватани бузург;

- сафарбарнамоии захираҳои шахсият, коллективи мушаххас, ҷомеа, давлат дар таъмини устувории иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ;

-ташаккули маънои шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар мавқеи ҳаётӣ ва стратегияи щахсият;

- тоқатпазирӣ дар раванди муттаҳидшавии ҷомеа [103,36].

Принсипҳои ватандӯстӣ яке аз шаклҳои ифодаи талаботҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва ғоявӣ мебошад, ки дар шакли нисбатан умумӣ мазмуну мундариҷаи хизмат ба Ватанро ошкор менамояд. Онҳо талаботҳои асосии моҳияти хизмат ба Ватан, таъмини ягонагии манфиатҳои одамон, коллектив, хусусияти муносибати тарафайни одамон дар ҷомеа, давлат, муайяннамоии самтҳои умумии фаъолияти инсонро ифода менамоянд ва дар асоси меъёрҳои рафтор ҷой доранд. Дар чунин ҳолат онҳо нишондиҳандаи ахлоқ, фарҳанг, ватандӯстӣ ва шаҳрвандият ба ҳисоб meраванд.

Принсипҳои ватандӯстӣ аҳамияти умумӣ доранд, тамоми одамонро дарбар мегиранд, асосҳои фарҳанги муносибати тарафайнро, ки дар раванди тӯлонии рушди таърихии ҷомеаи мушаххас бунёд шудаанд, мустаҳкам менамоянд. Дар асоси таҳлили адабиёти мухталиф метавон чунин принсипҳои ватандӯстиро ҷудо намуд:

-принсипҳои миллӣ-идеологӣ: арзиши афзалиятнок ва аҳамияти баланди иҷтимоии ватандӯстӣ дар шуур, эҳсосот, амалҳо ва муносибатҳои инфирод; умумият ва беҳамтоии ватандӯстӣ; соҳибихтиёрӣ, ягонагӣ ва тақсимнопазирии кишвар; хизмат ба Ватан; муттасилии рушди таърихӣ ва этникиву фарҳангӣ; ифтихор ва садоқатмандӣ ба гузаштаи Ватан;

-присипҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ: ягонагии манфиатҳои шахсӣ, коллективӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ; ҳуввияти миллӣ, иҷтимоӣ ва этникиву фарҳангӣ; мустаҳкамгардӣ ва худтаъминкунии фарҳангӣ; нигоҳдорӣ ва таҷдиди анъанаҳои ватанӣ; қарзи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии инсон; фаъолият барои некӯаҳволии Ватан;

-принсипҳои иҷтимоӣ-педагогӣ: баланд бардоштани мавқеи иҷтимоии тарбияи ватандӯстӣ; ягонагии матн, эҷоди маъно ва бунёдкории проблемавии тарбияи ватандӯстӣ; мутобиқати рамзҳо ба мақсади тарбия [125,77].

Аҳамияти ватандӯстӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун захираи пурқуввати сафарбарнамоии рушди шахсият, коллектив, ҷомеа ва давлат баромад менамояд, нерӯи шаҳрвандонро дар ҳалли масъалаҳои рушди ҷамъиятӣ ва давлатӣ, дар фидокории сатҳи баланд ба хотири бадастории мақсадҳои умумӣ – нигоҳдорӣ ва рушди ватан, саъю кӯшиши нигоҳдорӣ ва мусоидатнамоӣ ба рушди давлатдорӣ, соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ, ғояҳо ва арзишҳои ҷамъиятӣ фаъол мегардонад.

Дар вобастагӣ аз объекти садоқат, чунин навъҳои ватандӯстӣ ҷудо карда мешавад: ватандӯстии авлодӣ, ки дар он объекти садоқат оила ва авлод ба ҳисоб меравад; ватандӯстии маҳаллӣ, ки объекти садоқат деҳа ё шаҳр ҳисобида мешавад; ватандӯстии миллӣ, ки объекти он миллат, халқ, таърих ва фарҳанги халқ, арзишҳои иҷтимоии халқ аст; ватандӯстии давлатӣ, ки объекти садоқат давлат шуморида мешавад; ватандӯстии синфӣ, ки объекти садоқати он синфи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад; ватандӯстии корпоративӣ, ки объекти садоқати он созмон ё ташкилот, ки аз нуқтаи назари инсон манфиатҳои ҷамъиятиро ифода менамояд.

Шароити мавҷудияти ватандӯстӣ ин имконияти таҷдиди оила, этнос, халқ, миллатҳо, мавҷудияти дурнамои рушди ҷомеа, тавозуни энергетикӣ, маънавӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳамоҳангии муносибати шахсият, оила, ҷомеа ва давлат, талаботи ҳар як субъект ба ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Ватандӯстӣ инчунин ҳамчун ҷавоби муҳофизатӣ ба маҳдуднамоӣ, вайроннамоии ҳаёти табии этнос, миллату халқият ташаккул меёбад [125,73].

Ҳуввияти ватандӯстӣ ҳамчун бунёдии муҳими худшиносии шахсӣ дар марҳилаҳои мухталифи интихоби мустақили стратегияҳои ҳаётӣ ва давраҳои алоҳидаи таркиби он баромад менамояд ва ҳамчун даркнамоӣ, баҳогузории сифатҳо ва имкониятҳои шахсии худ, ҳамчун мутобиқнамоии онҳо бо

талаботҳои амнияти миллии давлат муайян карда мешавад.

Аз ин рӯ, ҳувияти ватандӯстӣ ҳамчун низоми муқаррарот нисбат ба худ ҳамчун ба субъекти хизматнамоӣ ба Ватан, ки омодагӣ ва майлу хоҳиши инсонро ба интихоби даркгардидаи мустақили хатти рафтор, муносибат ва фаъолиятро муайян менамояд, баррасӣ карда мешавад. Ин бунёдии шахсӣ бо сатҳо иттилоотонӣ оид ба худ, оид ба Ватани хурд ва бузург, таърихи он, даркнамоӣ ва баҳогузории сифатҳои шахсии худ, имкониятҳои мутобиқати онҳо ба ормонҳои хизматнамоӣ ба Ватан ва наздикони худ муайян карда мешавад.

Ташаккули асосҳои ҳувияти ватандӯстӣ раванд аст, ки мантиқи он ҷойгиршавии марҳилавии "образи Ман"-ро дар таҷрибаи азхудшудаи хизмат ба Ватан таҷассум менамояд ва бо пайдарпайии зерин амалӣ мегардад: мақсад – маъно барои шахсият – ангезаи интихоби мавқеи ҳаётӣ – дониш оид ба худ – дониш оид ба Ватан ва талаботҳо ба щахсият, ки ба он хизмат менамояд – худбаҳодиҳии сифатҳои шахсӣ мувофиқ ба талаботҳо ба ҳимоятгар ва бунёдгари шуҳрати давлат – мувофиқнамоии "образи Ман" бо образи хизмат ба Ватан – "образи Ман" ҳамчун омодагӣ ба бунёдкорӣ ва ҳимояи Ватан.

Ташаккули ҳувияти ватандӯстӣ, ки сифатҳои маънавӣ, биологӣ-иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-биологии инсонро муайян менамояд, ба сифати самти ҳукмрони таҳсилоти ватандӯстӣ-самтгирӣ, ки ба коркарди стратегияи инфиродии рафтории тарзи ҳаёти инсон дар асоси ягонагии манфиатҳи шахсӣ, коллективӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ равона карда шудааст, баррасӣ карда мешавад.

Вазифҳои ҳуввияти ватандӯстӣ дар сохтори шахсияти ҷавонон, ҳимоятгарон ва бунёдгарони Ватанро метавон чунин арзёбӣ намуд:

- вазифаи самтгирӣ дар ҷаҳони дохилии худ, ки худшиносӣ ва хулбаҳодиҳиро дарбар мегирад. Худшиносӣ дар дарки хусусиятҳои равонии худ, шомилияти ҷинсӣ, ташхиси рафтор, ки дар натиҷаи далелҳои худмушоҳиданамоӣ пайдо мешаванд, инчунин дар дарки қобилият ва имкониятҳои эҳтимолии худ дар равани бадасторӣ ва амалинамоии таҷрибаи

хизмат ба Ватан зоҳир мегардад;

-вазифаи таъиннамоии мақсад коркарди барномаи бадастории натиҷаи ниҳоӣ, ки бо “Ман образ”, бо тасаввурот оид ба имкониятҳо, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва қарзи худ мувофиқа карда шудааст;

- вазифи худтанзимнамоӣ дар риоя намудани меъёр ва қоидаҳои рафтори ватандӯстӣ мувофиқи принсипҳои хизмат ба Ватан дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолият зоҳир гардида, ба рушди муносибати бошуъури эҳсосотӣ-арзиши ба образи Ватан мусоидат менамояд;

-вазифаи мукаммалгардӣ дар азхудкунии восита ва усулҳои фаъолияти самараноки саломатӣ ва маънавӣ зоҳир мегардад, ки ба мувофиқнамоии вазъияти амалнамоӣ организм ва зеҳни худ, баланд бардоштани устувории онҳо ба таъсиррасониҳои манфии муҳити моддӣ ва маънавӣ равона гардидааст;

- вазифаи гностикӣ, ки дар ташаккули ғояҳои ватандӯстӣ, азхудкунии арзишҳо, рамзҳо ва ғайраҳо амалӣ мегардад [146,24].

Қайд намудан зарур аст, ки вазифаҳои зикргардидаи ҳувияти ватандӯстӣ имконият доданд, ки дарки мазмуну мундариҷа ва сохтори дохилии он муайян карда шаванд, ки дар асоси таҳқиқотҳо ва таҳлили омилҳои педагогӣ ба он унсурҳои зерин ворид карда шудааст; маърифатӣ-арзишӣ, ҳавасмандӣ, рефлексиву баҳогузорӣ, рафторӣ.

Унсури маърифатӣ-арзишӣ донишҳо ва тасаввурот оид ба образи фазоии хизмат ба Ватан дар сатҳи қабулгардӣ инчунин сатҳи азхудкунии малакаву маҳорати амалинамоии принсипҳо, талаботҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ дар раванди ҳаёт ва фаъолиятро таҷассум менамояд. Аз ин хотир, зуҳуроти ватандӯстӣ дар шароити муосир ин ошкор намудани ҳамон нерӯ, ки бояд ба фаъолгардии ташаббусҳо, оғози кори эҷодӣ ва созандагӣ дар самти барқарорнамоии кишвар мусоидат менамояд; ин бартараф намудани маргинализм ва иҷтимоигардии бардурӯғ; ин фаъолгардии ҷамоа ва фарҳанг, маҳдуд ва рад намудани худхоҳиву эгоизм, тағйироти самтгирии манфиатҳои шахсӣ; ин шарҳи мундариҷа ва мустаҳкам намудани “Мо”-и коллективона,

васеъ намудани якдилии шаҳрвандӣ, ҳиссиёт ва дарки ҳуввият мебошад [4,93].

Дар шароити муосир муносибатҳои мухталифи фаҳми ватандӯстӣ мавҷуданд, ки онҳоро мувофиқи аломатҳо метавон тасниф намуд:

-ватандӯстӣ ҳамчун яке аз ҳиссиёти олӣ, ки дар синнусоли кӯдакӣ зоҳир мегардад ва дар амалияи иҷтимоиву фарҳангӣ, махсусан дар амалияи маънавӣ рушд намуда, ғанӣ мегардад;

- ватандӯстӣ ҳамчун зуҳуроти фаъолияти иҷтимоӣ дар асоси мазмуну мундариҷа ва арзишҳои шуур, амал ва рафтор, ки ба хотири Ватан амалӣ меарданд, фаҳмида мешавад;

-ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-таърихӣ муайян карда мешавад, ки сарчашма ва мазмуну мундариҷаи фазогии мавҷудият, рушд ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо зинда мондани инсон ва ҷомеа ба ҳисоб меравад;

-принсипҳои асосии ватандӯстӣ якдилӣ ва адолати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат ватандӯстӣ ҳамчун омили мустаҳкам намудани кишвар дар арсаи байналхалқӣ баромад менамояд;

-ба сифати субъекти ватандӯстӣ инсони мушаххас баромад менамояд, ки афзалиятҳои ӯ бо мақсади иҷтимоии даркнамоӣ, азхуднамоии фаъолияти таърихӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва маънавӣ дар бунёдкорӣ ва ҳимояи Ватан муайян карда мешавад;

- хусусияти интегративии ватандӯстии ҳақиқӣ ҷавҳари арзишӣ-ангезандаи фарҳанг, шаҳрванд, ватандӯст, ки ҷавҳари он дар маънавият буда, фидокорӣ, масъулиятшиносӣ, садоқат ва ǵайраро дар хидмат ба Ватан дар бар мегирад, ки дар ҳама давру замон омили асосӣ, дастурҳо -танзимкунандагони фаъолияти ҷамъиятӣ, мазмун ва мақсади ҳаёти шахси мушаххас хамчун муносибати вай ба вазифаи худ дар хаёт, ба ҳисоб мерафт [97,100].

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои мухталиф, метавон аломатҳои ватандӯстиро чунин баррасӣ намуд:

-ҳисси Ватан (эҳсоси алоқа бо Ватан) ва садоқат ба он, ки дар анъанаҳои қадимаи ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, муттаҳидӣ асос ёфтааст;

- муносибат ба Ватан - мавқеъ дар замон ва макони мавҷудияти инфирод дар доираи Ватани хурд ва бузург;

- боварӣ ва меҳру муҳаббати беандоза ба Ватан ва халқ ҳамчун амали эҷодии худмуайяннамоии маънавӣ;

-ифтихор аз гузаштаи қаҳрамононаи Ватан, саховатмандӣ ба марҳилаҳои тақдирсози таърихи худ, садоқат ба ғояҳо, арзишҳо ва анъанаҳои халқи худ, ҳисси қарз дар назди Ватан, омодагӣ ба ҳимоя, ҳифз ва афзун намудани шаъну шарафи Ватани худ;

-хизмат ба манфиатҳои махфии Ватан, ки аз ҳимояи ҷисмонӣ, ҳудудӣ, сиёсӣ, ягонагии фарҳангии давлат, нигоҳдории миллат иборат аст;

-масъулият барои тақдири Ватан ва халқи худ, барои ояндаи онҳо, кӯшиши истифодаи нерӯи худ баҳри нигоҳдорӣ ва афзун намудани шуҳратмандии он;

-тасаввурот оид ба кишвари худ ҳамчун субъекти низоми ҷаҳонӣ, бунёдии якпорчагӣ ва батағйири фундаменталӣ;

-бартараф намудани худхоҳии шахсӣ, миллӣ ва динӣ, сатҳи баланди маънавиёти шахсӣ [103,36].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки ғояҳои ватандӯстӣ дар эҷодиёти аксарияти маорифпарварон, нависандагон, таҳқиқотҳои файласуфон, фаъолони ҷамъиятӣ, омӯзгорони машҳур мавқеи хосса пайдо намудаанд. Мазмуну мундариҷа ва самтнокии ватандӯстӣ, пеш аз ҳама, бо фазои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа ва решаҳои таърихии он, ки ҳаёти ҷамъиятиро таъмин менамояд, муайян карда мешавад. Нақш ва аҳамияти ватандӯстӣ дар ҳолатҳои номуқаррарии таърих, вақте ки самтҳои объективии рушди ҷомеа бо афзоиши шиддатнокии нерӯҳо ва шаҳрвандони он ҳамроҳӣ карда мешаванд, баланд мегардад.

Ватандӯстӣ як навъ шакли самтгирии ҳаётии шаҳрвандон дар татбиқи стратегияи ҳаётии ба манфиатҳои воқеии иҷтимоӣ ва интизориҳои коллектив, ҷомеа ва давлат мувофиқ мебошад, ки дар зеҳни шаҳрванд, дар маънои мавҷудияти ӯ ва тарзи ҳаёти ӯ таҷассум гардидааст. Ватандӯстӣ ин асоси самтгириҳои ҳаётӣ ба ҳисоб меравад, ки стратегияи рушди шахсият, ҷомеа ва

давлатро муайян менамояд.

Дар асоси таҳлили таснифотҳои мухталифи мафҳуми “ватандӯстӣ” метавон чунин ҷанбаҳои он, ба монанди ватандӯстӣ захираи сафарбарнамоӣ; ватандӯстӣ падидаи маънавӣ; ватандӯстӣ унсури шуури ҷамъиятӣ; ватандӯстӣ ҳаракат барои арзишҳоро махсусан қайд намуд.

Яке аз проблемаҳои ҷиддии ҷой надоштани баҳогузории зарурии ватандӯстӣ дар шароити муосир гуногунӣ ва серҷанба будани коркардҳои назариявии ғояи ватандӯстӣ, ташвиқу тарғиботи ин ғояҳо дар воситаҳои ахбори умум, муқарраротои ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки ин омилҳо ба таври назаррас ба муқарраротои ватандӯстии аҳолӣ дар ҳимояи Ватани худ таъсир мерасонанд

Аҳамияти ватандӯстӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун захираи пурқуввати сафарбарнамоии рушди шахсият, коллектив, ҷомеа ва давлат баромад менамояд, нерӯи шаҳрвандонро дар ҳалли масъалаҳои рушди ҷамъиятӣ ва давлатӣ, дар фидокории сатҳи баланд ба хотири бадастории мақсадҳои умумӣ – нигоҳдорӣ ва рушди Ватан, саъю кӯшиши нигоҳдорӣ ва мусоидатнамоӣ ба рушди давлатдорӣ, соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ, ғояҳо ва арзишҳои ҷамъиятӣ фаъол мегардонад.

Мавҷудияти миқдори зиёди адабиёт оид ба масъалаи баррасишаванда шаҳодати инкишофи таҳлили ҷанбаҳои мухталифи он дар асосии фаъолгардии таҳқиқотҳои мувофиқ дар соҳаи фалсафа, таърих, сиёсатшиносӣ, сотсиология ва педагогика ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, заминаи муайяни идомаи ҷустуҷӯи назариявии ҷанбаҳои мухталифи масъалаи ватандӯстӣ, рушди он дар шароити муосир бунёд карда шудааст.

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ватандӯстӣ ҳамчун омили муттаҳидкунандаи ҷомеа ва ҳифзкунандаи манфиатҳои миллӣ баромад менамояд. Аз ин хотир метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза тарбияи ватандӯстӣ яке аз омилҳои асосӣ ва муҳими рушди ҷомеа, давлат ва давлатдории тоҷикон баромад менамояд.

Тамоми мухталифияти муносибатҳои фаҳми ватандӯстӣ, ки дар адабиёти илмӣ-таҳқиқотии таърихӣ ва муосир пешниҳод карда шудаанд, метавон шартан ба самтҳо ҷудо намуд. Маҳз дар асоси чунин ҷудонамоӣ аломати асосии он муайян гардида, мавқеи ватандӯстӣ ошкор карда мешавад. Мавқеи ватандӯстӣ – ин саъю кӯшиши инсон ба иштирок дар модернизатсияи кишвар, ба баландбардории босуръати самаранокии хоҷагидорӣ, ба ҷамъоварии қавиродаи тамоми нерӯҳои ҷомеа барои ҷаҳиш ба пеш, ба баромад аз бепарвоӣ ва беэътиноӣ ба вазъияти имрӯза ва ояндаи худ мебошад. Дар ин радиф метавон як қатор самтҳои таҳқиқоти падидаи ватандӯстиро ҷудо намуд, ки мавқеи таҳқиқотии фаҳми моҳияти онро ошкор менамоянд.

## 1.2 Асосҳои ташкиливу педагогии низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ

Дар шароити имрӯза дар Тоҷикистон дигаргуниҳои амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ бо мақсади гузариш ба давлати ҳуқуқии демократӣ бо иқтисоди бозоргонӣ амалӣ мегардад. Ҳолати муҳими тасаввуроти муосир оид ба нақши ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар танзими равандҳои ҷамъиятӣ шаклҳои мухталифи объективӣ ва субъективии танзимнамоӣ дар вобастагӣ аз мавҷудият ё ҷой надоштани амалҳои бошуронаи танзимӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат таъсиррасонии объективӣ аз чунин навъҳои таъсиррасонӣ, ба монанди таъсиррасонии табиӣ, таъсиррасонии иҷтимоиву фарҳангӣ ва истеҳсоливу иқтисодӣ иборат мебошад. Таъсиррасонии субъективӣ ин таъсирасонии бошуури субъект ба равандҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки таъсиррасонии объективии танзимнамоӣ новобаста аз шуур ба таври стихиявӣ амалӣ мегардад.

Дар асоси чунин тағйиротҳо самтҳои ҳамкорӣ ва вобастагии тарафайни субъектҳо, муборизаи бошиддат барои манфиатҳои иқтисодӣ ва геополитикӣ, бартарии ҳарбӣ, таъсиррасонии сиёсӣ, идеологӣ ва этникиву мазҳабӣ ба миён меоянд. Бо назардошти рушди ҷомеаи тоҷик ва маорифи ватанӣ, метавон қайд намуд, ки тағйиротҳои амиқ дар асоси самтгириҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба

дигаргуниҳо дар муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сохтори давлативу сиёсии кишвари мо равона гардидаанд. Саъю кӯшиши ҷомеаи тоҷик ба ғояҳои инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, якдилии иҷтимоӣ, демократия, бунёди шароит барои рушди инсон, ки аз тарафи коллектив, ҷомеа ва давлат талаб карда мешаванд, самтҳои асосии модернизатсияи маорифро муайян менамоянд.

Дар шароити имрӯза ба низоми тарбия қонунҳои бозор ворид гардида, як қатор мухолифатҳоро ба миён овардаанд, ки дар қатори онҳо аз даст додани фаъолияти васеи таҳсилотӣ дар раванди таълимӣ-тарбиявӣ ва самтгирӣ ба талаботи бозори муосир асосӣ ҳисобида мешавад. Дар натиҷа, халадор гардидани талаботҳои ахлоқӣ ба миён меояд, ки бо нишондиҳандаҳои ратсионалият иваз карда мешаванд. Дар чунин ҳолат, мавқеъ ва аҳамияти талаботҳои ахлоқӣ коҳиш меёбанд ё пурра аз байн мераванд, ки боиси пайдо гардидани рафтори “корӣ” мегардад.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун қисми таркибии раванди гуногунҷанба ва ягонаи педагогии ташаккули шахсият баррасӣ карда мешавад ва ҳамчун фаъолият, ки ба рушди ҳиссиёти ватандӯстӣ, ангезаҳо ва меъёрҳои устувори рафтор, ташаккули донишҳо, арзишҳо, сифатҳои шахсии ватандӯстӣ, ки барои иҷтимоигардии бомуваффақи шахсият заруранд, муайян карда мешавад. Мавҷудияти ҳиссиёти рушднамудаи ватандӯстӣ ин нишондиҳандаи ташаккули маънавӣ-ахлоқии шахсият, ташаккули самтгириҳои арзишӣ, муқарраротиҷаҳонбинӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити имрӯза дар сатҳи ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба сифати шароити муҳими муваффақияти тарбияи ватандӯстӣ зарурати ташкили корҳо оид ба нигоҳдорӣ ва эҳёи арзишҳои анъанавии фарҳанги миллӣ муқаррар гардидаанд. Тарбия ва рушди ҳиссиёти ватандӯстӣ, шиноснамоии шахсият бо арзишҳои фарҳанг яке аз шароитҳои эҳё ва нигоҳдории асосҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва ватандӯстии характери миллӣ ба ҳисоб меравад.

Тарбияи ватандӯстиро ба самти мустақили корҳои тарбиявӣ ҷудо намуда, метавон қайд намуд, ки он бо дигар ҷанбаҳои тарбия алоқаи ногусастанӣ

дорад: тарбияи ватандӯстӣ ба дигар ҷанбаҳои тарбия ворид гардида, ҳамгироии онҳоро таъмин менамояд, дар шакли ягона дар раванди педагогӣ амалӣ мегардад.

Дар радифи барномаҳои таълимӣ тарбияи ватандӯстӣ қисми ҷудонопазири муносибати умумии ташаккули шахсият ба ҳисоб меравад. Ин раванд донишҷӯёнро ба омӯзиши таърихи кишвар, фарҳанг, забон ва анъанаҳои миллӣ ҷалб менамояд. Тарбияи ватандӯстӣ дар шакли ҳамгиро ба ташаккули маҷмӯи қабули ватани худ аз тарафи шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Дар раванди педагогӣ тарбияи ватандӯстӣ тариқи шакл ва методҳои мухталиф, ба монанди иштирок дар чорабиниҳои ватандӯстона, баррасӣ ва таҳлили ҳодисаҳои таърихӣ, коркарди лоиҳаҳо, ки ба мероси фарҳангӣ бахшида шудаанд, иштироки фаъол дар ташаббусҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад. Тарбияи ватандӯстӣ ташаккули ҳиссиёти масъулиятшиносӣ барои тақдири кишвари худ ва иштироки фаъолро дар ҳаёти ҷамъиятӣ дарбар мегирад. Ин ҷанбаи тарбия ба фаъолнокии шаҳрвандӣ ва иштирок дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ месоидат менамояд.

Ҳамгироии тарбияи ватандӯстӣ бо дигар ҷанбаҳои тарбия муносибати ҳамаҷониба ва мунтазамро ба ташаккули шахсият ба вуҷуд меорад. Тарбияи ватандӯстӣ бо тарбияи ахлоқӣ, ташаккули шаҳрвандӣ, ташаккули шуури фарҳангӣ ва масъулияти шахсият пайваста аст. Тарбияи самараноки ватандӯстӣ истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ, захираҳои рақамӣ ва усулҳои интерактивиро дар бар мегирад, ки робитаи амиқтар ва ҷолибтари донишҷӯёнро бо мавод таъмин мекунад.

Тарбияи ватандӯстӣ танҳо бо фаъолияти таълимӣ маҳдуд намешавад; он машғулиятҳои ғайриаудиторӣ, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои иҷтимоиро дарбар мегирад. Моҳияти мунтазами тарбияи ватандӯстӣ инъикоси доимии низоми таълим ва омодагии онро ба мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ пешбинӣ мекунад.

Тарбияи ватандӯстӣ дар муҳити муосири таълимӣ ҳамкории фаъоли

муассисаҳои таълимӣ, оила ва муассисаҳои ҷамъиятиро тақозо мекунад. Ин имкон медиҳад, ки фазои ягонаи таълимӣ таъсис дода шавад, ки ба ташаккули шаҳрвандони дорои мавқеи фаъоли ватандӯстӣ нигаронида шудааст. Арзёбии самаранокии тарбияи ватандӯстӣ на танҳо донистани воқеиятҳои таърихӣ, балки иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа, омодагӣ ба ҳифз ва пешбурди манфиатҳои кишвари хешро дар бар мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли проблемаҳои мавҷуда дар сатҳи сиёсати давлатӣ маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”; Консепсияи милии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; Барномаи давлатии тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ; Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тасдиқи Барномаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва рушди навъҳои ҳарбӣ-амалии варзишӣ дар байни наврасон ва ҷавонони синнусоли даъватӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015”; Барномаи давлатии “Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2001-2005”; Тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2005-2010.

Дар ин меъёрҳои ҳуқуқӣ қайд карда шудааст, ки рушд ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии шаҳрвандон омили калидии рушди кишвар, таъмини ягонагии маънавии халқ ва муттаҳидкунандаи арзишҳои маънавии он, устувории иқтисодӣ ва сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Амалинамоии ин барнома ва консепсияҳо эҳёи арзишҳои ватандӯстӣ, афзудани масъулиятшиносии иҷтимоии шаҳрвандон ва бартараф намудани падидаҳои манфӣ дар ҷомеа пешниҳод менамоянд.

Вазъияти ҷомеаи тоҷик аз сатҳ ва сифати ғояҳои асосии, арзишҳо, ки дар воқеияти имрӯзаи таърихӣ амал менамоянд, вобаста аст. Барои тарбияи ватандӯстӣ чунин ҳолат аҳамияти махсус дорад, зеро он ҳамчун заминаи чунин тарбия баромад менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароти имрӯза муқаррароти маъноии насли калонсол ва насли наврас хусусияти

дигаргуншавиро касб намуда, ба муваффақияти интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ таҳдид менамояд, боиси моҷаро ва бегонашавӣ мегардад.

Бартараф намудани мухолифатҳо байни наслҳо танҳо дар ҳолати азхудкунии стратагияи муайяни умумии рушди тарбия ва коркарди нақшаи мушаххаси амалҳои муттаҳидкунанда имконпазир аст, ки дар иҷроиши он тамоми сохторҳои давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок менамоянд.

Дар шароити имрӯза, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа масъалаи коркарди парадигмаи нави тарбия гардидааст, ки ба самтҳои рушди ҷамъиятӣ мувофиқ аст. Дар ҳуҷҷатҳои давлатии солҳои охир маҷмӯи самтгириҳо пешниҳод карда шудааст, ки ба талаботҳои мавҷудаи шароити имрӯза ҷавобгӯ буда, самти сиёсати давлатиро дар соҳаи тарбия дарояндаи наздик муайян менамоянд.

Ба хотири муайян намудани асосҳои ташкиливу педагогии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ зарур мешуморем, ки мафҳуми "тарбия", "ҳарбӣ-ватандӯстӣ" тасниф карда шавад.

Тарбия яке аз категорияҳои асосии педагогика ба ҳисоб меравад. Таҳлили сарчашмаҳои педагогӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми "тарбия" –ро метавон ба таври зерин баррасӣ намуд:

-тарбия ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ, яъне ҳамчун ҳамгироии субъектҳои он;

- тарбия ҳамчун фаъолият, равандест, ки дорои механизми амалинамоии мақсад, вазифа ва воситаҳои худ дар бадастории натиҷаи банақшагирифташуда мебошад;

-тарбия ҳамчун арзиш, ки раванди интиқоли таҷрибаи фаъолият, арзишҳоро дар радифи равандҳои тамаддунӣ, ки дар ҷаҳон ба миён омадаанд, танзим менамояд. Педагогика асоснокнамоии худ дар фаҳми падидаи тарбия васеъ ва мустаҳкам менамояд, ки бо дар ҳамбастагии фалсафа, антропология, сотсиология ва фарҳангшиносӣ имконпазир аст;

-тарбия ҳамчун низом, ки дорои сохтори гуногунзинагӣ ва байнисубъектӣ мебошад;

-тарбия ҳамчун таъсиррасонӣ ва ҳамкорӣ, раванди ҳамгироии маънавӣ аст, ки натиҷанокии он на ҳамеша бо нерӯи он муайян карда мешавад [39,32].

Дар педагогикаи муосир муносибатҳои мухталифи ошкор намудани мафзуми "тарбия" ташаккул ёфтааст. Дар асоси таҳлили унсурҳои мухталифи тарбия, асосан ҷанбаҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- тарбия дар фаҳми васеъи иҷтимоӣ таъсири ҷомеа ба инсонро ба таври умумӣ фарогир аст, яъне, тарбия бо иҷтимоигардӣ монанд карда мешавад;

-тарбия дар фаҳми васеи педагогӣ ҳамчун тарбия, ки дар доираи низоми маориф амалӣ карда мешавад;

- тарбия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки ба истеҳсолоти моддӣ ва соҳаи маънавӣ таъсир мерасонад.

О.Н. Козлова дар асоси таҳлили ҷанбаҳои мухталифи тарбия чунин қайд намудааст, ки "тарбия ин фаъолият барои шиносонамоии инсон ба таҷрибаи иҷтимоӣ дар тамоми шаклҳои он – дониш, ҳиссиёт, меъёрҳои ахлоқӣ ва зебоипарастӣ ва барои рушди имкониятҳои мухталифи дохилӣ ва майлу хоҳиши инфирод ба ҳисоб меравад" [65,7].

Тарбия дар фаҳми педагогӣ ин раванди махсусан ташкилшаванда ва идорашаванда, ки ба рушди шахсият таъсир мерасонад, ба ҳисоб меравад. Дар фаҳми педагогӣ тарбия дар фаҳми васеъ ва маҳдуд баррасӣ карда мешавад. Дар фаҳми васеъ тарбия мақсади рушди ҳаматарафаи шахсияти кӯдакро дорад, дар фаҳми маҳдуд – таъсиррасони мақсаднок ба кӯдак бо мақсади ташаккули сифатҳои муайяни шахсият дар назар дошта шудааст [16,98].

Таснифотҳои мухталифи мафҳуми "тарбия" нишон медиҳад, ки олимон барои муайян намудани моҳияти он аз чунин мафҳумҳо, ба монанди "таъсиррасонӣ", "таъсир" ва ҳатто "талқин" истифода намудаанд. Дар ҳолати истифодаи мафҳуми "талқин" субъекти тарбия ҳамчун як навъ субъекти таҷрибавӣ, тобеъ баррасӣ карда мешавад. Дар доираи чунин муносибат

тарбиятгиранда объекти ғайрифаъоли тарбия ба ҳисоб меравад [30,30].

Тарбия дар асоси ҳамкории субъектҳои мухталиф – одамони мушаххас, оила, коллектив, гурӯҳҳо, созмону ташкилотҳои давлатӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, динӣ амалӣ мегардад. Раванлҳои тарбиявӣ ба таври диалектӣ бо равандҳои иҷтимоигардӣ алоқаманд мебошанд. Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тарбия ҳамчун раванд ва механизми таълими инсон дар асоси як қатор нишондиҳандаҳо аз иҷтимоигардӣ тафовут доранд:

- иҷтимоигардӣ ин раванди ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи аъзоёни ҷамоа бо мақсади мувофиқ намудани инфирод ба шароити ҳаёт дар гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ мебошад;

-иҷтимоигардӣ раванди мувофиқгардӣ ба шароити муайяни ҳаёт дар шакли “фазо-вақт” ба ҳисоб меравад;

-иҷтимоигардӣ хусусияти маҷмӯавӣ дорад, зеро инсон субъекти таҳсилот метавонад таъсири ҷамоаро баҳогузорӣ, қабул ва рад намояд, ё дар сатҳҳои гуногун ба он мувофиқ гардида, дар ҳамкори бо тамоми маҷмӯаи ҳолатҳои ҳаёти худ якҷоя гардад.

Тарбия – ин раванди мақсадноки бунёди инсон, ташаккули ҷанбаҳои инсонӣ дар инсон аст, ки фарқияти раванди мазкурро аз таълими ҳайвонот таъмин менамояд. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки навъҳои мухталифи тарбия ҷудо карда мешавад. Дар ин самт метавон чунин навъҳои тарбия, ба монанди тарбияи иҷтимоӣ, тарбияи динӣ, тарбияи оилавӣ, тарбияи ислоҳӣ ва ғайраҳоро махсусан қайд намуд.

-тарбияи иҷтимоӣ ин раванди таълими инсон ҳамчун васеъгардии пайдарпайи образҳои воқеияти иҷтимоии ӯ, бунёди мақсадноки шароити такмил дар доираи манфиатҳои муҳити иҷтимоӣ, ҷомеа ва давлат мебошад.

-тарбияи динӣ дар он асос меёбад, ки раванди таълими инсон ба радифи шиносгардӣ ба фаҳми махсуси ҷаҳон, ки ба догма ва принсипҳои таълимотҳои муайяни мазҳабӣ равона карда шудааст. Дар асоси фазои тарбияи дини падидаи муқаддасотӣ ҷой дорад, ки дар он нақши муайянро унсури маънавӣ иҷро

менамоянд ва онро метавон ҳамчун унсури муҳим дар тарбия баррасӣ намуд. Дар тарбияи иҷтимоӣ унсури ратсионалӣ асосӣ ба ҳисоб меравад. Унсури ҳиссиётӣ дар тарбияи ислоҳӣ дар якҷоягӣ бо тарбияи зеҳнӣ аҳамияти бузург доранд.

- тарбияи оилавӣ ин раванди таълими инсон мувофиқи анъанаҳо, нақлу ривоятҳо, урфу одатҳо, тасаввурои оид ба меъёрҳои рафтор ва муносибатҳои тарафайн, ки барои гурӯҳи алоҳидаи хешутабори муҳим ва аҳамиятнок мебошанд, ба ҳисоб меравад.

-тарбияи ислоҳотӣ ин бунёди шароит барои мувофиқ ва бадастории ҳаёти комил бар ҷамоа, бартараф ё маздуд намудани таъсири омилҳои манфӣ дар рушди инфирод ба ҳисоб меравад [14,304].

Вазифаи асосии тарбия дар он зоҳир мегардад, ки кӯдак тавонад ба тамоми соҳаҳои таҷрибаи маънавӣ дастрасӣ пайдо намояд, ки барои ӯ тамоми ҷанбаҳои аҳамиятнок ва муқаддас дар ҳаёт кушода гардад. Барои бедор намудани шавқу рағбати ҷавонон ба таҷрибаи милии маънавӣ низоми тарбия зарур аст, ки ба мазмуну мундариҷаи он унсурҳои муҳими ватандӯстӣ, ба монанди забон, суруд, афсона, ҳаёти қаҳрамонон, таърих, артиш, ҳудуд, хоҷагидорӣ ворид шаванд.

Дар амалияи муосири педагогӣ консепсияҳои мухталиф истифода карда мешаванд, ки муқаррароти назариявии ҳуҷҷатҳои давлатӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро пурра менамоянд. Дар ин самт метавон консепсияиҳои тарбияи И.А.Зимней, П.И.Бабочкин, В.Т.Лисовский, В.В.Сериков, Л.И.Новикова ва дигарон ба таври фаъол дар амалия ҷорӣ карда шудаанд, ки ба ғояи тарбияи шахсияти комил равона карда шудаанд. Албатта, ин консепсияҳои тарбия муҳим мебошанд, лекин ба ин нигоҳ накарда, ба пуррагӣ ҳалли вазифаҳои тарбияти насли наврас, ки ба тағйирёбии босуръати шароити ҳаёт ва фаъолият дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ бо бадастории муваффақиятҳои назаррас ва воқеӣ дар соҳаи иқтисод, экология, амният ва ғайраҳо қодир мебошанд, таъмин карда наметавонанд. Дар ин ва дигар консепсияҳо ба таври нокифоя

муносибати умуминазариявӣ ба тарбия ҳамчун падидаи рушди ҷамъиятӣ-давлатӣ тариқи ягонагӣ ва мутобиқати манфиатҳои инфиродӣ, коллективӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ қайд карда шудаанд.

Ягонагии манфиатҳои шахсият, коллектив, ҷомеа ва давлат дар асоси мақсадҳои умумӣ, ба монанди мустаҳкам намудани сулҳу осоиштагӣ, устуворӣ, ризоияти миллӣ, мазҳабӣ ва шаҳрвандӣ барои мустақкам намудани Ватан, баланд бардоштани сифат ва сатҳи ҳаёти мардум; принсипҳои давлатдорӣ, адолатнокии иҷтимоӣ, ватандӯстӣ ва масъулиятшиносии тарафайн таъмин карда мешавад.

Амалинамоии ин принсипҳо рушди таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба наздикон, коллективизм, ҳувият, маънавиёт, ахлоқ ва албатта ватандӯстиро пешниҳод менамояд, ки ба бадастории сатҳ ва сифати сазовори шоистаи ҳаёти шаҳрвандон, эҳёи маънавӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии давлат равона карда шудааст. Дар як қатор бо масъалаҳои методологии тарбияи ватандӯстӣ таъмини муайяннамоии мавзуӣ-мафҳумӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Ғояи тарбия ҳамчун самтгирӣ дар низоми маориф ба вазифаҳои муаяни фаъолияти тарбиявии омӯзгорон, ба монанди ташкили низоми шароитҳо, чорбиниҳои зарурӣ, пайдарпайии пешниҳоди мундариҷа оварда расонидааст. Дар алоқамандӣ бо ин, муайяннамоии ҳамгироии тарбия, ки дар ғояҳои ватандӯстӣ, демократия, масъулияти шахс дар назди коллектив, ҷомеа, давлат ва баръакс асос ёфтааст, зарур мегардад.

Самтгириҳои лоиҳавӣ-барномавии таҳсилоти муосир ба бадастории вазифаҳои стратегии пурқувват намудани давлат равона карда шудаанд. Албатта, бадастории чунин вазифа танҳо тариқи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон имконпазир аст, ки бо ҳамгироии ватандӯстӣ дар маориф таъмин карда мешавад. Маҳз чунин ҳамгироӣ метавонад яке аз самтҳои стратегии сиёсати давлатӣ – барқарор намудани субъективиятро дар бунёди нерӯмандии давлат ва фарҳанги он дар ҷаҳони муосир амалӣ намояд [11,50].

Ба самтҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ ҷанбаҳои зерин ворид мешаванд:

-самти маънавӣ-ахлоқӣ: дарки арзишҳои олӣ, ғояҳо ва самтгириҳо, равандҳо ва падидаҳои аҳамиятноки иҷтимоии ҳаёти воқеӣ, қобилияти ба роҳбари гирифтани онҳо ба сифати принсипҳо, мавқеъ ва фаъолияти амаливу рафтори муайянкунанда аз тарафи шахсият. Он меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан, ифтихор аз шомилият ба миллати бузург, ба такмили он, санҷишҳо ва масъалаҳо, эҳтироми муқаддасот ва рамзҳои миллӣ, омодагӣ ба хизмат ба ҷомеа ва Ватанро дарбар мегирад. Самти маънавӣ-ахлоқӣ дар таҳқиқотҳои М.Ч. Аллерзаев, Е.В. Власова, Д.С. Немкова, О.Н. Монахов, Л.Н. Беляева, Л.А. Бублик ва дигарон маврида омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст;

- самти таърихӣ-кишваршиносӣ: дарки решаҳои таърихӣ-фарҳангӣ дар сатҳи таҷрибаи ҳиссиётии алоқадорӣ ба гузашта, дарки нотакрории Ватан, тақдири он, ифтихор аз алоқамандӣ ба амалӣ гузаштагон ва ҳамасрон ва масъулиятшиносии таърихӣ барои раванду ҳодисаҳо дар ҷомеа ва давлат. Он инсонро ба омӯзиши таърихи Ватан, мавқеи он дар равандҳои таърихии ҷаҳонӣ, мустаҳкамнамоии ҷомеа, ҳимоя аз таҳдидҳои беруна, дарки хусусиятҳои менталитет, урфу одат, эътиқод ва анъанаҳои миллӣ, амалҳои қаҳрамонанои наслҳои гуногуни гузашта, ки барои соҳибистиқлолӣ ва мустақилии кишвар мубориза бурдаанд, равона менамояд. Таҳқиқотҳои Е.Н.Корчагин, М.Я.Трубкин, Ю.М. Деренский, М.А.Горбова, Л.Н.Пушкарев ба самти таърихӣ-кишваршиносӣ бахшида шудаанд;

- самти шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ: тарбияи фарҳанги ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳо, сатҳи баланди ахлоқ ва фарҳанги умумӣ, мавқеи дақиқи шаҳрвандӣ, омодагии доимӣ ба хизмати бошуурона, бетамаъкорона, ихтиёрӣ ба миллату халқи худ ва иҷроиши қарзи конститутсионии худ. Тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ бо чунин мафҳум, ба монанди шаҳрвандият тасниф карда мешавад ва бояд дар навбати аввал ба ташаккули ҳамон хусусиятҳои шахсият равона карда шавад, ки иштирокчии комили ҳаёти ҷамъиятӣ будани шахсиятро таъмин намоянд. Ин самт дар базаи ҳуқуқии ташаккулёфтаи байни давлатҳо ва шаҳрванд асос меёбад, ки дар амалия ба ҷавонон тамоми ҳуқуқҳои заруриро

пешниҳод менамояд ва ба амалинамоии онҳо муосидат мекунад, ки боиси ифтихори қонунӣ барои давлати худ, ташаккули дарки дақиқи қарзи конститутсионӣ, ташакули маҳорати баҳогузорӣ ва арзишии ҳодисаву равандҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва давлат, сиёсати ҳарбӣ, ки дар муқаррароти асосии консепсияи амнияти кишвар асос ёфтаанд, мегардад. Самти мазкур дар таҳқиқотҳои А.В. Подгорнов, О.В. Лебедева, С.Н. Смирнов, А.В. Бугров ва дигарон мавриди баррасӣ ва баҳогузорӣ қарор дода шудааст [106,194];

- самти иҷтимоӣ-ватандӯстӣ: ин самт ба фаъолгардии пайдарпайии байнинаслии маънавӣ-ахлоқӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ, ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ, зуҳуроти ҳиссиёти олиҳимматӣ ва ғамхорӣ, зоҳирнамоии ғамхориву дастгирии одамони калонсол равона карда шудааст. Дар ин самт метавон таҳқиқотҳои И.И. Валиев, В.А. Голованов, А.А. Козлов, В.И. Ковалев, В.М. Зарванский ва дигаронро махсусан қайд намуд;

- самти ҳарбӣ – ватандӯстӣ: ин самт қисми тарбияи ватандӯстӣ ва шакли олии он ба ҳисоб меравад, ки ба ташаккули шуури баланди ватандӯстӣ, ғояи хизмат ба Ватан қобилияти ҳимояи он, нигоҳдорӣ ва афзудани анъанаҳои ҳарбӣ равона карда шудааст. Дар ин самт метавон таҳқиқотҳои С.А. Алиева, А.А. Аронов, Г.В. Агапова, Ю.А. Ломтев, С.А.Оленин, В.Ф.Уткин, Е.Г.Радионов ва дигаронро қайд намуд;

-самти қаҳрамонӣ-ватандӯстӣ: ҳамчун қисми таркибии тарбияи ватандӯстӣ ба ташвиқоти касбҳои қаҳрамонона ва таърихи рӯзҳои қаҳрамонӣ ва таърихӣ, тарбияи ифтихор барои алоқамандӣ ба амалҳои гузаштагони худ ва анъанаҳои онҳо равона карда шудааст. Таҳқиқотҳои Ю.В. Лазерев, Ю.Б. Соколовская, К.И. Карташев, В.Ф. Фролов, Ю.Е. Окунева, Е.Г. Радионов, В.В. Гарбузова ва дигаронро ба масъалаи қаҳрамониву ватандӯстӣ бахшида шудааст;

-самти варзишӣ – ватандӯстӣ: ба ташаккули рақобатпазирии инсон дар бозори меҳнат, рушди нерӯмандӣ, чолокӣ, устуворӣ, тарбияи ирода барои ба

даст овардани ғалаба, худтаъкидкунӣ, рақобатпазирӣ, зарурати пеш бурдани тарзи ҳаёти солим ва маҳдуд ва тарк кардани одатҳои манфӣ ва бад равона карда шудааст. Амалинамоии низоми тарбияи варзишӣ-ватандӯстӣ имкон медиҳад, ки яке аз воситаҳои асосии профилактикаи бемориҳо, мустаҳкам намудани солимӣ, нигоҳдории қобилияти меҳнатии инсон, тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, омода намудани онҳо ба ҳимояи Ватан, рушд ва мустаҳкам намудани дӯстӣ байни миллату халқиятҳо гардид ва ҳуқуқи шаҳрвандонро ба дастрасии баробар ба машғулият, ба машғулиятҳои ҷисмонӣ ва варзиш кафолат медиҳад. Дар ин самт С.В. Галкин, А.Н. Виршиков, А.А. Козлов, Е.С. Садовников таҳқиқотҳои худро анҷом додаанд [108,172].

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ яке аз самтҳои муҳим дар раванди тарбияи ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Такмили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ вазифаи муҳими давлати муосир, ҷомеа ва низоми миллии маориф ба ҳисоб меравад. Ҳалли вазифаи мазкур бояд на танҳо дар ҷанбаи амалӣ, балки дар ҷанбаи илмӣ, дар асоси коркард ва амалинамоии муносибатҳои муосири психологиву педагогӣ ва технологияҳои таълимӣ амалӣ карда шавад.

Мақсади тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон дар шароити муосир дар талқин намудани ҳисси ифтихор, меҳру муҳаббат ва эҳтиром ба Ватани худ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, сифатҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, омодагии иҷрои қарзи конститутсионӣ оид ба таъмини амнияти ҳудуди он, сарҳад, рушди давлат, инчунин ҳимояи давлат ва манфиатҳои миллии Ватан зоҳир мегардад [119,279].

Яке аз масъалаҳои илмӣ-амалии соҳаи маорифи тоҷик, ки барои таъмини амният ва қобилияти муҳофизатии давлати тоҷикон аҳамияти бузург дорад, коркарди асосҳои илмӣ-назариявӣ ва технологӣ, асосҳои методӣ, асосҳои ташкиливу педагогии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат асоноснамоии илмӣ-назариявии масъала бо муайян намудани роҳҳои шинос намудани насли наврас бо арзишҳои ватандӯстӣ, хизмати ҳарбӣ ва

хизмати содиқона ба Ватан зарур аст.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки барои ҳалли бомуваффақи масъалаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ технологияҳои таълимӣ баррасӣ карда шаванд, зеро бо шакл ва методҳои педагогӣ сифатҳои муҳими ахлоқиву психологии ҷавонон, ки барои ӯ ҳамчун ҳимоятгари Ватан заруранд, ташаккул меёбанд. Технологияҳои таълимӣ воситаи самараноки тарбияи ватандӯстӣ ва масъулиятшиносии шаҳрвандии донишҷӯён мегарданд. Методҳои муосири таълим имконияти ҳамгироии арзишҳои ҳарбӣ-ватандӯстиро ба равнади таълим таъмин намуда, онро барои насли наврас нисбатан дастрас ва аҳамиятнок менамояд.

Истифодаи технологияҳои интерактивӣ, платформаҳои таълимии виртуалӣ ва симуляторҳо ба раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ унсурҳои бозӣ ва таҷрибаи амалиро ҷорӣ мекунад. Ин ба амиқтар дарк кардани мавод ва ташаккули малакаҳои амалӣ мусоидат мекунад. Технологияҳои таълимӣ инчунин имкон медиҳанд, ки чорабиниҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ, тренингҳо ва семинарҳо ташкил карда шаванд, ки ба ташаккули малакаҳои ҷисмонӣ ва равонии ҳифзнамоӣ равона гардидаанд. Ин вазъиятҳои воқеии ҳаётро барои рушди малакаҳои роҳбарӣ ва кори гурӯҳӣ фароҳам меорад.

Ба раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандустӣ ворид намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ имкон медиҳад, ки воқеаҳои таърихӣ, корнамоиҳои ҳарбӣ ва дастовардҳои миллӣ бештар инъикос карда шаванд. Захираҳои электронӣ ва маводи чандрасонаӣ ҷолиб буда, барки беҳтари маънои ватандӯстиро таъмин менамояд. Ҷузъи муҳими технологияҳои тарбиявӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ истифодаи захираҳои шабакавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Ин ба ташкили ҷомеаҳои виртуалӣ мусоидат мекунад, ки дар он донишҷӯён метавонанд маълумотро дар бораи аҳамияти ватандӯстӣ ва таърихи миллӣ муҳокима ва мубодила кунанд.

Технологияҳои таълимӣ ба ташаккули тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои таҳлилӣ дар донишҷӯён нигаронида шудаанд, ки барои дарки амиқтари

рӯйдодҳои таърихӣ ва арзишҳои миллӣ муҳим аст. Усулҳои интерактивӣ, аз қабили саёҳатҳои виртуалӣ, моделиронии ҷангӣ ва омӯзиши виртуалӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки ба воқеиятҳои хидмати ҳарбӣ ворид шаванд ва малакаҳои худро дар муҳити бехатари омӯзиш инкишоф диҳанд.

Ҳамкорӣ бо муаррихони ҳарбӣ, коршиносон ва собиқадорон бо истифода аз технологияҳои таълими фосилавӣ имкониятҳои донишҷӯёнро барои гирифтани дониши истисноӣ дар бораи таърихи ҳарбӣ ва арзишҳои ватандӯстӣ васеъ менамояд. Самаранокии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар асоси технологияҳои таълимӣ на танҳо азхудкунии маълумоти воқеӣ, балки бо омодагии хонандагон ба иштироки фаъолона дар мудофиаи Ватан ва эҳтиром ба мероси таърихӣ таъкид мегардад.

Вазифаи тарбияи ватандӯстон, омода намудани ҷавонон ҳамчун ҳимоятгарони Ватан, ки дар назди омӯзгорон, кормандони соҳаи маориф гузошта шудааст, хеле душвор, мураккаб ва пурмасъул мебошад. Бо назардошти ҷанбаҳои зикргардида дар раванди таҳқиқоти педагогӣ зарурати муайян намудани маҷмӯи шаклҳо, методҳо, усулҳои тарбия, ки бояд технологияи таълимии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ пайдо мешавад, зеро маҳз истифодаи чунин технологияҳо ба омӯзгорон, иштирокчиёни раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ имконият медиҳад, ки натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шавад.

Ба таври умумӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавон самтҳои зерини тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро ҷудо намуд:

- тарбия дар таърихи давлат, артиши миллӣ, дигар мақомоти қудратӣ ва анъанаҳои онҳо: чорабиниҳо барои пос доштани хотираи муборизони роҳи озодии Ватан; бунёди осорхонаҳо, намоишгоҳҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ; гузаронидани вохуриҳо бо ветеранҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ ва дигар ҷангҳо, иштирокчиёни амалҳои ҳарбӣ; қайдгирии рӯзҳои хотиравӣ, ташкили консертҳо, викторинаҳо, озмунҳо, тамошои филмҳои бадеӣ;

-тарбияи ҳарбӣ-варзишӣ: ташкили ҷамъомадҳо ва роҳпаймоиву сайёҳатҳо ба ҷойҳои шаъну шарафи ҳарбӣ; ташкили мусобиқаҳои варзишӣ, ки ба рӯзҳои хотиравии таърихи кишвар, қувваҳои муссалаҳ ва дигар мақомотҳои қудратӣ бахшида шудаанд; ташкил ва иштирок дар бозиҳои ҳарбӣ-варзишӣ; гузаронидани корҳои моҳонаи ҳимоявӣ-оммавӣ ва варзишиву саломатӣ, эстафетаҳои ҳарбӣ- варзишӣ, ҷашнҳои ҳарбӣ-варзишӣ, рӯзи қувваҳои муссалаҳ, рӯзи милитсия, қушунҳои дохилӣ;

-тарбия тариқи алоқамандӣ ва ҳамкории байни муассисаи таҳсилоти олӣ ва коллективҳои ҳарбӣ: роҳбарӣ ба кружокҳои ҳарбӣ-амалӣ; ташкили якҷояи лагерҳои муҳофизатӣ-варзишӣ, ҷамъомадҳои ҳарбӣ-саҳроӣ; гузаронидани вохуриҳо бо хизматчиёни ҳарбӣ, бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ [136,85].

Самтҳо ва шаклҳои ҷудогардидаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ баррасӣ ва амалинамоии маҷмӯи технологияҳои педагогӣ, ки ҳам категориҳои мухталифи хонандагон, ҷавонон ва ҳам сатҳҳои мухталифи таҳсилот, навъҳои гуногуни муасссисаҳои таълимиро дар бар мегиранд, пешниҳод менамояд.

Аҳамияти самтҳои зикргардидаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва нақши фаъолияти беруназсинфӣ, берун аз муассисаи таълимӣ, ғайритаълимӣ, корҳо бо хонандагон оид ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро таъкид намуда, қайд намудан зарур аст, ки дар асоси тамоми раванди тарбиявӣ бояд машғулиятҳои таълимии нақшавӣ ҷой дошта бошанд.

Муҳимияти ташаккул ва такмили низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз рӯи зарурати модернизатсияи иҷтимоии ҷомеа, ки яке аз ҷанбаҳои муҳими он ташаккули ватандӯстии нав ба ҳисоб меравад, бармеояд. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ яке аз самтҳои муҳими ташаккули шуури ватандӯстии шаҳрвандон, тарбияи ҳиссиёти садоқат ба кишвари худ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун фаъолияти гуногунсамти муносибати низомии ташкилнамоиро талаб менамояд.

Таҳлили таҳқиқотҳои илмии масъалаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, таҷрибаи кор бо донишҷӯён имконият медиҳад, ки оид ба мавҷудияти камбудиҳо дар муносибатҳои ташкил ва амалинамоии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҷой дорад, ки дар сатҳи пасти ташаккули шаҳрвандият ва ватандӯстии як қатор хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ; омода набудани аксарияти омӯзгорон ба амалинамоии тарбияи ватандӯстии насли наврас; дар коркарди нокифояи ҷанбаҳои ташкиливу методии тарбияи ватандӯстӣ зоҳир мегардад.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ бояд қисми муҳими раванди тарбия бошад, ки ба ташаккули мавқеи устувори шаҳрвандӣ, эътиқоди ахлоқӣ, ватандӯстии мутахассиси оянда равона гардида бошад. Дар алоқамандӣ бо ин, зарурати коркарди шароити ташкиливу педагогии рушди низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии мутахассисони оянда дар доираи омодагии касбӣ онҳо ба миён меояд [136,85].

Шароити педагогӣ ҳамчун маҷмӯи талаботҳои ҳатмии беруна фаҳмида мешавад, ки риояи онҳо бадастории натиҷаҳои мувофиқро таъмин менамоянд. Шароити ташкиливу педагогӣ ҳамчун маҷмӯи органикии комплексҳои серзина тасниф карда мешавад, ки ба бадастории мақсадҳои педагогӣ равона гардидаанд, ки бо тарбияи шакли нави ҳарбӣ ватандӯстӣ дар раванди тайёрнамоии касбӣ алоқаманд мебошанд.

Сохтори шароити ташкиливу педагогии низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

-ҳамроҳинамоии ниҳодӣ, яъне сохторҳои ташкилии муассисаи таҳсилоти олӣ, ки фаъолияти онҳо ба бунёди механизми таъминнамоии амалнамоии самараноки низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён равон карда шудааст;

-таъминоти таълимӣ-методии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён.

Ҳамроҳии ниҳодии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мавҷудияти сохторҳои ташкилии муассисаҳои таҳсилоти олиро пешниҳод менамояд, ки фаъолияти

онҳо ба такмили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ равона гардидааст ва онҳо бояд корҳои нақшавӣ ва мақсаднокро дар самти ташкиливу методии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён иҷро намоянд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки ҳар як таҳқиқотчӣ ба шароитҳои мухталифи педагогӣ, ки истифодаи онҳо баланд гардидани сатҳи ватандӯстии донишҷӯёнро таъмин менамояд, нишон додаанд. Масалан, С.И. Фоменко ва Н.П. Шаталова қайд менамоянд, ки таъминоти ташкиливу педагогии амалинамоии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ бояд бо назардошти маҷмӯи шароитиҳои педагогӣ бунёд карда шавад: муҳимгардонии ҷанбаи гуманистии фанҳои блоки гуманитарӣ; амалинамоии таълими рушдкунанда ва тарбиятдиҳанда дар асоси арзишҳои ватандӯстӣ;  истифодаи муносбати ягона ба рушди шахсияти ватандӯст; бунёди муҳити таълимӣ, ки ба ташаккули худшиносии миллӣ равона карда шудааст [145,4437].

Н.А. Адаева, В.А. Телегин ва Н.П. Шаталова ба хотири баланд бардоштани самаранокии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён истифодаи шароитҳои зерини педагогиро тавсия медиҳанд:

- идораи низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ;

-кӯмаки психологӣ дар мутобиқгардии донишҷӯён ба раванди таълимӣ;

-  ташкили такмили ихтисосҳо омӯзгорон;

-ташаккули муносибати ягона дар масъалаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ;

-ташаккули коллективҳо дар гурӯҳҳои таълимӣ ва баланд бардоштани нақши худидораамоии донишҷӯён [148,56].

Н.А. Адаева қайд менамояд, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро тариқи воситаҳои педагогикаи халқӣ амалӣ намудан зарур аст. Барои истифода намудани воситаҳои педагогикаи халқӣ бунёди чунин шароитҳои педагогиро зарур мешуморад:

-таъминоти методологӣ: шиносоии омӯзгорон бо ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ оид ба масъалаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ташкил ва рушди

корҳои тарбиявӣ, тавсияҳои методӣ, таҳқиқотҳои педагогӣ, ки ба назария ва амалияи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ бахшида шудаанд;

-таъминоти ташкилӣ: муайяннамоии функсионалии ҳар як корманди муассисаи таҳсилоти олӣ дар низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён;

-таъминоти моддӣ: бунёди базаи таълимӣ-моддӣ, ки ба ҳалли вазифаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар сатҳи талаботҳои муосир имконият медиҳад;

-таъминоти иттилоотӣ: шиносоии доимии бо таҷрибаи пешрафтаи кор бо тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ҷамъбастнамоӣ, иттилоотонии саривақтӣ оид ба натиҷанокии ин фаъолият, дастовардҳои мушаххаси донишҷӯён ва омӯзгорон;

- муҳити тарбиякунанда: бунёд ва рушди эҷодии анъанаҳо дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ: ба инобат гирифтани мавзуҳои ватандӯстона дар муассисаи таҳсилоти олӣ, диққати асосӣ ба рамзҳои давлатӣ, идҳои давлатӣ, фарогирии оммавии донишҷӯён бо фаъолияти мухталифи ватандӯстона [3,17].

Дар асоси таҳлили адабиёт, ҷанбаҳои зикргардида ва таҷрибаи корҳои тарбиявии ҳарбӣ-ватандӯстӣ, чунин мешуморем, ки маҷмӯи шароитҳои муайяни педагогии ташкили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён, ки ҷиҳатҳои мухталифи масъаларо фарогир аст, нисбатан самаранок ба ҳисоб меравад.

Якум, таъминоти барномавии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён: Қайд намудан зарур аст, ки барои педагогикаи муосир муносибати барномавӣ хос аст, ки бо мавҷудияти барномаи муайяни таъминнамоӣ, ҳамчун ҳуҷҷати заминавӣ ва роҳбарикунанда тасниф карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барномаи мушаххас мақсад, вазифа ва ҳаҷми фаъолиятиро муайян менамояд ва барои баҳогузории фаъолият ҳамчун асос баромад менамояд [150,15]. Ҳамин тариқ, барномаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён ба ин раванд хусусияти низоми бахшида, мундариҷаи фаъолияти тарбиявиро дар бадастории мақсад – ташаккули сифатҳои баланди ватандӯстӣ, мавқеи устувори ватандӯстӣ муайян менамояд.

Дуюм, ҳамроҳии ташхисии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар давраи тамоми таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: ҷанбаи ташхисии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба тарбиядиҳанда имконият медиҳад, ки ба таври дақиқ вазъияти раванди ташаккул ва инкишофи сифатҳои ватандӯстӣ, хусусиятҳои муайян ва сатҳи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавононро донад. Бо ин мақсад тарбиядиҳанда аз чунин методҳо, ба монанди суҳбатҳо, мушоҳида, пурсишномаҳо, иншои лоиҳавӣ, санҷиш васеъ истифода менамояд [136,87].

Сеюм, мавҷудияти ҷамоаҳои мухталифи донишҷӯён, созмонҳои ҷавонон, ки самти асосии фаъолияти онҳо ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад: бо иштироки коллективҳои донишҷӯён, созмонҳои ҷавонон ва ватандӯстӣ самаранокии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ таъмин карда мешавад. Иштироки онҳо ба корҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ муташаккилии равандро таъмин менамоянд, хусусияти эҳсосотӣ ва мақсаднокиро дар ташаккули ватандӯстӣ ба миён меорад, ба рушди муносибатҳои воқеии ахлоқӣ дар коллектив мусоидат менамояд [3,15].

Чорум, амалинамоии давра ба давраи раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён: барои ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ ҷудо намудани марҳилаҳои алоҳида хос аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таҳқиқотчиён шаклҳои мухталифи даврабандии ташаккул ва инкишофи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро ҷудо намудаанд. Чунин мешуморем, ки яке аз ҳолибтарин ва васеътарин даврабандиҳои ташаккул ва инкишофи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро С.Н. Томилина пешниҳод намудааст, ки чунин марҳилаҳоро ҷудо намудааст: марҳилаи аввали ташхиси сатҳи ватандӯстӣ, лоиҳакашии раванди ташаккули сифатҳои ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон; омӯзиш ва азхудкунии барномаҳои мақсадноки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ; амалияи таъсиррасонии тарбиявӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ; марҳилаи ниҳоӣ – муайян намудани натиҷаҳо ва тасҳеҳи барномаи тарбиявии ҳарбӣ-ватандӯстӣ [150,18].

Панҷум, зарурати гузаронидани тайёрнамоии мақсадноки касбии ҳайати омӯзгорон ба гузаронидани тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯёни муассисаи

таҳсилоти олӣ: Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки унсури муҳими натиҷанокии амалинамоии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ сатҳи баланди маҳорати касбии ҳайати омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Омӯзгоронро зарур аст, ки худ ватандӯст бошад ва тавонад фаъолияти тарбиявии ҳарбӣ-ватандӯстиро амалӣ намояд. Маҳз ба ин хотир омодагии мақсадноки касбии ҳайати омӯзгорон ба гузаронидани тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ зарур аст. Аз ин хотир, ба хотири баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ зарур аст, ки тайёрии онҳо дар асоси нақша, бо гузаронидани машғулиятҳои доимии дастурамалӣ-методӣ, ивазнамоии таҷриба, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ғайраҳо гузаронида шаванд [66,142].

Шашум, таъминоти илмӣ-методии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандустии донишҷӯён. Ба таъминоти илмӣ-методии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ диққати махсус равона карда шавад. Хазинаи китобхона бояд ба таври доимӣ бо адабиёти илмӣ ва методӣ оид ба масъалаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ пурра гардонида шавад. Гузаронидани конференсияҳои илмӣ-амалӣ, маҷлисҳои методӣ мақсаднок аст, ки дар маҷмӯъ ба баланд гардидани сатҳи омодагии омӯзгорон ба фаъолияти ватандӯстӣ имконият медиҳад [145,4437].

Дар шароити имрӯза, ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ зарур аст, ки ба коркарди низоми банақшагирӣ ва ташкили корҳои таълимӣ ва ғайритаълимӣ бо назардошти хусусиятҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, инчунин ташаккули худшиносии миллии омӯзгорон; ба бароҳмонии ҳамкориҳо байни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва таҳсилоти олӣ бо қисмҳои ҳарбӣ, отрядҳои сарҳадбон, кумитаҳои ҷавонон ва созмонҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои маълумоти иловагӣ, фарҳанг, санъат, варзиш; саъю кӯшиш намоянд. Ба коркарди барномаҳои таълимӣ, китобҳо, воситаҳои таълим оид ба тарбияи ватандӯстӣ ҷалб намудани файласуфон, педагогҳо, равоншиносон, сиёсадшиносон, сотсиологҳо; ташкил намудани лагерҳои тобистона барои ҷавонон бо мақсади тарбияи ватандӯстӣ бо истифодаи чунин навъҳои фаъолият, ба имонанди бозиҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ, викторинаҳо, чорабиниҳои

варзишӣ ва ғайраҳо.

Таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ оид ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, таҷрибаи кор бо донишҷӯён имконият медиҳад, ки мавҷудияти як қатор камбудиҳоро дар муносибатҳои ташкил ва амалинамоии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҷудо намуд, ки аз сатҳи пасти ташаккули шаҳрвандият ва ватандӯстии як қатор хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ; омода набудани аксарияти омӯзгорон ба амалинамоии тарбияи ватандӯстии насли наврас; дар коркарди нокифояи ҷанбаҳои ташкиливу методии тарбияи ватандӯстӣ зоҳир мегардад.

Ба хотири беҳтар намудани сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, дар шароити имрӯза зурур аст, ки маҷмӯи шароитҳои муайяни педагогии ташкили тарбияи низоми ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён, ки ҷиҳатҳои мухталифи масъаларо фарогир аст, ба инобат гирифта шаванд.

Аҳамияти самтҳои зикргардидаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва нақши фаъолияти берунazсинфӣ, берун аз муассисаи таълимӣ, ғайритаълимӣ, корҳо бо хонандагон оид ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро таъкид намуда, қайд намудан зарур аст, ки дар асоси тамоми раванди тарбиявӣ бояд машғулиятҳои таълимии нақшавӣ ҷой дошта бошанд.

Муҳимияти ташаккул ва такмили низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз рӯи зарурати модернизатсияи иҷтимоии ҷомеа, ки яке аз ҷанбаҳои муҳими он ташаккули ватандӯстии нав ба ҳисоб меравад, бармеояд. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ яке аз самтҳли муҳими ташаккули шуури ватандӯстии шаҳрвандон, тарбияи ҳиссиёти садоқат ба кишвари худ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун фаъолияти гуногунсамта муносибати низомии ташкилнамоиро талаб менамояд.

**Хулосаи боби якум**

Ғояҳои ватандӯстӣ дар эҷодиёти аксарияти маорифпарварон, нависандагон, таҳқиқотҳои файласуфон, фаъолони ҷамиятӣ, омӯзгорони машҳур мавқеи хосса пайдо намудаанд. Дар фаҳми масъалаҳои мухталифи ғояҳои ватандӯстӣ адабиёти илмӣ-таҳқиқотии даҳсолаҳои охир аҳамияти

бузург доранд. Ин марҳила ба оғоз ва рушди назарраси таҷдид дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Нақш ва аҳамияти ватандӯстӣ дар ҳолатҳои номуқарарии таърих, вақте ки самтҳои объективии рушди ҷомеа бо афзоиши шиддатнокии нерӯҳо ва шаҳрвандони он ҳамроҳӣ карда мешаванд, баланд мегардад.

Ватандӯстӣ як навъ шакли самтгирии ҳаётии шаҳрвандон дар татбиқи стратегияи ҳаётии ба манфиатҳои воқеии иҷтимоӣ ва интизориҳои коллектив, ҷомеа ва давлат мувофиқ мебошад, ки дар зеҳни шаҳрванд, дар маънои мавҷудияти ӯ ва тарзи ҳаёти ӯ таҷассум гардидааст.

Фаҳмиши ватандӯстӣ нуқтаи олии худро дар Ҷумҳурии Рим пайдо намуд, ки дар асоси ривоятҳо оид ба пайдоиши Рим тасаввурот оид ба интихобӣ будани халқи Рим ташаккул ёфт, ки нерӯи он бо қобилияти шаҳрвандон дар хизмат ба шаҳр муайян карда мешуд.

Ҳамчун ҳиссиёт, ки хоси инсон аст, ватандӯстӣ мавзуи баррасии иҷтимоиву сиёсии фвйласуфони давраи антиқа гардида буд. Лекин агар аз тарафи файласуфони юнонӣ таълимоти ватанӯстӣ ҳамчун мафҳум, ки шарҳи махсусро талаб менамояд, пешниҳод нагардида бошад, пас барои мутафаккирони Рим ватандӯстӣ ба категорияи марказӣ, ки алоқаи инсон ва давлатро муайян менамуд, мубаддал гардида буд.

Дар давраи антиқа ватан ҳиссиёти гуногуни шаҳрвандон – ҳиссиёти динӣ, сиёсӣ, этикиро муттаҳид менамуд, лекин дар марҳилаҳои аввали давраи асримиёнагӣ чунин фаҳмиш аз байн рафт. Дар давраи Эҳё, ки шавқу рағбат ба давраи антиқа ва накукориҳои антиқавӣ қувват гирифт, ҳиссиёти ватандӯстӣ нерӯи тозаи рушдро касб намуд, ки ҳам дар таълимотҳои назариявии мутафаккирон ва ҳам дар ташаккули ҳиссиёти миллӣ зери таъсири ҳодисаҳои сиёсии аврупоӣ таҷассум мегардид.

Ватандӯстӣ ҳамчун ҳолати табии маънавӣ-ахлоқӣ, аз сатҳи инкишоф ва зуҳуроти воқеӣ баррасӣ карда мешавад, ки аз он мавқеи кишвар дар арсаи байналхалқӣ ва устуворӣ дар дохили кишвар вобаста аст. Принсипҳои

ватандӯстӣ аҳамияти умумӣ доранд, тамоми одамонро дарбар мегиранд, асосҳои фарҳанги муносибати тарафайнро, ки дар раванди тӯлонии рушди таърихии ҷомеаи мушаххас бунёд шудаанд, мустаҳкам менамоянд.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун қисми таркибии раванди гуногунҷанба ва ягонаи педагогии ташаккули шахсият баррасӣ карда мешавад ва ҳамчун фаъолият, ки ба рушди ҳиссиёти ватандӯстӣ, ангезаҳо ва меъёрҳои устувори рафтор, ташаккули донишҳо, арзишҳо, сифатҳои шахсии ватандӯстӣ, ки барои иҷтимоигардии бомуваффақи шахсият заруранд, муайян карда мешавад.

Ягонагии манфиатҳои шахсият, коллектив, ҷомеа ва давлат дар асоси мақсадҳои умумӣ, ба монанди мустаҳкам намудани сулҳу осоиштагӣ, устуворӣ, ризоияти миллӣ, мазҳабӣ ва шаҳрвандӣ барои мустаққам намудани Ватан, баланд бардоштани сифат ва сатҳи ҳаёти мардум; принсипҳои давлатдорӣ, адолатнокии иҷтимоӣ, ватандӯстӣ ва масъулиятшиносии тарафайн таъмин карда мешавад.

Мақсади тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон дар шароити муосир дар талқин намудани ҳисси ифтихор, меҳру муҳаббат ва эҳтиром ба Ватани худ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, сифатҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, омодагии иҷрои қарзи конститутсионӣ оид ба таъмини амнияти ҳудуди он, сарҳад, рушди давлат, инчунин ҳимояи давлат ва манфиатҳои миллии Ватан зоҳир мегардад

Ба хотири беҳтар намудани сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, дар шароити имрӯза зурур аст, ки маҷмӯи шароитҳои муайяни педагогии ташкили тарбияи низоми ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён, ки ҷиҳатҳои мухталифи масъаларо фарогир аст, ба инобат гирифта шаванд.

Шароити ташкиливу педагогӣ ҳамчун маҷмӯи органикии комплексҳои серзина тасниф карда мешавад, ки ба бадастории мақсадҳои педагогӣ равона гардидаанд, ки бо тарбияи шакли нави ҳарбӣ ватандӯстӣ дар раванди тайёрнамоии касбӣ алоқаманд мебошанд.

Дар асоси таҳлили адабиёт, ҷанбаҳои зикргардида ва таҷрибаи корҳои тарбиявии ҳарбӣ-ватандӯстӣ, чунин мешуморем, ки маҷмӯи шароитҳои

муайяни педагогии ташкили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён, ки ҷиҳатҳои мухталифи масъаларо фарогир аст, нисбатан самаранок ба ҳисоб меравад.

Дар шароити имрӯза, ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ зарур аст, ки ба коркарди низоми банақшагирӣ ва ташкили корҳои таълимӣ ва ғайритаълимӣ бо назардошти хусусиятҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, инчунин ташаккули худшиносии миллии омӯзгорон; ба бароҳмонии ҳамкориҳо байни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва таҳсилоти олӣ бо қисмҳои ҳарбӣ, отрядҳои сарҳадбон, кумитаҳои ҷавонон ва созмонҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои маълумоти иловагӣ, фарҳанг, санъат, варзиш;  саъю кӯшиш намоянд.

# БОБИ 2. ВОСИТАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАНЗИМИ РАВАНДИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

## 2.1. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ

Дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи маориф ва педагогика масъалаи дархости таҷрибаи таърихии хизмат ба Ватан гардидааст. Нигоҳдорӣ ва афзун намудани анъанаҳои ватании ватандӯстӣ дар низоми таҳсилоти ватанӣ дар шароити имрӯза амали зарурӣ ва саривақтӣ гардидааст.

Тарбияи шаҳрванд ва ватандӯст дар доираи ҷамоа тариқи коллектив ба инфирод амалӣ мегардад. Талаботи таърихии глобализм дар назди низоми маориф масъалаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, ташкилотӣ ва мундариҷавиро пеш мегузорад. Дар натиҷа, мо бояд тарзи нави низоми маорифро бунёд намоем, ки самтҳои афзалиятноки он фарҳанг, ватандӯстӣ ва шаҳрвандияти инсон бошад. Ватандӯстӣ дар таҳсилоти инсони асри XX1 дар ҳамон ҳолат тобиш медиҳад, ки агар асоси маънавии он бо консепсияҳои муосири модернизатсияи маориф алоқаманд бошад. Дар алоқаманди бо ин ғояи реалистии ҳамгироии ватандӯстӣ дар маориф равшан гардид, ки муҳимияти таҳқиқи он бо вазъият ва самтҳои рушди шахсият, ҷомеа, давлат, инчунин вазъият дар ҷаҳон шарҳ дода мешавад.

Аз ин хотир масъалаи раванди таълим ва тарбия муҳим мегардад. Раванди тарбия ин ивазнамоии асоснокгардидаи педагогӣ, пайдарпай ва доимии амалҳои гуногунсатҳ ва гуногундоираи ташаккули шахсияти донишҷӯ ба ҳисоб меравад, ки дар доираи он вазифҳои рушд ва омодагии равонии шахсият ба ҳаёт дар шароити мушаххас ҳал карда мешаванд. Унсурҳои раванди тарбият мақсад, вазифа, субъектҳо, ҳамкориҳои объективӣ, мундариҷа, шаклҳо, методҳо, технологияҳо, механизмҳои амалинамоии восита ва ташхиси самаранокӣ ҳамчун худи раванд ва ҳам навовариҳо дар шахсияти тарбиятгиранда баромад менамоянд.

Муайянии мақсадноки тарбияи ватандӯстӣ ва нишондиҳандаҳои мундариҷавӣ бо дарки он ҳамчун соҳаи субъектиии ҳастии инсон муайян карда мешавад, ки дар он масъалаҳои фундаменталии бадастории ғояҳо, арзишҳо ва ғайраҳо ҳал карда мешаванд. Дар алоқамандӣ бо ин, ба сифати танзими методологӣ ба обеъективияти раванди тарбияи ватандӯстӣ истифодаи ҳамон муносибатҳои илмӣ, ки соҳаи онтологии ватандӯстиро дар доираи муайянии ҳастии он: феноменологӣ, герменевтикӣ, теологиро таҷассум менамоянд, мақсаднок аст [66,143].

Ҳамгироии ин муносибатҳо имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои муайяни мундариҷавии тарбияи ватандӯстӣ ҷудо карда шаванд:

-самтгирӣ ба ташаккули мавқеи ҳаётии инсон дар ҷаҳон, ошкор намудан ва амалинамоии сифатҳои назарраси хизмат ба Ватан;

-тарбияи ватандӯстӣ на танҳо ҳамчун падидаи онтологӣ, балки ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар ҳамбастагии манфиатҳои шахсият, коллектив, ҷомеа ва давлат асос ёфтааст;

- беҳамтоӣ, ки дар доираҳои мухталиф ва воситаҳои ташаккули инсони фарҳанг, шаҳрванд ва ватандӯст таҷассум мегардад;

- гузариш, ки нигоҳдорӣ ва гузариши меҳру муҳаббат ба Ватан ва садоқат ба онро таъмин менамояд, ки бо худ низоми нобаробарро ташаккул медиҳад; падидаи духура ва антиномикӣ ба ҳисоб меравад, аз ин хотир раванди тарбияи маънавӣ имконияти доираҳои гуногунсамтаи муносибат ба Ватанро дарбар мегирад [108,172].

Воҳиди раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ вазъияти педагогӣ ба ҳисоб меравад, ки имконият медиҳад ин раванд ҳамчун ивазшавии пайдарпайи шаклҳои мухталиф, ки падидаҳои воқеиятро дар фазои чорабиниҳои таҳсилотӣ таҷассум менамоянд, амалӣ гардад. Вазъияти тарбияи ватандӯстӣ нақши “доираи проблемавӣ”-ро иҷро менамояд, яъне ҳамон ҳолатҳоеро фаро мегирад, ки оғози проблема, мухолифат, зиддият, номутобиқатӣ ба ҳисоб мераванд. Маҳз дар ин ҳолатҳо тағйиротҳои сифатӣ дар ташаккули мавқеи ватандӯстии

донишҷӯён пайдо мешавад. Дар раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ истифодаи на танҳо вазъият, ки боиси пайдоиши ҳиссиёти мусбӣ, ба монанди ифтихор, хурсандӣ бошад, балки чунин ҳолатҳо, ки боиси пайдоиши ҳиссиёти манфӣ мегарданд, мақсаднок ҳисобида мешавад.

"Мақсаи асосии тарбияи ватандӯстӣ  ин эҳёи ватандӯстӣ дар ҷомеа ҳамчун арзиши муҳими маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, ташаккул ва рушди насли наврас ба ҳисоб меравад, ки дорои сифатҳои муҳими фаъоли шаҳрвандӣ буда, дар раванди бунёдкорӣ ба манфиатҳои ҷомеа, дар мустаҳкамнамоӣ ва такмили асосҳои он, аз он ҷумла дар ҳамон навъҳои фаъолият, ки бо ҳимояи он алоқаманд мебошанд, зоҳир мегардад" [83,94].

Аз мақсади асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ки дар ташаккули сифатҳои баланди аҳамиятнок, омодагии амалинамоии онҳо ба манфиати ҷомеа ва давлат зоҳир мегардад, як қатор вазифаҳои муҳим бармеояд, ки амалинамоии онҳо ба афзоиши қобилияти ҳуқуқии насли наврас,  ба сатҳи фаъолнокии иҷтимоӣ, шаҳрвандият ва ватандӯстӣ мусоидат менамуд:

-омодагии фалсафӣ-ҷаҳонбинии ҷавонон, кӯмак дар муайяннамоии маънои ҳаёт дар шароити амалигардии дигаргуниҳо; ташаккули худшиносӣ, муносибати арзишӣ ба шахсият, ҷомеа, давлат, ба ғояҳо ва арзишҳои эҳё ва рушди онҳо;

- шиносоии ҷавонон ба низоми арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки боигарӣ ва гуногунии таърих ва фарҳанги Ватан, халқ, ташаккули талабот ба арзишҳои баланди маънавӣ-ахлоқӣ ва фарҳангӣ ва рушди минбаъдаи онҳоро таҷассум менамоянд;

- бунёди шароити мушаххас барои амалинамоии майлу хоҳиш ва қобилияти гурӯҳҳои мухталифи ҷавонон бо назардошти манфиат ва талаботи онҳо дар соҳаҳои мухталифи фаъолият ва муошират;

-тарбияи эҳтиром ба қонун, меъёрҳои ҳаёти коллективӣ, рушди масъулиятшиносии иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ ҳамчун таснифоти муҳими ҷавонон, ки дар ғамхорӣ оид ба беҳбудии Ватани худ, мустаҳкам намудани он зоҳир

мегардад;

-тарбияи муносибати мусбӣ ба меҳнат ҳамчун арзиши олӣ дар ҳаёт, рушди талабот барои беҳбудии ҷомеа, давлат, ба хотири хизмат ба Ватан, ташаккули мақсаднокии фаъолияти иҷтимоӣ;

-ташаккул ва инкишофи талаботҳо ба ҳаёти маънавӣ, дар тарзи ҳаёти солими ахлоқӣ, қобилияти ҳаёти хушбахтона бо оила, одамони наздик, нигоҳдории фазои муфид дар гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳо [83,95].

Қайд намудан зарур аст, ки барои амалинамоии мақсадҳои асосии ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз тарҳҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи тарбияи ватандӯстӣ истифода менамоянд. Дар шароити имрӯза якчанд тарҳи тарбияи ватандӯстӣ ташаккул ёфтааст, ки дар доираи онҳо самтҳои асосии инкишофи тарбияи ватандӯстӣ муайян карда мешавад:

- тарҳи иттилоотӣ-самтгирӣ унсури донишии мундариҷаи тарбияи ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад, ки дар доираи соҳаи таҳсилот ё низоми маълумоти иловагӣ амалӣ карда мешавад;

-тарҳи мавзуи-фаъолиятӣ ба ташаккули таҷрибаи хизмат ба Ватан дар фазои фаъолияти пешбар, ки аз мундариҷаи он бармеояд, равона карда шудааст;

- тарҳи сохторӣ-мавқеӣ вазифаи ҷустуҷӯи мустақил ва шаклгирии мавқеи инфиродиро дар муносибат бо Ватан ва ояндаи хизмат ба Ватанро амалӣ менамояд;

-тарҳи лоиҳавӣ-арзишӣ ин таснифоти ҳамгироии тарбия ва худтарбиянамоии инсон дар низоми рӯҳ, ҷисм, марҳилаҳои бунёдкорӣ ва таҷассуми образҳо, гузариши ғоя ба воқеият бо назардошти доираи ҷанбаҳои бадастовардашаванда ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки мақсади тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ бо роҳу воситаҳои гуногун, ки аз тарҳҳои он бармеояд, ба даст оварда мешавад. Албатта ин роҳу воситаҳо ба самаранок гардидани раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мусоидат менамоянд.

Дар курсҳои поёнӣ бояд мувофиқшавии донишҷӯён ба талаботҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ба ташаккули худшиносии шаҳрвандӣ-ватандӯстии онхо; ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ бо дарки фарҳанги ҳуқуқӣ; ба ташаккули чунин сифати интегративӣ, ба монанди шаҳрвандият дар асоси дониш ва таҷрибаи ибтидоӣ диққати асосӣ равона карда шавад. Дар курсҳои болоӣ – ташаккули хатмкардаи донишгоҳ ҳамчун шахсияти касбӣ, шаҳрванд ва ватандӯсти кишвар; таҷрибаомӯзӣ фаъолияти амалии касбӣ, ки дар рафти он сифатҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстии мутахассис зуҳур ва такмил меёбанд: масъулият, қарз дар назди халқу давлат, муҳаббат ба Ватан ва омодагӣ ба ҳимояи он ба эътибор гирифта шаванд [35,87].

Дар адабиёти илмӣ низоми вазифаҳо ва принсипҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён муайян карда шудаанд. Н.Е.Семенова ба вазифаҳои асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён вазифаҳои зеринро шомил намудааст: рушди ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун арзиши маънавӣ-ахлоқӣ; ташаккули маҳорати самтгирӣ дар фазои геополитикии ҷаҳони муосир; ташаккули омодагӣ ба хизмат ба Ватан дар касбӣ интихобгардида; рушди қобилияти намуна будани ватандӯст дар муҳити бевоситаи худ [124,164].

Ба принсипҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ Н.В.Григорев ва О.В.Ретунин принсипи ғояҳо ва мақсадҳои тавозунноки абстрактӣ ва мушаххаси тарбияро пешниҳод менамоянд, ки принсипи тавозуннокии оғози инфиродӣ-шахсӣ ва иҷтимоии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ; принсипи эҳтироми шахсият дар мутобиқат бо талаботнокӣ ба ӯ дар доираи муайян; принсипи маҷмӯавӣ, мувофиқанамоӣ ва ба мерос гирифтани таъсиррасниҳои тарбиявӣ ба раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ; принсипи коллективизм дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ номида мешавад [40,278].

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмии педагогӣ, метавон роҳҳои амалинамоии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро чунин муайян намуд:

- таҷдиди сифатии мундариҷа ва методикаи омӯзиши фанҳои таълимӣ, махсусан фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ;

- зиёд намудани миқдор ва сифати чорабиниҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ, таъмин намудани алоқамандии корҳои тарбиявӣ бо мундариҷаи фанҳои омӯхташаванда;

- таъмини муносибати маҷмӯавӣ ба мундариҷа ва ташкили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ (ягонагии муностбатҳои назариявии низомӣ, равандӣ ва фаъолиятӣ);

-таъмини намунаи тарбиявии шахсияти омӯзгор, ки намунаҳои тафаккури рушдкардаи гуманитарӣ, ватандӯст ва шаҳрванди кишварро нишон медиҳад, ки метавонад муносибатҳои мақсадноки педагогиро бо донишҷӯён ба роҳ монад [23,13].

Ҳамин тариқ метавон, қайд намуд, ки ташаккул ва инкишофи ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз баинобатгирии вазифаҳо, принсипҳо ва роҳҳои амалигардии он вобаста аст. Ватандӯстӣ хусусияти ирсӣ надошта, ба мерос гирифта намешавад, балки сифати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Яъне, ватандӯстӣ ин ҳиссиёти касбшаванда мебошад, ки ба тарбияи он ба таври мақсаднок машғул шудан зарур аст.

Дар як ҳолат, масъалаи тарбияи шаҳрванд, ки метавонад нерӯи худро амалӣ намояд, субъекти ҳаёт ва фаъолияти худ ва стратегияи тақдири худ бошад, дар парадигмаи муосири маориф хеле муҳим арзёбӣ карда мешавад. Мақсади асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ, рушди маънавиёт, ахлоқ, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, шавқмандӣ дар мустаҳкам намудан ва ҳимояи кишвари худ ба ҳисоб меравад. Бадастории ин мақсад ҳалли вазифаҳои зеринро пешниҳод менамояд:

-таъмини пайдарпайии раванди тарбиявии донишҷӯён аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои махсуси маълумоти миёна ба муассисаи таҳсилоти олӣ. Яъне зарур аст, ки раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ки дар муассисаи таҳсилоти миёна оғоз гардидааст, бояд дар муассисаи таҳсилоти олӣ давом дода шавад;

-самтгирии донишҷӯён, ҳайати омӯзгорон, инчунин кормандони муассисаи таҳсилоти олӣ ба воқеияти иҷтимоӣ-ҳуқуқии муҳити атроф;

-бунёди муҳити муфид барои рушди сифатҳои ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён, омӯзгорон тариқи амалӣ намудани ҷанбаҳои зерин: таъмини дастрасии озод ба базаи муосири иттилоотӣ оид ба масъалаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, таърихи кишвар, арзишҳои фарҳангӣ ва таърихӣ; ташаккули саводнокии фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ; бунёд ва ворид намудани барнома, шакл, метод ва  технологияҳои кор дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ; тарбия ва рушди сатҳи баланди ахлоқ, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, ҳисси ифтизор аз дастовардҳои таърихӣ ва муосири кишвар, эҳтироми анъанаҳои фарҳангии миллату халқиятҳои дигар;

-таъамини ташаккули муносибати мусбӣ ба хизмати давлатӣ ва ҳарбӣ, хоҳиши ҳимояи кишвар ҳам дар вазъияти осоишта ва ҳам дар ҳолати ғайриосоишта, ҳиссиёти боизтироб ба рамзҳои давлатӣ – нишон, суруди миллӣ ва парчам;

- бунёди низоми дохилии муассисаи таҳсилоти олӣ дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва худтарбиянамоии донишҷӯён;

-бунёди низоми амалкунандаи ҳавасманднамоӣ барои ташкил ва иштироки бошууронаи омӯзгорон, донишҷӯён ва кормандони муассисаи таҳсилоти олӣ дар чорабиниҳои самтгирии ҳарбӣ-ватандӯстӣ;

-мусоидат ба амалинамоии нерӯи илмии донишҷӯён, олимони ҷавон ва омӯзгорон, ки ба коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ машғуланд, ҷудо намудани грантҳо, ташкил ва гузаронидани конференсияҳои илмӣ, нашри мақолаҳо дар нашрияҳои илмӣ-оммавӣ дар мавзуи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ;

-амалинамоии назорати натиҷаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тариқи бунёди низоми ягонаи санҷиш дар доираи фанҳои гуманитарӣ [149,386].

Албатта, ки дар раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён бояд

воситаҳои мухталифи педагогӣ, ки якдигарро пурра ва мустаҳкам менамоянд, зарур аст. Дар ин низом ҳалқаи муҳим бояд шуури ватандӯстӣ бошад, ки бо иттилооти мусбӣ пурра намудан зарур аст [73,153].

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бояд ба таври васеъ ба роҳ монда шуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷавононро фарогир бошад. Ташаккули сифатҳои иҷтимоии ватандӯстӣ ва муқаррароти арзишӣ бояд тариқи омӯзиши фанҳои мухталифи гуманитарӣ, иштироки донишҷӯён дар фаъолияти созмонҳои ҷамъиятии ватандӯстӣ ва самтгирии ҳарбӣ-ватандӯстӣ, инчунин дар фаъолияти шаклҳои гуногуни ҳаракатҳои ҷавонон, ташаббусҳо, чорабиниҳои мушаххас ва ғайраҳо ба роҳ монда шавад.

Шаклҳои самаранок, ки ба ташаккули ватандӯстии донишҷӯён равона карда шудааст, баҳсҳо, лоиҳаҳо, рефератҳои таҳқиқотӣ, корҳои эҷодӣ, фаъолияти бадеӣ, бозиҳои варзшӣ, мизҳои мудаввар ва ғайраҳо ба ҳисоб меравaнд. Тариқи лексияҳо, семинарҳо, мусоҳибаҳо, мизҳои мудаввар ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ва шавқманди ба раванду ҳодисаҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ таъмин карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки шуури ватандӯстӣ, асосан дар доираи таълими фанҳои гуманитарӣ ташаккул меёбад. Аз ин хотир метавон қайд намуд, ки яке аз масъалаҳои муҳим ин ба роҳ мондани тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ мебошад. Ҳар як фанни таълимӣ, махсусан фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ ба таври объективӣ дорои нерӯи бузурги тарбиявӣ, аз он ҷумла тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мебошанд.

Дар раванди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ донишҷӯ сифатҳои ахлоқӣ-психологӣ ва донишҳои махсуси амалӣ, малакаву маҳоратҳоро аз худ менамояд, ки барои тасниф гардидан бо мафҳуми “ватандӯст” мувофиқ мебошанд. Барои ватандӯст гардидан аз худ намудани фанҳои гуманитарӣ зарур мегардад, ки аввалиндараҷа ҳисобида мешаванд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки дар раванди ташаккули сифатҳои шаҳрванд ва ватандӯст мавқеи фанҳои гуманитарӣ бузург аст.

Муҳим аст, ки донишҷӯён муқаррароти мақсаднокиро дар омӯзиши фанни алоҳида дарк намоянд, зеро аз худ намудани фанҳои мухталиф ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки ба ҳаёти мустақилона омода гарданд, ба ҷаҳон нисбатан воқеӣ ва ҳақиқӣ назар намоянд, баҳргузории вазъияҳои мухталиф ва ҳолатҳои ҳаётиро омӯзанд ва интихоби дурустро ҳамчун инсон ва ҳамчун шаҳрванд амалӣ намоянд.

Дар шароити имрӯза дар таълими фанҳои гуманитарӣ асосан методҳои аёнӣ ва амалӣ истифода карда мешавад, ки барои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мувофиқ мебошанд. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён ин ҷанбаи муҳим дар мундариҷаи фанҳои гуманитарӣ мебошад, аз ин хотир зарур аст, ки ҳар як мавзуъ барои омӯзиш бо таҷассуми шаҳрвандият ва ватандӯстӣ пурра гардида бошад [63,43].

Бо шаҳодати таълими фанҳои гуманитарӣ имконият пайдо мешавад, ки дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ донишҷӯён ҷанбаҳои зеринро дарк менамоянд:

-мавқеъ ва нақши худро дар ҷаҳони муосир дарк менамоянд;

-мундариҷаи меъёрӣ ва арзишии чунин мафҳумҳо-рамзҳоро, ба монанди Ватан, давлатдорӣ ва нақши онҳо дар муттаҳиднамоии кишварро дарк менамоянд;

- дарк менамоянд, ки азхудкунии маънои мафҳумҳои зикргардида ҳамчун воситаи ҳимояи ҷомеа баромад менамояд;

-рамзҳои анъанавӣ ва муосири ҳувияти миллии худро муайян менамоянд;

-ташаббуси фаъолиятнамоиро дар иштирок дар чорабиниҳои самтгириҳои иҷтимоӣ зоҳир менамоянд [21,35].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ташаккул ва инкишофи ватандӯстии донишҷӯён таълими фанҳои гуманитарӣ, ба монанди таърих, сотсиология, сиёсатшиносӣ, фалсафа, психология бузург аст. Дар даҳсолаҳои охир ба миқдори соатҳои таълимии фанҳои гуманитарӣ нигоҳ накарда, дар кишвар, самти коҳиш додани соатҳои таълимии фанҳои гуманитарӣ мушоҳида карда

мешавад.

Дар чунин ҳолат саволе пайдо мешавад, ки чӣ тавр ва кадом ҷанбаи фанҳои гуманитарӣ дар чунин миқдори ками соатҳои таълимӣ омӯхта мешаванд? Чӣ тавр донишҷӯён масъалаҳои асосии ин фанҳоро дар чунин муддати кӯтоҳ аз худ менамоянд?

Дар ин самт, албатта омӯзиши таърих дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ муҳимият пайдо менамояд. Лекин чӣ тавр имконият даст медиҳад, ки чунин як муддати тулонии таърихӣ дар ду семестр аз худ карда шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тағйиротҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба зиёд гардидани миқдори донишҷӯён, ки ба донишҳои таърихии худ боварӣ надоранд ва ба худ баҳои ғайриқаноатбахш аз таърих мегузоранд [80,134]. Дар чунин ҳолат вазъиятро таҳлил намуда, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки бояд диққати асосӣ ба таърихи ватанӣ ҳамчун талаботи ибтидоии насли ҷавони муосир равона карда шавад. Аз ин хотир зарур аст, ки миқдори соатҳои таълимии таърих ва дигар фанҳои умумии гуманитарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар зиёд карда шавад.

Ин барои нигоҳдории нерӯи тарбияи ватандӯстии таърих муҳим аст, ки фаъолгаронии он дар муассисаи таҳсилоти олӣ зарур аст, зеро ҳувияти равониву иҷтимоии ҷавонон, аз бисёр ҷиҳат, маҳз дар давраи бадастории маълумоти олӣ бо шаҳодати ҷалби амалӣ ба чорабиниҳои иҷтимоӣ ва қабули нисбатан даркгардидаи иттилоот ва дониш ташаккул меёбад. Аз ин мавқеъ диққати асосии саъю кӯшиши педагогӣ бармеояд: тариқи шуури инфиродии шаҳрвандони ҷавон ташаккули шуури таърихии ҷомеа аз шуури муқаррарӣ ба шуури низомноки илмӣ бо мақсади таъсиррасонӣ ба ҳастии ҷамъиятӣ [121,13].

Дар асоси таҳлилҳо метавон қайд намуд, ки фанҳои иҷтимоӣ-гуманитариро бояд тарзе пешниҳод намуд, ки дар як қатор бо ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ, иҷтимоиву касбӣ, инчунин тафаккури умумиро ташаккул диҳанд ва умуман инкишофи шахсияти донишҷӯро таъмин намоянд. Дар асоси вазифаҳои гузошташуда, аз он ҷумла тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён, ба ақидаи

мо, дар тарҳи назариявӣ-консептуалии омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ба инобат гирифтани унсурҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

-унсури этикӣ, ки ба ташаккули меъёрҳои этикии рафтор дар фаъолияти касбӣ равона карда шудааст ва амалинамоии он тариқи азхудкунии масъалаҳои маънавӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ дар ҷомеа имконпазир мебошад;

-унсури таърихӣ, ки баррасии алоқаҳо ва вобастагиҳои таърихиро дар соҳаҳои мухталифи ҷомеа пешниҳод менамояд;

-унсури фалсафӣ, ки ба дарки фалсафии иттилоот дар тамоми фанҳо ва ташаккули асосҳои ҷаҳонбинӣ мусоидат менамояд;

-унсури низомӣ, ки ҳамгироӣ ва банизомдарории донишҳои байнифанниро пешниҳод менамояд;

-унсури арзишӣ, ки ба мундариҷаи арзишии донишҳои азхудшаванда равона карда шудааст;

-унсури муосир, ки саривақтӣ будан ва муҳимияти донишҳои азхудшударо пешниҳод менамояд;

-унсури ҳиссиётӣ, ки ба муносибати эҳсосотӣ-баҳогузории иттилооти азхудшуда равона карда шудааст;

-унсури рушдкунанда, ки ташаккули субъекти мустақил ва фаъоли таълимро пешниҳод менамояд.

Унсурҳои зикргардида метавонанд асоси банди заминаи умумигуманитарии таҳсилот гарданд, ки дар чунин ҳолат барои омӯзгорони фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ боз як проблемаи дигар пайдо мешавад: онҳоро заруро аст, ки донишҷӯёнро ба фазои нави иҷтимоӣ ва касбӣ ворид намоянд, дар муайян намудани арзиши касбӣ кӯмак намоянд, ҳавасмандии омодагиро дар иҷроиши сифатноки вазифаҳои касбӣ ташаккул диҳанд.

Инчунин, дар назди омӯзгорони фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ вазифаи баланд бардоштани сатҳи тоқатпазирии донишҷӯён, огоҳнамоӣ ва бартараф намудани чунин зуҳурот, ба монанди терроризм ва экстремизм дар муҳити ҷавонон гузошта шудааст. Ба омӯзгорон зарур аст, ки имконияти фаъолнокии

эҷодӣ ва амалигардии донишҷӯён, шавқу рағбат ба фанро ташаккул диҳад, ҳатто агар фанни мазкур на ҳамеша ба касб муносибати бевосита дошта бошад.

Дар асоси мушкилоти муайяншуда метавон тахмин кард, ки муносибатҳои мундариҷавӣ ва шахсӣ-самтгирӣ метавонанд ҳамчун заминаи методологии таълими ин фанҳо баромад намоянд. «Дар таълими мундариҷавӣ дар яу қатор бо мундариҷаи дигаргуншудаи дидактикии фанҳои илмӣ боз як сарчашмаи дигар – фаъолияти ояндаи касбӣ истифода мешавад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки маҷмӯаи салоҳиятҳои фаннӣ ва иҷтимоӣ-шахсӣ, ки дар раванди таълим ташаккул ва инкишоф меёбанд, лоиҳакашӣ намоем» [26,32].

Аз мавқеи ин муносибат яке аз чанбаҳои муҳим, ки дар омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ истифода карда мешаванд, мундариҷаи касб ба ҳисоб меравад, ки бояд мазмуну мундариҷаи он ба таври комил ба воқеияти ҳаёт наздик карда шавад [77,85]. Шаклҳои асосии гузаронидани машғулиятҳо методҳои фаъол ва интерактивии таълим баромад менамоянд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар асоси муносибатҳои анъанавӣ “фазои бегонашавӣ” –и ҷавонон аз таҳсилот васеъ мегардад. Илова бар ин, дар доираи таҳқиқотҳои алоҳида қайд карда мешавад, ки таъсири методҳои фаъол ва интерактивӣ ба баланд гардидани ҳавасмандии донишҷӯён маҳсулнок аст. Ин, пеш аз ҳама, методҳои кейс-стади (case-study) методҳои проблемавӣ ва омӯзиши лоиҳавӣ, технологияҳои бозӣ ва коммуникативӣ ба ҳисоб мераванд [43,98].

Истифодаи методи кейс-стади дар машғулиятҳои фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ имконият медиҳад, ки мундариҷаи фан тариқи моделсозии ҳолатҳои касбӣ ошкор карда шавад, кори фаъол бо ин ҳолатҳо ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки дар як ҳолат донишҳои якчанд фанро муттаҳид намуда, меъёрҳои амалҳои касбӣ, ҳамкории байни одамонро аз худ намояд. Хусусиятҳои ҳолатҳои проблемавиро дар заминаи мавзуъ ва иҷтимоии фаъолияти касбӣ ошкор намуда, кейс вазифаи сатҳи эҷодии ба шахсият нигаронидашуда мебошад, ки тавлиди донишҳои нав, маъно ва ҳадафҳои

такмили касб ба ҳисоб меравад [138,83].

Дар раванди таълими мундариҷавӣ, ба шарофати синтези ҳолатҳои таълимӣ ва амалӣ, салоҳиятҳои донишҷӯ ташаккул меёбанд, ки имконият медиҳанд дар оянда донишҷӯ бо назардошти меъёрҳои касбиву этникӣ амал намояд. Ташаккул ва инкишофи ватандӯстӣ дар тамоми самтҳои он, маҳз аз таълими мундариҷавӣ вобаста аст.

Илова бар ин қайд намудан зарур аст, ки омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ набояд бо омӯзиши маводҳо дар сатҳи мафҳумҳо ва донишҳо мубаддал гардад, донишҷӯёнро зарур аст, ки аҳамияти иттилооти пешниҳодшавандаро бо назардошти "зарурат доштани" касбӣ ва мутобиқат ба мақсад ва манфиатҳои шахсӣ нишон диҳанд. Аз ин хотир муҳим аст, ки дар раванди таълим на танҳо ба ташаккули донишҳои мустаҳками илмӣ-фаннӣ диққат додан зарур аст, балки кӯшиш бояд намуд, ки онҳо истифодаи ин донишҳоро дар касби ояндаи худ муайян намоянд, зеро ҳар як иттилоот аҳамияти муҳими шахсӣ дорад, агар он на танҳо ҳамчун алгоритми таълимӣ зарур бошад, балки дар оянда танзимкунандаи фаъолияти касбӣ гардад.

Машғулиятҳои шавқовар ва саривақтӣ метавонад ҳавасмандии донишҷӯёнро ба фаъолияти таълимӣ баланд бардорад. Танҳо донишҳо, ки тариқи таҷрибаи шахсӣ аз худ карда шудаанд, арзиши ҳастӣ ва аҳамияти шахсӣ доранд [123,114].

Ҳамин тариқ, бо таваҷҷӯҳ ба муносибати шахсӣ-самтгирӣ дар таълим метавон гуфт, ки ҳангоми омӯзиши маводи илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ иттилоот на танҳо аз ҷониби донишҷӯён азхуд карда мешавад, балки муносибати ҳиссиётӣ низ дар натиҷаи таҷрибаи шахсӣ ба вуҷуд меояд. Таҷрибаҳои шахсӣ дар омӯзиши фан, ки дар маҷмӯъ ба дарки вазифаҳо ва аҳамияти фанҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ таъсири калон мерасонад, муҳим арзёбӣ карда мешаванд.

Дар асоси ҷанбаҳои зикргардида метавон қайд намуд, ки самтгириҳои асосии омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ чунинанд:

-самтгирии рушди мувофиқи шахсияти донишҷӯён, ки ба мутобиқгардии бомуваффақ ба касб ва ҷомеа мусоидат менамояд;

-амалинамоии ташаккули касбӣ-шахсии донишҷӯён тариқи ҳамкориҳо бо омӯзгор, бо назардошти фарқияти синнусолӣ ва ҷинсӣ, таҷрибаи шахсӣ ва хусусиятҳо;

-таълим бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки аз сарҳадоти "Ман" ва муҳити иҷтимоии донишҷӯ берун гардад ва бо ин васила донишҷӯ алоқамандиро бо касб, ҷомеа эҳсос намояд ва масъулият барои рафтори худро ташаккул диҳад;

-самтгирӣ ба бунёди шароити ташаккули саъю кӯшиши бошуурона ба худтакмилдиҳӣ ва худамалинамоии касбии донишҷӯён.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки тарзи дурусти пешниҳоди маводи фанҳои гуманитарӣ, истифодаи метод ва технологияҳои муосир, ба ташаккули шахсият, ба ташаккул ва инкишофи ҳиссиёти ватандӯстӣ, ифтихор аз Ватан, аз дастовардҳои таърихӣ ва муосири Ватан мусоидат менамояд. Чунин мешуморем, ки дар ҳолати аз худ намудани фанҳои гуманитарӣ, ҳиссиёти воқеӣ ва бошууронаи шахс нисбат ба Ватан ташаккул меёбад, дар айни ҳол чунин меҳру муҳаббат ва ифтихор аз Ватан, ба ақидаи мо, "бардуруғ ва беасос" мебошад.

Масъалаи дигар, дар таълими фанҳои гуманитарӣ, ин сифатҳои шахсӣ, сатҳи дониш, рафтори намунавии омӯзгор мебошад, ки албатта ба ташаккули ватандӯстии донишҷӯён таъсири бузург мерасонад. Фармоиши иҷтимоӣ ба омӯзгори муосир дар он зоҳир мегардад, ки амалинамоии раванди таълимро ба сатҳи баланд ва сифатан нав бардошта, бадастории натиҷаҳои шахсӣ, байнифаннӣ ва фанниро дар асоси тарбияи сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахсият ҷанбаи ҷудонопазирии раванди таълим гардонад. Ин масъала дар ҳолати пайдо гардидани муносибати манфии ҷавонон ба чунин мафҳумҳо, ба монанди Ватан, кишвар, мамлакат, ҳимояи манфиатҳои давлат боз ҳам муҳимтар мегардад. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва методҳои амалии истифодашаванда дар чунин як вазъият қарор дорад, ки нисбат ба талаботҳои

донишҷӯёни муосир номувофиқ буда, бо нигоҳдории мероси таърихӣ ва фарҳангӣ ба таври зарурӣ алоқаманд нестанд [21,37].

Боиси таассуф аст, ки дар шароити имрӯза дар муассисаҳои таълими як қатор омӯзгорон роҳҳо ва воситаҳои бедор намудан ва рушди сифатҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ки ҳам барои ҷанговари муосир ва барои шаҳрванди муосир заруранд, намедонанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки маълумоти самтгирии ҳарбӣ-ватандӯстӣ байни фанҳои алоҳида бе низоми муайян ва мантиқи зарурӣ тақсим гардида, асосан характери иттилоотӣ дорад.

Маълум аст, ки парадигмаи пештараи дониш-таълимӣ асосан донишро дар шакли тайёр пешниҳод мекард, аммо хусусияти илмҳои гуманитарӣ ҳеҷ гоҳ бе интиқоли таҷрибаи худ, беҳамтоии назари омӯзгор ба ҷузъиёти мавҷудаи маводи таълимӣ, ақидаи махсуси касбӣ, ки дар тамоми зуҳурот аз ҷиҳати дидактикию методй аз хама пурарзиштарин буд. Ин бори дигар ин тезисро тасдиқ мекунад, ки омӯзгор интиқолдиҳандаи оддии мундариҷаи маводи таълимӣ ва таълимии фан нест, балки ҳамчун интиқолдиҳандаи аслии донишҳое, ки донишҷӯён бояд аз худ кунанд, мавқеъ мегирад [126,408].

Лекин қайд намудан зарур аст, ки таснифоти ҳарчӣ бисёр метавонад ба ғалат маънидод намудани донишҳои гуманитарӣ гардад. Аз ин хотир синтези методологии анъана ва навовариҳоро метавон ҳамчун мутобиқати прогрессивӣ баррасӣ намуд.

Дар асоси ин нуктаи назар метавон субъектҳои самти башардӯстонаро манбаи рушди тафаккури инноватсионӣ донист, ки ба ташаккули онҳо тамоми навовариҳои имрӯза дар раванди таълими донишгоҳҳо ҷорӣ карда шудаанд. Ин ба хусусияти плюралистии мулохизахои тартибдодашуда (масалан, фалсафа, психология ва гайра), кобилияти тахлили истеҳсолии стратеги (социология, географияи иқтисодӣ ва ғайра), ҷустуҷуи далелхои мушаххас (таърих, география ва ғайра) вобаста аст. Хусусияти равишҳои методологии инноватсионӣ дар ин самт саҳми назарраси асолати истеҳсоли донишро инъикос мекунад [67,470].

Инчунин бояд гуфт, ки бисёре аз олимоне, ки дар соҳаи методологияи таълими фанҳои гуманитарӣ кор мекунанд, парадигмаи субъектӣ-субъектро дастгирӣ мекунанд, ки таъсири мутақобилаи донишҷӯён ва омӯзгоронро дар системаи муносибатҳои «шахс ба шахс» дар назар дорад. Далели мавқеъи чунин ақида ба ҷузъҳои психологии раванди таълими фанҳои гуманитарӣ дар донишгоҳ асос ёфтааст, ки аксар вақт онҳо махсусан зарур нестанд. Аммо омили психологие, ки тавассути ташаккули ҳавасмандии дуруст ба омӯзиши илмҳои гуманитарӣ ифода меёбад, бидуни вазифаҳои мушаххасе, ки ҳангоми таҳияи фанҳо гузошта шудаанд, ки донишҷӯён наметавонанд мустақилона ҳангоми кор бо захираҳои электронӣ дар асоси истифодаи фанҳои электронӣ таҳия кунанд, аҳамияти ҳалкунанда дошта наметавонад.

Албатта, парадигмаи субъект-субъект, ки ба самтгириҳои шахсият нигаронида шудааст ва технологияҳои мувофиқи таълим экстраполятсия шудааст, бояд ба таври инноватсионӣ такмил дода, шаклҳои нави муошират ва ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯёнро ба вуҷуд оварад. Аммо ба ҳар ҳол, доираи омӯзиши инфиродӣ, ки дар айни замон васеъ истифода мешавад, ки дар он донишҷӯён доираи таълимии худро истифода мебаранд, мутаассифона ба донишҳои нокифоя азхудшуда оварда мерасонад, ки муҳимтарин механизми ташаккули фарҳанги шахсияти мутахассиси оянда, муносибати ӯ ба таърихи худ мебошад.

Тавассути татбиқи технологияҳои инноватсионӣ (рақамигардонии муҳити таълимӣ, технологияҳои e-learning ва ғайра) роҳҳои синтези донишҳои нав маълум аст, албатта, дараҷаи баланди мустақилияти таълимро муайян мекунад, ки яке аз ҷузъҳои муҳими омили он мегардад, таълими бомуваффақияти гуманитарӣ. Аммо ин муваффакият асосан аз рун гузарондани тачриба дар тахлили нуқтахои назар ва консепсияҳое, ки ба ташаккули эътикоди худ таъсир мерасонанд, муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ташаккули заминаи асосии донишҳои гуманитарӣ дар заминаи таҳсилоти касбӣ дар шароити муосир, ба инобат гирифтани

хусусиятҳои фанҳои таълимӣ, ки усулҳои таълими онҳо бояд дараҷаҳои гуногуни мураккабии фанҳои таълимӣ пурра ба инобат гирифта шаванд, муҳим боқӣ мемонад. Маводе, ки дар доираи он тартиб додани вазифаҳои асосӣ ҳавасмандии омӯзиши хонандагонро пешакӣ муайян мекунад. Забони «зинда»-и илмҳои гуманитарии бисёр фанҳо ба ҷанбаҳои психологии омӯзиши донишҷӯён таъсири бевосита расонида, пешомадҳои худомӯзӣ ва худтакомули минбаъдаро фароҳам меорад. Хусусияти эҷодии раванди педагогӣ, ки бо нигоҳ доштани анъанаҳои таълимӣ навовариҳоро моҳирона дар бар мегирад, илмҳои гуманитариро ба як соҳаи махсуси интерактивии фаъолияти таълимӣ табдил медиҳад, ки ба тамоюлҳои ояндадори навоварӣ мувофиқат мекунад.

Низом ва сохтори таҳсилот дар Тоҷикистон марҳилаи навбатии ислоҳоти худро паси сар менамояд, ки ба ҳамгироии низоми маориф ба низоми ҷаҳонии маориф; тайёрнамоии кадрҳо барои модернизатсияи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар; баланд намудани сифати таҳсилот аз ҳисоби васеъ намудани ихтисос ва самтгириҳои касбии омӯзиши мутахассисони ҷавон равона гардидааст. Бадастории ин вазифаҳо аз он ҷумла аз коҳиши соатҳо ва дар баъзе ҳолатҳо аз хориҷ намудани фанҳои иҷтимоиву гуманитариро пешниҳод менамояд.

Дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ мақсади асосии тарбияи ватандӯстӣ бояд рушди шаҳрвандият, ватандӯстӣ ҳамчун арзиши муҳими иҷтимоӣ, ташаккули сифатҳои муҳими касбӣ ва омодагӣ дар зоҳирнамоии фаъоли онҳо дар соҳаҳои музталифи ҳаёти ҷомеа, махсусан дар раванди касби оянда, садоқат ба вазифаи конститутсионӣ дар шароити осоишта ва ғайриосоишта, масъулияти баланд, ягонагии шуури ватандӯстӣ ва рафтори ватандӯстӣ гардад.

Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши фанҳои гуманитариро метавон чунин арзёбӣ намуд:

-мувофиқ намудани мазмуну мундариҷа ва сохтори фанҳои гуманитарӣ ба хотири такмили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ;

-такмили технологияҳои ташаккули сифатҳои маънавӣ, ватандӯстӣ ва шаҳрвандии донишҷӯён;

-мавриди истифода қарор додани меодҳои муосири интерактивӣ дар ҷараёни омӯзиши фанҳои гуманитарӣ.

Тағйиротҳо дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ аз нуқтаи назари таъсиррасонии онҳо ба тарбияи ватандӯстии донишҷӯён, ба ақидаи мо, бо ҳалли вазифаҳои зерин алоқаманд мебошанд:

-васеъгардонии масъалагузории давлатӣ-ватандӯстӣ дар барномаҳои фанҳои омӯхташаванда;

-мутобиқгардонии сохтори барномаҳои фаннӣ аз ҳисоби муайяннамоии вақти асоснокшуда барои ҳар як фанни таълимӣ;

-такмили шакл ва методҳои омӯзиши фанҳои мухталифи таълимӣ;

-афзоиши нақши омӯзгор дар интхоби воситаҳои мувофиқи таълим ва тарбияи донишҷӯён;

-баланд бардоштани самаранокии раванди тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён.

Барои қувват бахшидан ба самтгирии шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ ҷанбаҳои зеринро ба инобат гирифтан мвофиқи мақсад аст:

-ба таври дақиқ ҷудо намудани роҳҳои баланд бардоштани самарнокӣ ва мутобиқати тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён ва муайян намудани мавқеи чунин фаъолият;

-бунёди шароитҳои педагогии барои фаъолияти тарбиявии шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ;

-ба инобат гирифтани омилҳо дар мундариҷаи барномаҳои фаннӣ, ки бевосита ба раванди тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён таъсир мерасонанд;

-баланд бардоштани нақши тамоми ҳайати профессорону омӯзгорон дар фаъолияти тарбиявӣ;

-дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ истифода намудани шаклҳо, методҳо ва технологияҳои нави педагогӣ.

Барои мутобиқнамоии мундариҷа ва сохтори фанҳои таълимии гуманитарӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ зарур аст, ки чораҳо дар самти коркард ва тағйирдиҳии стандартҳои таълимӣ дар ин соҳаи таълимӣ андешида шаванд.

Ватандӯстӣ бояд на танҳо идеологияи омӯзгори муосир, балки методология, моҳияти тамоми технологияҳои таълимӣ бошад, ки дар ин раванд нақши бузург ба фанҳои гуманитарӣ тааллуқ дорад.

Ҳамин тариқ, дар асоси ҷанбаҳои зикргардида метавон қайд намуд, ки дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ, маънавӣ-ахлоқӣ нақш ва мақоми фанҳои гуманитарӣ бузург аст. Аз ин хотир, дар шароити имрӯза, дар Тоҷикистон, ки самти коҳиш додани соатҳои таълимии фанҳои гуманитпрӣ дар муассисаҳои тазсилоти олӣ идома дорад, маҳз ба таълимӣ ин фанҳо диққати махсус равона намуд. Илова бар ин, ба ақидаи мо, зарур аст, ки дар доираи корҳои мустақилонаи донишҷӯён аз фанҳои гуманитарӣ омӯзиш ва баррасии ҷанбаҳои мухталифи ватандӯстӣ низ ворид карда шавад.

## 2.2. Технологияи ташкили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар фаъолияти ҷамъиятии донишҷӯён

Вазифаи асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон ташаккули салоҳиятнокии касбӣ ва ҳиссиёти баланди шаҳрвандӣ, нерӯи ирода ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки хусусиятҳои вазъияти ташаккулёфта дар кишвар зарурати ташхиси ҳаматарафа ва дақиқи проблемаи мазкур ба ҳисоб меравад, ки бе чунин ташхис ҳал намудани он ғайриимкон аст.

Дар нақши нерӯи пешбарандаи ватандӯстӣ дар тамоми самтҳои он шахсият баромад менамояд, ки вазифаи афзалиятноки иҷтимоӣ-ахлоқии ӯ дарки ҳувияти таърихӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва маънавии худ ба Ватан – принсипи олӣ, ки маъно ва стратегияи ҳаёт, иҷроиши хизмат ба Ватанро муайян

менамояд, ба ҳисоб меравад [46,93].

Вазифаи асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ташаккули принсипи қарз ва масъулияти ватандӯстӣ оид ба ҳимояи манфиатҳои давлат, инчунин фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули омодагӣ ҳимояи давлат ва азхудкунии дониш, малакаву маҳорат, ки барои чунин ҳимоя заруранд, ба ҳисоб меравад [100,132].

Ҳамин тариқ, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбияи ватандӯстии донишҷӯён мебошад, ки раванди мақсадноки идорашавандаи ташаккули шахсияти онҳо дар асоси анъанаҳои ҷангии халқи худ, ташаккули омодагии онҳо ба иҷрои вазифаҳо оид ба таъмини ҳифзи Ватан ва азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаи барои ин зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Мундариҷаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мавҷудияти муносибатҳои берунаро пешниҳод менамояд, ки шароити ташаккули шахсияти донишҷӯён, мавқеи шаҳрвандии онҳоро бунёд менамояд. Ҷавонон дар фазои ягонаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зиндагӣ мекунанд ва буҳрони ҷомеа ва ниҳодҳои асосии он дар мазмуну самти зерфарҳанги ҷавонон зоҳир мегардад. Бештар аз муносибати истеъмолӣ нисбат ба ҷавонони ҷомеа ва давлат, насли наврас мавқеи вобастагӣ пайдо кардааст.

Мазмуни тарбияи харбӣ-ватандӯстӣ дар машғулиятҳои беруназсинфии муассисаи таҳсилоти олӣ бояд тайёрии психологиро низ дарбар гирад. Таҳлили натиҷаҳои тадқиқотҳо, ки ба проблемаи мазкур бахшида шудаанд, нишон медиҳад, ки барои низоми омода намудани ҷавонон ба ҳифзи Ватан, баланд намудани самараи он дарки моҳияти омодагӣ ва шароити ташаккули он дар доираи фаъолияти ҳарбию ватандӯстӣ аҳамияти калон дорад.

Ҳамин тариқ, бо ёрии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ метавон аз равандҳои бӯҳроние, ки дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд омадаанд, бартараф карда, инчунин ба эҳёи он дар асоси принсипҳо ва арзишҳои демократӣ, бо нигоҳдорӣ ва таҳкими ахлоқ, принсипҳо, анъанаҳои миллӣ, ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ мусоидат намуд. Дар мундариҷаи корҳои ҳарбӣ-ватандустӣ бо донишҷӯён ба масъалаи тарбияи масъулияти чамъиятӣ диққати махсус равона

намудан зарур аст. Зеро, маҳз дар давраи гузаштан ба демократиконӣ дар ҷамъияти мо талабот нисбат ба шахсе, ки бо мустақилият ва масъулият барои кору кирдори худ фарк мекунад, хело баланд гардидааст.

Ташаккули масъулияти иҷтимоӣ дар байни донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар ҷавонон чунин сифатҳо ба монанди масъулият барои ҳалли вазифаи гузошташуда, интизомнокӣ ва майли худтанзимкунӣ, дарк намудани масъулияти шахсӣ барои рафтору кирдорашон ташаккул ёбад.

Мақсади тарбияи ҳарбӣ-ватандустӣ ҳамчун симои идеалии ҳолати дилхоҳи объекти тарбияи донишҷӯ: хислатҳои ӯ, хислатҳои шахсият, рафтор, ташаккули шаҳрванди ватандӯст, омода ба ҳимояи манфиатҳои давлат ва Ватан мебошад.

Дар алоқамандӣ, бо ҷанбаҳои зикргардида, метавон қайд намуд, ки барои амалинамоии бомуваффақи мақсадҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ бояд барномаи алоҳида таҳия карда шавад, ки унсурҳои зеринро фарогир бошад:

-тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ бояд самти афзалиятноки сиёсати давлат гардад;

-рушди асосҳои маънавӣ-ахлоқии иҷтимоигардии шахсият дар муҳити шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар асоси арзишҳои анъанавии ҷомеаи тоҷик ба роҳ монда шавад;

-баланд бардоштани нуфузи хизмати ҳарбӣ, тарбияи эҳтиром ба қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун яке аз самтҳои фаъолияти сохторҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, созмонҳои ҳарбӣ ва ҷамъиятӣ дар шароити муосир [100,161].

Тартиб додани барномаи хамкории муассисахои таълимӣ бо кисмхои харбӣ, ташкилотхои динию чамъиятӣ, ташкили кори фаъолонаи сарпарастии байнихамдигарӣ: ташаккули низоми шаҳрии назорат ва пешбинии инкишофи маориф; дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ чори намудани усулхои банақшагирӣ ва ташкили кори тарбиявӣ; ташкили фазои ягонаи иттилоотии низоми маориф; дар корҳои тарбиявӣ ҷори намудани технологияи навтарин; ташкили механизмхои байниидоравии ҳамоҳангсозии фаъолияти таълимӣ.

Ташкили ҳамкории мутақобилаи мутобиқи муассисаҳои таълимӣ, оилаҳо, ташкилотҳои ҷавонон ва дигар шарикони иҷтимоӣ дар соҳаи маориф: ҷалби кӯдакон ва ҷавонон ба кор дар лоиҳаҳои муосири иҷтимоӣ, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ ва озмунҳои эҷодӣ, чорабиниҳои варзишӣ ва фарҳангӣ; амалӣ намудани табодули илмӣ оид ба масъалаҳои маориф ва дар сатҳи байналмилалӣ тавассути конфронсҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо; ташкили низоми тадбирҳои тарбияи ҳуқуқӣ, ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандии кӯдакон ва наврасон; коркарди усулхои нави самтгириҳои касбии донишҷӯён ва ташкили тарбияи мехнатӣ. Пешгирии чунин зуҳуроти номатлуб дар байни наврасон, аз қабили беэътиноӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ, ҷинояткорӣ, танфурӯшӣ, иштироки наврасон дар созмонҳои тундгароёнаи ҷавонон ва ғайра яке аз тадбирҳои муҳим мебошад [46,85].

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ки дар асоси қонунҳои психология асос ёфтааст, ду ҷузъи ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки аз як тараф барои ташаккули ангеза ва аз тарафи дигар шакли рафтор пешбинӣ шудаанд. Аз ин ру, дар ин марҳилаи инкишофи масъала ду гуруҳи асосии алоқаҳои объективӣ мавчуд буда, такроршаванда ва муносибатҳои ҷанбаҳои гуногуни тарбияи харбӣ-ватандӯстии донишҷӯёнро чудо кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи якум вобастагии мазмуни тарбияи харбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ворид мешаванд: ба вазифахо, сохтор, имкониятхои моддию техникӣ ва иқтисодии ташкилотҳо ва идораҳое, ки ин корро иҷро мекунанд; дараҷаи тайёрии кадрҳои педагогӣ; миқдори донишҷӯён; намудҳо, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои кори харбӣ-ватандӯстӣ интихобшуда; вақти тарбиявӣ ва беруназсинфӣ барои кори харбӣ-ватандӯстӣ ҷудо карда шудааст.

Омӯзиши ин қонуниятҳо имконият медиҳад, ки асосҳои илмӣ-педагогии корҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ бо донишҷӯён ба роҳ монда шаванд.

Гурӯҳи дуюми конуниятҳо бевосита дар раванди тарбияи харбӣ-ватандӯстии донишҷӯён зоҳир шуда, аз ҷанбаҳои зерин вобаста аст:

мувофиқати мақсади тарбияи харбӣ-ватандӯстии донишҷӯён ба талабот, дараҷа ва суръати рушди ҷамъиятӣ; мувофиқати мазмуни нақшаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ ба кори доимии харбӣ-ватандӯстӣ; таъмини хамаҷонибаи раванди тарбияи харбӣ-ватандӯстии донишҷӯён; самаранокии рохбарӣ ба курси тарбияи харбӣ-ватандӯстии донишҷӯён.

Дар асоси ин қонуниятҳо тадбирҳои мушаххас муайян карда мешаванд, ки ба тарбияи самарабахши ҳарбию ватандӯстии талабагон нигаронида шудаанд; таҳияи мазмуни барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълим; такмил додани шаклхои кори намояндагони ташкилоту идорахои гуногун, ки вазифаҳои дахлдор гузошта шудаанд.

Қонуниятҳо объективӣ мебошанд, зеро онҳо берун аз шуури одамон, сарфи назар аз хоҳиш ва иродаи онҳо вуҷуд доранд. Принсипҳое, ки аз қонуниятҳо бармеоянд, вобаста ба шароити мушаххас бошуурона таҳия ва татбиқ мешаванд. Онҳо имконият медиханд, ки конунҳои объективие, ки дар рафти тарбияи харбӣ-ватандӯстии донишҷӯён ба вуҷуд меоянд, дар амал фаҳмида шаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки шакл ва методҳои амалинамоии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бояд бо ҳуҷҷатҳои умумии меъёрӣ, инчунин анъанаҳои педагогӣ бо назардошти хусусиятҳои муассисаи таҳсилоти олӣ ва хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён алоқаманд буда, мундариҷаи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстиро муайян намоянд.

Муҳити таълимии муосири муассисаи таҳсилоти олӣ ҳам аз ҷанбаи дастрасии иттилоот ва ҳам аз ҷанбаи сохтори он тасниф карда мешавад. Низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бояд, ба ақидаи мо, чор унсури калидии ба ҳам алоқамандро дар бар гирад: маърифатӣ, аксиологӣ, коммуникативӣ ва фаъолиятӣ. Дар чунин ҳолат дониш – эътиқод – рафтор – сифати шахсият ҳалқаҳои як занҷир ба ҳисоб мераванд [127,360]. Дар чунин ҳолат тарбияи мақсадноки шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун зернизоми муҳити умумии таълимӣ-тарбиявии

муассисаи таҳсилоти олӣ баррасӣ карда мешавад.

Унсури маърифатӣ, пеш аз ҳама, муайяннамоии мундариҷаи мафҳуми “ватандӯстӣ”, дониши хусусиятҳои таърихии рушди кишвар ба таври умумӣ ва Ватани хурд, дарки хусусиятҳои амалнамоӣ ва самтҳои асосии рушди ҷомеаи муосири серфарҳангро пешниҳод менамояд. Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки коҳиш додани миқдори соатҳои омӯзиши фанҳои гуманитарӣ, ки аҳамияти муҳими ҷаҳонбиниро доро мебошанд, дар барномаҳои тайёрнамоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ натиҷаҳои манфӣ дорад. Аз ин хотир, ташкили шаклҳои мухталифи фаъолияти ғайриаудиторӣ, ки ин камбудиро пурра менамояд, муҳим мегардад: кружокҳои илмӣ, мизҳои мудаввар, конференсияҳо, лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, озмунҳо ва ғайраҳо [34,85].

Унсури аксиологӣ ташаккули низоми самтгириҳои арзишии гуманистиро пешниҳод менамояд. Арзишҳо ҳамчун унсури сохтории ҷаҳонбинӣ худмуайяннамоии шахсӣ, шаҳрвандӣ ва касбии донишҷӯ, образи ҳаёти ӯ, мақсад ва маънои роҳи касбӣ ва ҳаётиро муайян менамояд [122,353].

Муносибати амалӣ-самтгирӣ пешниҳод менамояд, ки азхудкунии арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва ватандӯстӣ танҳо дар ҳолати амалинамоии онҳо дар фаъолияти амалӣ, дар ҳолати пайдо гардидани ягонагии мустаҳками диалектӣ имконпазир аст: фаъолнокии субъектҳо боиси фаъолгардии муҳити таълимӣ ва тарбиявӣ мегардад, фаъолнокии муҳит бошад фаъолнокии субъектро муайян менамояд. Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ин раванди ягонаи дуҷанбага мебошад, ки азхудкунии донишҳо ва маҳорати онҳо такя намудан, ташаккули муносибатҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ, самтгириҳои арзишӣ ва рафтори мувофиқро дарбар мегирад [25,65].

Ҳар як сифати шахс, аввал дар ҳолатҳо махсусан бунёдгардидаи таъсиррасонии тарбиявӣ пайдо гардида, сипас ба хусусияти шахсият мубаддал мегардад [33,236]. Мувофиқан танҳо ворид гардидани донишҷӯ ба навъҳои мухталифи фаъолияти шарти самараноки амалинамоии барномаҳои тарбияи

шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва ҳарбӣ-ватандустӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккули салоҳиятнокии коммуникативӣ яке аз вазифаҳои калидии таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Чунин мешуморем, ки салоҳиятнокии коммуникативиро метавон дар се сатҳ – арзишӣ-меъёрӣ, функсионалӣ ва рафторӣ баррасӣ намуд. Аз як тараф, коммуникатсия ҳамкории самаранокро дар сатҳи азхудкунии донишҳо, амалинамоии арзишҳои гуманистӣ ва ватандӯстӣ, ташкил ва амалинамоии ташаббусҳо ва амалҳои иҷтимоии шаҳрвандӣ пешниҳод менамояд.

Дар шароити имрӯза таҳқиқи масъалаҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ бояд ҷанбаҳои зеринро фарогир бошад:

-ошкор намудани унсурҳои маърифатӣ ва арзишии шуури ватандӯстии донишҷӯён ҳамчун иштирокчиёни раванди тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

-ташхиси мутобиқати шаҳрвандият ва ватандӯстӣ дар таркиби ҳавасмандиву фаъолиятии амалияҳои иҷтимоии донишҷӯён;

- ошкор намудани баҳогузории мундариҷа, шакл ва методҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ки дар муассисаи таҳсилоти олӣ амалӣ карда мешавад;

-ташхиси баҳогузории самаранокии тарбияи ватандӯстӣ дар ташкилотҳои таҳсилоти олӣ, ки аз тарафи донишҷӯён пешниҳод карда шудааст;

-ошкор намудани фаҳми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз тарафи субъектҳои ташкилкунандаи он дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва амалияҳои асосии ниҳодӣ;

-ташхиси баҳогузории коршиносон оид ба самаранокии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар низоми таҳсилоти олӣ;

- асоснокнамоии тавсияҳои рушди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар ташкилот ва созмонҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ-ватандӯстии донишҷӯён ба ташаккули самтгириҳои арзишии донишҷӯён дар шароити сатҳи баланди фаъолнокии онҳо дар иштирок дар навъҳои мухталифи фаъолияти иҷтимоӣ

равона карда шудааст. Раванди ташаккули самтгириҳои арзишии шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар ҳамон ҳолат маҳсулнок мегардад, ки ҳамгироии арзишҳои умумиинсонӣ ва ҷамъиятӣ таъмин карда шавад. Дар ин самт аҳамияти муҳимро низоми тайёрнамоии касбӣ касб менамояд, зеро мутахассисони ояндa барандагони фаъоли ғояи шаҳрвандият ва ватандӯстӣ дар раванди фаъолияти касбӣ баромад менамоянд.

Бе фаъолияти фаъоли эчодии донишҷӯ, ки дар он мавқеи худи ӯ нисбат ба дигарон, ҷамъият ва давлат зоҳир мегардад, мавқеи мусбати шаҳрванди ӯро ташаккул додан мумкин нест. Натичаҳои таҷрибаи педагогии мо самарабахшии ҷалб намудани ҷавононро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти фоиданоки чамъиятии коллективона бо роҳи ташкили иштироки онҳо дар кори тадқиқоти илмии кишваршиносӣ, дар чорабиниҳои муҳофизати табиат ва ёдгориҳои маданияту таърих, дар расонидани ёрии байниҳамдигарии иҷтимоӣ (ёрӣ ба ятимхонахо, хонахои пиронсолон), баргузории амалҳои хайрхоҳона, таҳаммулпазирӣ, дар фаъолияти ташкилотхои ҷавонон ва ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳо оид ба баргузории амалҳои ватандӯстӣ ва ғайра. Ҳамин тариқ, арзишҳои шаҳрвандӣ-ватанпарастӣ бо иштироки фаъолонаи ҳар як донишҷӯ дар фаъолияти эҷодии муассисаи таҳсилоти олӣ ва фаъолияти фоиданоки ҷамъиятии худ, инкишоф меёбад.

Яке аз масъалаҳои муҳим иштироки донишҷӯён дар созмонҳои ҷамъиятии ба ҳисоб меравад, ки дар педагогикаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун яке аз технологияҳои муҳими тарбияи шаҳрванди фаъол, ки бошуурона ба ҳаёти иҷтимоӣ-ҷамъиятии муассисаи таҳсилоти олии худ ворид гардидааст. Масъалаи бунёди муҳити махсус дар муассисаи таҳсилоти олӣ, ки шароити иҷтимоӣ-психологии худмуайяннамоии шахсӣ ва касбии мутахассисони ояндаро таъмин менамояд ва иштироки донишҷӯёнро дар созмонҳои муҳими ҷамъиятӣ фаъол мегардонад, дар адабиёти педагогӣ ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст [1,144].

Иттиҳодияҳои донишҷӯён ин иттиҳоди ихтиёрии донишҷӯёни созмонҳои

касбии таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо мақсади ҳалли якҷояи масъалаҳои баланд бардоштани сифати ҳаёти донишҷӯён ба ҳисоб меравад. Чунин иттиҳодияҳо имконият медиҳанд, ки ҳар як донишҷӯ дар идоракунии ҳаёти муассисаи таҳсилоти олӣ иштирок намояд ва имкониятҳоро барои худамалинамоӣ ва инкишоф истифода намояд.

Агар фаъолияти иттиҳодияҳоро ба назар гирем, пас панҷ соҳаи кори онҳоро ҷудо кардан мумкин аст: а) шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ; б) иҷтимоӣ; в) илмӣ; г) эҷодӣ; д) варзишӣ. Дар доираи самтҳои амалишаванда инчунин навъҳои асосии фаъолиятро муайян кардан мумкин аст: чорабиниҳои варзишӣ-ҳарбӣ; бозиҳои эҷодӣ; эҷодиёти техникӣ; идҳо ва чорабиниҳои мухталифи иҷтимоӣ; ташкили истироҳат, такмили донишҷӯён. Сохтори пешниҳодшуда намунавӣ аст, лекин онро метавон барои таъсиси ассотсиатсияҳо дар дохили муассисаҳои муосири таҳсилоти олӣ истифода намуд.

Иштироки донишҷӯён дар созмонҳои касбӣ-таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ дар фаъолияти худидоракунӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими тарбияи шаҳрванди фаъол, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ ҷалб мешаванд, баррасӣ карда мешавад. Дар шароити имрӯза талабот ба фаъолнокии донишҷӯён бузург аст. Лекин дар ин самт як қатор масъалаҳо пайдо мешаванд: Чӣ тавр шароити воқеии чунин фаъолият бунёд карда мешавад? Муносибати донишҷӯён ба фаъолияти ҷамъиятӣ чӣ гуна аст? Кадом фаъолияти шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ барои донишҷӯён ҷолиб аст?

Худидоракунии донишҷӯён, ки дар муассисаи таҳсилоти олӣ вуҷуд дорад, механизми универсалии таълимӣ мебошад, ки на ба зӯроварӣ ва фишори берунӣ, балки ба ихтиёри озод ва дарки ботинии донишҷӯён аз зарурати кори мақсаднок оид ба такмили худшиносӣ асос ёфтааст. Ба андешаи мо, худидоракунии донишҷӯён барои худмуайянкунии шахсият, пайдоиши навовариҳои ҷавонон дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа имкониятҳои нав фароҳам меорад. Шартҳои муҳимми ташкили кори таълиму тарбия дар муассиспи таҳсилоти олӣ бунёд намудани фазои ягонаи таълимӣ мебошад. Фазои тарбия

омили иҷтимоии шахсият аст. Мундариҷаи фазои тарбиявӣ ҳамчун омили рушди иҷтимоии шахс муҳити субъект-фазо, муҳити иҷтимоӣ-рафторӣ, муҳити ҳодиса, муҳити иттилоотӣ мебошад. Ҳар як низоми тарбияи гуманистӣ кушода аст: фазои таълимӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низом дар ташаккул, фаъолият ва рушди он нақши муҳим дорад.

Умуман, дар фазои таълим муҳаққиқон якчанд унсурҳоро ҷудо мекунанд: фаъолият (фазои бевоситаи худшиносӣ, худтасдиқнамоии шахсият); коммуникативӣ (фазои муоширати мустақим); иҷтимоӣ-субъектӣ (муҳити субъектии шахс); ҳиссиётӣ (фазое, ки рӯҳияи донишҷӯёнро беҳтар мекунад); ахборотӣ ва ғайра мувофиқи шароити мавҷудияти худидоракунии донишҷӯён фазоӣ тарбиявӣ мебошад. Мавҷудияти худидоракунии муташаккили донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олӣ имкон медиҳад, ки хусусияти фазои таълимӣ самаранок гардонида шавад [34,153].

Худидоракунии донишҷӯён шакли махсуси фаъолияти ҷамъиятии донишҷӯён буда, ба ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёти донишҷӯён, инкишофи фаъолияти ҷамъиятии онҳо равона карда шудааст. Низоми худидоракунии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҷалби донишҷӯён ба равандҳои таълиму тарбия мусоидат намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки ташаббусҳои худро дар соҳаҳои гуногуни фаъолият амалӣ намоянд.

Ҳадафи худидоракунии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои худшиносии донишҷӯён дар соҳаҳои касбӣ ва эҷодӣ, ҳалли масъалаҳои мухталифи ҳаёти донишҷӯён шуморида мешавад. Барои ноил шудан ба мақсади зикргардида вазифаҳои зерин ба миён гузошта шуданд:

- баланд бардоштани нақши иттиҳодияҳои донишҷӯён дар ташаккули шахсият ва ташаккули ҷаҳонбинии донишҷӯён;
- барои амалисозии ташаббусҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятноки донишҷӯён, бунёди фазои иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
- баланд бардоштани самаранокӣ ва муваффақияти таҳсил, пурзӯр

намудани фаъолияти мустақилонаи эҷодии донишҷӯён дар раванди таълим бо назардошти самтҳои муосири рушди низоми таҳсилоти олӣ;

- ташаккули талабот ба таҳияи проблемаҳои мубрами илмӣ тавассути низоми эҷодиёти илмии ҷавонони донишҷӯ;

- масъулияти коллективи донишҷӯён барои интизом, меҳнат, маъкул донистани мавқеи ахлокии шахс ва коллектив барои ташаккули шахсияти эҷодкор;

- ташаббуси коллективи донишҷӯён  дар ташкили тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ;

– мусоидат ба муттаҳидшавии гурӯҳҳои алоҳидаи донишҷӯён, гурӯҳҳои академӣ, ҷараёнҳо, курсҳо, факултетҳои муассисаи таҳсилоти олӣ [135,345].

Ҳамин тавр, ташкили худидоракунии донишҷӯён имкон медихад, ки ташаббуси эчодии донишҷӯён, масъулиятшиносӣ ва шаҳрвандият, мустақилият ва фаъолияти ҷамъиятии онҳо инкишоф ёбад. Татбиқи самтҳои асосии фаъолияти худидоракунии донишҷӯён, аз ҷумла: илмӣ-тадқиқотӣ, фарҳангӣ-оммавӣ, варзишӣ ва тандурӯстию иттилоотӣ имкон медиҳад, ки дар маҷмӯъ дар тарбияи маънавию ахлоқӣ, касбӣ, меҳнатӣ ва шаҳрвандӣ, донишҷӯён мустақилияти худро инкишоф диҳанд, ки кори доимиро оид ба худшиносӣ, худомӯзӣ ва такмили худ талаб мекунад. Чунин ҳолат дар ҳамон сурат имконпазир мегардад, ки донишҷӯ субъекти фаъоли ҳаёти ҷамъиятии донишгоҳ буда, дар ташкили он, ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани анъанаҳои факултет ва умуман муассисаи таҳсилоти олӣ иштирок намояд ва масъулияти комилро барои сифати кори худ дарк намояд.

Барои ташаккули мақсадноки низоми худидоракунии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олӣ таъмини шароитҳои мувофиқи ташкилӣ ва педагогӣ зарур мебошанд. Ба шароити ташкилӣ, пеш аз ҳама, сохтори мақомоти худидоракунии донишҷӯён, таъминоти молиявӣ ва иттилоотӣ, расмигардонии низоми худидоракунии донишҷӯён, технологияҳои идоракунӣ ва иттилоотии мақомоти худидоракунии донишҷӯён дохил карда мешавад.

Ба шароитҳои педагогӣ бошад, мавҷудияти воситаҳои таълимӣ-методӣ ва амалӣ оид ба ташкили фаъолияти худидоракунии донишҷӯён, инчунин ҳуҷҷатҳои барномавӣ, консепсияҳо, барномаҳо, нақшаҳо; таъминоти баланд бардоштани тахассуси ташкилкунандагон ва мутахассисони худидоракунии донишҷӯён; мавҷудияти шаклҳо ва методҳои интерактивии таълим, ки ба бунёди вазъияти муваффақият равона карда шудаанд; таъмини мониторинги самтгириҳои арзишӣ, самаранокии шакл ва методҳои кори мақомоти худидоракунии донишҷӯён, таъмини шаклҳои мухталифи фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олӣ, рушди нерӯи эҷодӣ ва сифатҳои сарварии донишҷӯён дохил карда мешавад.

Дар асоси шароитҳои бунёдгардида дар Донишгоҳи давлатии Данғара ба таври доимӣ чунин шаклҳои худидоракунии донишҷӯён, ки бо якдигар ҳамкорӣ намуда, инкишоф менамоянд: созмони иттифоқи касабаи донишҷӯён, иттифоқи донишҷӯён, клубҳои варзишӣ, коллективҳои мухталифи эҷодӣ, ҷамъияти илмии донишҷӯён дар назди кафедраҳои алоҳида ва ғайраҳо амал менамоянд.

Дар донишгоҳ созмони иттифоқҳои касабаи донишҷӯён фаъолият менамояд, ки фаъолияти худро дар асосии ризоияти коллектив бо маъмурият ба роҳ мондааст. Дар давраи фаъолияти худ он марҳилаҳои алоҳидаи рушдро паси сар намуда, самтҳои умумии ташаккул ва рушди худидоракунии донишҷӯёнро дар кишвар таҷассум менамояд.

Дар шароити имрӯза, ба созмони иттифоқҳои касаба, миқдори зиёди донишҷӯён аъзо мебошанд. Ҳамчун иттифоқи донишҷӯён, он ташаббусҳои ҷамъиятии донишҷӯёнро дастгирӣ менамояд, ба рушди ҳаматарафаи фаъолнокии эҷодӣ дар соҳаи таълим, фарҳанг, варзиш, ва рушди касбӣ кӯмак менамояд.

Мақсади фаъолияти созмон бунёди муҳити ягонаи донишҷӯён барои дастгирии ташаббусҳо ва рушди нерӯи донишҷӯён, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, баланд намудани шароит таълим ва сифати

таҳсилот, ташаккули мавқеи шаҳрвандии донишҷӯён, қобилият ба меҳнат ва ҳаёт дар ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, масъулияти бевоситаи созмон – ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои донишҷӯён ба ҳисоб меравад. Кумитаи иттифоқҳои касабаи донишҷӯён ба соҳаи фаъолияти худ чунин самтҳо, ба монанди ташкили вақти холӣ ва саломатӣ, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯёнро дохил намудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки иттифоқҳои касабаи донишҷӯён дар донишгоҳ дар чорабиниҳои мухталифи ҷамъиятӣ иштирок намуда, миқдори зиёди донишҷӯёнро ҷалб менамояд. Илова бар ин, баҳри таҳкими тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ вохурии донишҷӯёнро бо иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дигар намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташкил менамояд. Чунин мешуморем, ки дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ созмони иттифоқҳои касаба донишгоҳ фаъолияти пурсамар дорад.

Самти муҳими фаъолияти худидоракунии донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии Данғара ташкили корҳои варзишӣ-оммавӣ ба ҳисоб меравад. Дар донишгоҳ клуби варзишӣ амал менамояд, ки ба ташкили чорабиниҳои сатҳҳои мухталифи варзишӣ-оммавӣ машғул аст. Ҳамасола, мувофиқи нақшаи тасдиқшудаи чорабиниҳои варзишӣ-оммавӣ, чорабиниҳои мухталифи варзишӣ гузаронида мешавад, ки ба масъалаҳои мухталиф бахшида шудаанд. Дар ин самт метавон мусобиқаҳои варзишӣ оид ба футбол ва волейболро байни факултетҳо махсусан қайд намуд, ки бар зидди тероризм, гардиши маводи мухаддир ва дигар таҳдидҳои замони муосир бахшида шудаанд.

Дар ҷашнҳои миллӣ, клуби варзишӣ бозиҳои мухталифи варзишии миллиро ташкил менамояд, ки дар он донишҷӯёни солҳои гуногуни таҳсил фаъолона ширкат меварзанд. Иштироки бевоситаи донишҷӯён, албатта ба ташаккул ва рушди ҳиссиёти ҳарбӣ-ватандӯстии онҳо мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ метавон қайд намуд, ки клуби варзишӣ дар ташаккул ва инкишофи ҳисси ватандӯстии донишҷӯён мавқеи муҳим дошта, дар ин самт баҳри ҷалби донишҷӯён ба корҳои ҷамъиятӣ озмунҳои мухталифи варзишӣ-

оммавиро ба роҳ мондааст.

Унсури муҳими низоми худидоракунии донишҷӯён дар донишгоҳ худидоракунӣ дар хобгоҳҳои донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Шӯрои корпуси донишҷӯён ба ҳалли миқдори зиёди масъалаҳои маишӣ ва истироҳати донишҷӯён машғул аст. Лекин худидоракунӣ дар хобгоҳҳо на танҳо вазифаҳои беҳтар намудани шароити маишӣ, балки вазифаи ташкили худхизматрасонии донишҷӯён, гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ, варзишӣ, иштирок дар нигоҳдории тартиботи ҷамъиятиро иҷро менамояд.

Дар донишгоҳ диққати асосии ба рушди клубҳо ва коллективҳои эҷодӣ равона карда шудааст. Фаъолияти онҳо ба амалинамоии принсипҳои худидоракунӣ дар донишгоҳ равона карда шудааст. Донишҷӯён худ самти рушдро дар ояндаи наздик ва дурнамо муайян менамоянд, нақшаи чорабиниҳоро тартиб медиҳанд, ба фаъолияти эҷодӣ машғуланд, вохӯриҳои кориро ташкил менамоянд.

Илова бар ин, дар назди тамоми кафедраҳои донишгоҳ ҷамъиятии илмии донишҷӯён амал менамояд, ки мувофиқи нақшаи тасдиқшуда як ё ду маротиба чорабиниҳои илмии худро дар шакли семинарҳо ташкил менамоянд. Масъалаҳои асосии баррасишаванда аз тарафи худи донишҷӯён дар асоси муҳимият интихоб карда мешаванд. Албатта, масъалаҳои мухталифи дохилии кишвар, масъалаҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, масъалаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, рушди иқтисодӣ ва ғайраҳо дар доираи ин чорабиниҳо баррасӣ карда мешаванд.

Ҷамъиятии илмии донишҷӯён “Сиёсатшиноси ҷавон” мавзуҳои нисбатан муҳим, ки аҳамияти муҳими тарбиявӣ доранд, баррасӣ менамояд. Дар ҷорабниҳои ҷамъияти мазкур як қатор мавзуҳо, ба монанди экстремизм дар муҳити ҷавонон – сабабҳо ва мубориза алайҳи он; ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонони муосир; коррупсия ва роҳҳои мубориза бо он дар Тоҷикистон, амнияти иттилоотии ҷавонони муосир; ташаккули маънавиёт ва ахлоқи насли наврас дар ҷаҳони муосир; тоқатпазирӣ

дар ҷаҳони муосири серфарҳанг; терроризм – таҳдидҳои нав дар ҷаҳони муосир ва ғайраҳо баҳсу мунизораҳои доманадорро байни иштирокчиён ба миён оварданд.

Маҳфили илмии «Ҳомии ҳуқуқ» ҳамчун маҳфили умумидонишгоҳӣ буда, дар он донишҷӯёни ҳамаи факултетҳои донишгоҳ иштирок карда метавонад. Маҳфили мазкур дар як моҳ ду маротиба баргузор мегардад. Дар маҳфил донишҷӯён ва устодон иштирок намуда, дар мавзӯъҳое ки дар нақшаи маҳфил тасдиқ шудааст, баромад менамоянд. Масъулиятро барои баргузории маҳфил кафедраи фанҳои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ба зимма гирифта, раисии онро ассистенти кафедра Шарифӣ Дилбар ба уҳда дорад. Масъулин, ҷараёни баргузории маҳфилро пурра назорат намуда, аз натиҷаҳои он ба кафедра гузориши муфасал медиҳанд. (Замимаи № 1)

Мақсад аз баргузории маҳфилро метавон чунин арзёбӣ намуд: дарёфти донишҷӯёни лаёқатманд ва омода намудани онҳо ба мафилҳои илмии сатҳи баланд; баланд бардоштани сатҳи шуури сиёсӣ ва ҳуқуқии донишҷӯён ва устодон; таҳкими давлатдории миллӣ; ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии ҷавонон ва тарғиби ғояҳои ватандорӣ; инкишофи фарҳанги миллӣ дар асоси арзишҳои миллии бунёдӣ; ташаккули тафаккури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ ва ғайраҳо.

Маҳфили илмии “Омӯзгори муваффақ”  “Педагогони ҷавон” ҳамчун маҳфили умумидонишгоҳӣ буда, дар он донишҷӯёни ҳамаи факултетҳои донишгоҳ иштирок карда метавонад. Маҳфили мазкур дар як моҳ як маротиба баргузор мегардад. Дар маҳфил донишҷӯён ва устодон иштирок намуда, дар мавзӯъҳое, ки дар регламенти маҳфил тасдиқ шудааст, баромад менамоянд. (Замимаи № 2)

Шакли муҳими тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ иштироки анъанавии донишҷӯён дар чорабиниҳои тантанавӣ, ки ба ҷашнгирии солгарди воқеаҳои муҳими таърихӣ, ба монанди рӯзи Ваҳдати миллӣ, рӯзи Қушунҳои муссалаҳ бахшида шудаанд.

Ҳамин тавр, дар Донишгоҳ дар инкишофи низоми худидоракунии донишҷӯён анъанаҳо чорӣ карда шудаанд. Принсипи асосии ташкил ва рушди он дар донишгоҳ ҳамеша принсипи гуногунии шаклу фаъолият, муносибати ҳамаҷониба, мунтазам ба татбиқи лоиҳаҳои аҳамияти иҷтимоӣ буд ва боқӣ мемонад. Ба андешаи мо, мухайё кардани шароит барои кор ва хамкории ташкилотҳои гуногун ва мақомоти худидоракунии донишҷӯён дар донишгох самараноктарин роҳи инкишофи худидоракунии мебошад. Ба шарофати ин равиш мураккабӣ, бисёрҷанбаӣ, устувории низоми худидоракунии донишҷӯён, самаранокии унсурҳои он таъмин карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён мавқеи мақомоти худидоракунии донишҷӯён бузург аст. Маҳз маҳфилҳои илмиву амалӣ дар доираи созмонҳои худидоракунии донишҷӯён имконият медиҳад, ки донишҷӯён ба масъалаҳои мухталифи ватану ватандорӣ ҷалб гардида, тасаввуроти худро оид ба масъалаҳо васеътар намояд.

Ташкили худидоракунии донишҷӯён имкон медихад, ки ташаббуси эчодии донишҷӯён, масъулиятшиносӣ ва шаҳрвандият, мустақилият ва фаъолияти ҷамъиятии онҳо инкишоф ёбад. Татбиқи самтҳои асосии фаъолияти худидоракунии донишҷӯён, аз ҷумла: илмӣ-тадқиқотӣ, фарҳангӣ-оммавӣ, варзишӣ ва тандурӯстию иттилоотӣ имкон медиҳад, ки дар маҷмӯъ дар тарбияи маънавию ахлоқӣ, касбӣ, меҳнатӣ ва шахрвандӣ, донишчӯён мустақилияти худро инкишоф диҳанд, ки кори доимиро оид ба худшиносӣ, худомӯзӣ ва такмили худ талаб мекунад.

## Хулосаи боби дуюм

Ташаккул ва инкишофи ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз баинобатгирии вазифаҳо, принсипҳо ва роҳҳои амалигардии он вобаста аст. Ватандӯстӣ хусусияти ирсӣ надошта, ба мерос гирифта намешавад, балки сифати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Яъне, ватандӯстӣ ин ҳиссиёти касбшаванда мебошад, ки ба тарбияи он ба таври мақсаднок машғул шудан зарур аст. Дар раванди тарбияи ҳарбӣ-

ватандӯстии донишҷӯён бояд воситаҳои мухталифи педагогӣ, ки якдигарро пурра ва мустаҳкам менамоянд, зарур аст. Дар ин низом ҳалқаи муҳим бояд шуури ватандӯстӣ бошад, ки бо иттилооти мусбӣ пурра намудан зарур аст

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бояд ба таври васеъ ба роҳ монда шуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷавононро фарогир бошад. Ташаккули сифатҳои иҷтимоии ватандӯстӣ ва муқаррароти арзишӣ бояд тариқи омӯзиши фанҳои мухталифи гуманитарӣ, иштироки донишҷӯён дар фаъолияти созмонҳои ҷамъиятии ватандӯстӣ ва самтгирии ҳарбӣ-ватандӯстӣ, инчунин дар фаъолияти шаклҳои гуногуни ҳаракатҳои ҷавонон, ташаббусҳо, чорабиниҳои мушаххас ва ғайраҳо ба роҳ монда шавад.

Дар раванди таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ донишҷӯ сифатҳои ахлоқӣ-психологӣ ва донишҳои махсуси амалӣ, малакаву маҳоратҳоро аз худ менамояд, ки барои тасниф гардидан бо мафҳуми “ватандӯст” мувофиқ мебошанд. Барои ватандӯст гардидан аз худ намудани фанҳои гуманитарӣ зарур мегардад, ки аввалиндараҷа ҳисобида мешаванд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки дар раванди ташаккули сифатҳои шаҳрванд ва ватандӯст мавқеи фанҳои гуманитарӣ бузург аст.

Дар шароити имрӯза дар таълими фанҳои гуманитарӣ асосан методҳои аёнӣ ва амалӣ истифода карда мешавад, ки барои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мувофиқ мебошанд. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён ин ҷанбаи муҳим дар мундариҷаи фанҳои гуманитарӣ мебошад, аз ин хотир зарур аст, ки ҳар як мавзуъ барои омӯзиш бо таҷассуми шаҳрвандият ва ватандӯстӣ пурра гардида бошад.

Дар асоси таҳлилҳо метавон қайд намуд, ки фанҳои иҷтимоӣ-гуманитариро бояд тарзе пешниҳод намуд, ки дар як қатор бо ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ, иҷтимоиву касбӣ, инчунин тафаккури умумиро ташаккул диҳанд ва умуман инкишофи шахсияти донишҷӯро таъмин намоянд.

Бо таваҷҷӯҳ ба муносибати шахсӣ-самтгирӣ дар таълим метавон гуфт, ки ҳангоми омӯзиши маводи илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ иттилоот на танҳо аз

ҷониби донишҷӯён азхуд карда мешавад, балки муносибати ҳиссиётӣ низ дар натиҷаи таҷрибаи шахсӣ ба вуҷуд меояд. Таҷрибаҳои шахсӣ дар омӯзиши фан, ки дар маҷмӯъ ба дарки вазифаҳо ва аҳамияти фанҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ таъсири калон мерасонад, муҳим арзёбӣ карда мешаванд.

Тарзи дурусти пешниҳоди маводи фанҳои гуманитарӣ, истифодаи метод ва технологияҳои муосир, ба ташаккули шахсият, ба ташаккул ва инкишофи ҳиссиёти ватандӯстӣ, ифтихор аз Ватан, аз дастовардҳои таърихӣ ва муосири Ватан мусоидат менамояд. Чунин мешуморем, ки дар ҳолати аз худ намудани фанҳои гуманитарӣ, ҳиссиёти воқеӣ ва бошууронаи шахс нисбат ба Ватан ташаккул меёбад, дар айни ҳол чунин меҳру муҳаббат ва ифтихор аз Ватан, ба ақидаи мо, "бардуруғ ва беасос" мебошад.

Ташаккули заминаи асосии донишҳои гуманитарӣ дар заминаи таҳсилоти касбӣ дар шароити муосир, ба инобат гирифтани хусусиятҳои фанҳои таълимӣ, ки усулҳои таълими онҳо бояд дараҷаҳои гуногуни мураккабии фанҳои таълимӣ пурра ба инобат гирифта шаванд, муҳим боқӣ мемонад. Маводе, ки дар доираи он тартиб додани вазифаҳои асосӣ ҳавасмандии омӯзиши хонандагонро пешакӣ муайян мекунад.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ-ватандӯстии донишҷӯён ба ташаккули самтгириҳои арзишии донишҷӯён дар шароити сатҳи баланди фаъолнокии онҳо дар иштирок дар навъҳои мухталифи фаъолияти иҷтимоӣ равона карда шудааст. Яке аз масъалаҳои муҳим иштироки донишҷӯён дар созмонҳои ҷамъиятии ба ҳисоб меравад, ки дар педагогикаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун яке аз технологияҳои муҳими тарбияи шаҳрванди фаъол, ки бошуурона ба ҳаёти иҷтимоӣ-ҷамъиятии муассисаи таҳсилоти олии худ ворид гардидааст.

Иттиҳодияҳои донишҷӯён ин иттиҳоди ихтиёрии донишҷӯёни созмонҳои касбии таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо мақсади ҳалли якҷояи масъалаҳои баланд бардоштани сифати ҳаёти донишҷӯён ба ҳисоб меравад. Чунин иттиҳодияҳо имконият медиҳанд, ки ҳар як донишҷӯ дар идоракунии

ҳаёти муассисаи таҳсилоти олӣ иштирок намояд ва имкониятҳоро барои худамалинамоӣ ва инкишоф истифода намояд.

Иштироки донишҷӯён дар созмонҳои касбӣ-таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ дар фаъолияти худидоракунӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими тарбияи шаҳрванди фаъол, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ ҷалб мешаванд, баррасӣ карда мешавад. Дар шароити имрӯза талабот ба фаъолнокии донишҷӯён бузург аст.

# БОБИ 3. ТАРБИЯИ ҲАРБӢ - ВАТАНДӮСТӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Нишондиҳандаҳои асосӣ ва шароити баланд бардоштани самаранокии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мақомот ва созмонҳои давлатӣ (субъектҳои тарбия) муайннамоӣ, асоснокнамоӣ ва истифодаи нишондиҳандаҳои самаранокии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Коркард ва истифодаи амалии онҳо барои ҷанбаҳои зерин зарур ҳисобида мешавад:

- барои омӯзиш, таҳлил ва баҳогузории вазъияти воқеии корҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ;

-барои рушди минбаъдаи асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ;

-барои муайяннамоӣ ва асоснокнамоии самтҳои амалӣ, шаклҳо, методҳо, воситаҳо ва технологияҳо, ки амалинамоии онҳо ба баланд бардоштани самаранокӣ ва бадастории натиҷаҳои баланди фаъолияти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии шаҳрвандон мусоидат менамояд [36,288].

Ҳамин тариқ, масъалаи нишондиҳандаҳо ҳам ҷанбаи назариявӣ ва ҳам ҷанбаи амалӣ дорад, зеро бе онҳо самтгирии дуруст дар раванди иҷроиши вазифаҳо дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва махсусан дар баҳогузории натиҷаҳои мушаххаси он ғайриимкон аст.

Мафҳуми “нишондиҳанда” ҳамчун аломати асосӣ муайян карда мешавад, ки дар асоси он як роҳи ҳал яз якчанд роҳи имконпазир интихоб карда мешавад, дар асоси он баҳогузорӣ, таснифот ё навъбандӣ амалӣ карда мешавад. Ба сифати нишондиҳанда танҳо аломатҳои махсуси падидаи таҳқиқшаванда баромад менамоянд, ки ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ мебошанд:

-нишондиҳанда бояд объективӣ бошад;

-нишондиҳанда танҳо аломати нисбатан муҳим, устувор ва такроршаванда шуда метавонад;

- нишондиҳанда бояд ба талаботҳои зарурат ва кифоягӣ ҷавобгӯ бошад;

- нишондиҳанда бояд имконияти баҳогузорӣ хусусият ва унсурҳои объекти таҳқиқшавандаро таъмин намояд [84,124].

Ҳамчун меъёр баромад намуда, нишондиҳанда як навъ намуна ва стандарт хизмат намуда, сатҳи олӣ ва нисбатан комили падида ва раванди таҳқиқшавандаро ифода менамояд, сатҳи мутобиқати онро ба меъёр ё идеал муқаррар менамояд. Лекин барои ин нишондиҳанда бояд ба таври кишоф инкишофёфта бошад, унсурҳо ва воҳидҳои ченакро фарогир бошад ва имконият диҳад, ки сарҳадоти воқеият мувофиқи меъёр муайян карда шавад.

Асоси методологии муайяннамоии нишондиҳандаҳои баҳогузории самаранокӣ ва натиҷаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ фаъолият ҳамчун раванди ташаккули ватандӯстӣ дар шуур, арзишҳо, амалҳо, рафтори шахсият, гурӯҳҳо, қишрҳои аҳолӣ хизмат мекунад. Дар чунин ҳолат ҷанбаи фаъолиятии раванди мазкур, яъне амалҳои воқеӣ ва корҳои амалӣ нишондиҳанда ва амалигардонии шуур баромад менамоянд. Диалектикаи мутобиқати ин ду унсурҳои нисбатан муҳим – шуур ва фаъолият муқаррар намудани нишондиҳандаҳои асосии баҳогузории корҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, алоқамандии ҳамоҳангсозии байни онҳоро муайян менамоянд.

Ҷанбаҳои муайяни шуури инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятиро метавон ба сифати асосҳои ҷудонамоии нишондиҳандаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ баррасӣ намуд. Дар чунин ҳолат на ташаккули мувофиқи шуур, балки мутобиқати он бо воқеият ба инобат гирифта мешавад. Аз ин хотир дар қатори нишондиҳандаҳои натиҷаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ на танҳо арзишҳо, манфиатҳо, мавқеъ, принсипҳо, мақсад, муқаррарот, аломатҳои махсус ва хусусиятҳои сифатии шахсият ва гурӯҳ, балки амалинамоии онҳо дар воқеият, зуҳуроти воқеӣ онҳо дар амалияи фаъолияти ватандӯстиро доранд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои асосӣ

таснифкунандаи натиҷаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд:

- нишондиҳандаҳо, ки дар онҳо шуури ватандӯсти, ки унсурҳои мухталиф, ба монанди донишҳои ватандӯстӣ, ҳиссиёт, нуқтаи назар, эътиқод, арзишҳо, ҳавасмандӣ, самтгириҳо, ғояҳоро дарбар мегирад мавқеи марказиро ишғол менамоянд;

-нишондиҳандаҳои фаъолиятӣ, натиҷавӣ, ки асосан дар зуҳуроти бевоситаи фаъолнокӣ, сифатҳои муҳим, хусусиятҳои рафтор, амалҳои мушаххаси шахсият, гурӯҳ ва қишрҳои мухталифи шаҳрвандон ифода гардида, самтгириҳои ватандӯстиро тасниф менамоянд ва саҳми воқеиро дар иҷроиши қарз дар назди Ватан, хизмати арзанда ба Ватан дар соҳаҳои мухталифи фаъолият, ки дар натиҷаҳои ниҳои таҷассум мегарданд, пешниҳод менамоянд [84,124].

Ҳамин тариқ, критерияҳои гурӯҳи якум, ки бо унсурҳои мухталифи шуур, ҷаҳони маънавии инсон, гурӯҳи иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд, дорои асоси субъективӣ дар симои омили инсонӣ мебошад. Ба нишондиҳандатҳои гурӯҳи дуюм, баръакс, асосҳои объективӣ хос мебошад, ки аҳамияти муҳими онҳо на танҳо дар як қатор таҳқиқотҳои муосири илмӣ таъкид карда шудаанд, балки дар баромадҳои фаъолони намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ, дар ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки масъалаи тарбия ҳарбӣ-ватандӯстӣ таҷассум гардидаанд, қайд карда мешавад.

Барои нишондиҳандаҳо хусусияти объективӣ ва  муайянӣ муҳим мебошад, ки тариқи ташаккули мундариҷаи асосии онҳо, ки ҷанбаҳои муҳими воқеятро таҷассум менамоянд, ба даст оварда мешавад. Инчунин зарур аст, ки нишондиҳандаҳо, дақиқ, саҳеҳ ва равшан бошанд. Танҳо дар чунин ҳолат, онҳо метавонанд, ки воситаҳои воқеӣ ва боэътимоди омӯзиш, таҳлил ва баҳогузории самаранокии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ баромад намоянд.

Нисбати баҳогузории тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон нишондиҳанда – ин маҷмӯи аломатҳои хусусияҳои асосии он, сатҳи ифодагардӣ ва рушди он ба

ҳисоб меравад. Нишондиҳандаҳои зикргардида, аз бисёр ҷанба, дар таҳлили хусусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун фаъолияти самаранок асос меёбад, ки дар он талаботҳои пешниҳодгардида амалӣ карда мешаванд. Ҳар қадаре, ки нишондиҳандаҳо ин талаботҳоро ҳаматарафа ва пурра таҷассум менамоянд, то ҳамон андоза онҳо объективӣ ҳисобида мешаванд.

Дар алоқаманди бо ин, ҷанбаи назариявии масъалаи мазкурро ба инобат гирифта, қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаҳо бояд ба талаботҳои зерини методологӣ мувофиқ бошанд:

-воситаи муайяннамоии натиҷаҳои воқеии корҳо дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба ҳисоб рафтан;

-таъмини мутобиқати баҳогузории натиҷаҳои корҳои тарбичи ҳарбӣ-ватандӯстӣ бо вазъияти воқеии он;

-баҳогузории объективии ҷанбаи субъективии фаъолияти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, яъне ба киҳо равона гардидани таъсиррасонии тарбиявӣ баҳогузорӣ карда шавад [107,400].

Дарки ягонагии нишондиҳандаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар маҷмӯъ дар принсипи ягонагии шуури ватандӯстӣ ва фаъолияти ватандӯстӣ асос меёбад. Ин принсип нисбат ба нишондиҳандаҳои асосӣ, ки ба низоми ягона муттаҳид мегардиданд ва метавонанд дар шакли нишондиҳандаи ҷамъбастшуда пешниҳод гарданд, хусусияти интегралӣ дорад.

Дар он ҳам талаботҳои пешниҳодгардида ва ҳам ҷанбаҳои муҳим, унсурҳои шуури ватандӯстӣ ва фаъолияти ватандӯстӣ, ки ҳамчунин ба ин талаботҳо дохил мешаванд ва дар вобастагӣ бо сатҳи мутобиқат бо онҳо бо ёрии нишондиҳандаҳо баҳогузорӣ карда мешаванд, муттаҳид гардидаанд.

Муайяннамоии натиҷаҳои корҳои тарбияи ватандӯстӣ дар шакли баҳои мушаххас, пеш аз ҳама, таҳлили ҳаматарафаи ин фаъолиятро тариқи методҳои мухталиф, инчунин нишондиҳандаҳои мухталиф пешниҳод менамояд [24,37].

Барои ҳалли вазифаҳои зикргардида – муайянннмоии баҳогузории натиҷаҳои корҳои тарбияи ватандӯстӣ зарурати таҳлили ҷанбаҳо ва самтҳои

муҳими ин фаъолиятба миён меояд. Дар навбати худ, чунин таҳлил дар методҳои муайян асос меёбад. Таҷрибаи гузаронидани таҳқиқи мушаххаси корҳои тарбияи ватандӯстӣ нишон медиҳад, ки мундариҷаи асосӣ ва пайдарпаии ин методика ҷанбаҳои зеринро дарбар мегирад:

- тартиб додани нақшаи таҳлили вазъияти тарбияи ватандӯстӣ ва натиҷаҳои он, коркарди методии маводҳо ва ҳуҷҷатҳо барои гузаронидани он. Дар ин марҳила мақсад ва вазифаҳои таҳлил; номгӯи самтҳои муҳими фаъолият; чорабиниҳо ва проблемаҳои нисбатан муҳим, ки таҳқиқи амиқи онҳо зарур аст; методҳои таҳлил ва воситаҳои амалинамоии он; фарзияҳои корӣ ва натиҷаҳои он; тартиби гузаронидани таҳлил ва пешниҳоди натиҷаҳои он;

-ҷамъоварии маълумот оид ба вазъияти тарбияи ватандӯстӣ ва натиҷаҳои он, оид ба самаранокии чорабиниҳо, оид ба иштирок ҳамчун ташкилотчӣ ва ҳамчун иштирокчии муқаррарӣ. Сарчашмаҳои чунин махлумотҳо метавонад, ки мушоҳидаҳои шахсӣ, ақидаҳои фардӣ ва коллективӣ, мавқеъ, муроҷиат; натиҷаи суҳбатҳо, пурсишномаҳо; натиҷаи санҷишҳои гуногун, натиҷаи чорабиниҳо; маводҳо аз мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ғайраҳо;

-коркарди маълумотҳо: гурӯҳбандӣ ва навъбандии натиҷаҳои фаъолият бо ҷудонамоии аломатҳои мусбӣ ва манфӣ; таҳлили корҳои ҷорӣ ва чорабиниҳо, ки омодагии тӯлониро талаб менамоянд;

-таҳлили самаранокии ташкилотчиёни корҳои тарбияи ватандӯстӣ, иҷроиши вазифаҳои алоҳида, масъулиятҳои муҳаххаси функсионалӣ аз тарафи онҳо ва ғайраҳо;

- таҳлил ва баҳогузории воқеияти корҳои тарбиявӣ бо қишрҳои мухталифи аҳолӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон. Дар чунин ҳолат ҳам нишондиҳандаҳои сифатӣ (самаранокии чорабиниҳо, дигаргуншавии вазъият пас аз гузаронидани чорабиниҳо, ки таъсири ташаккулдиҳанда, иттилоттӣ ва сафарбарнамоӣ мерасонанд) ва ҳам нишондиҳандаҳои миқдорӣ (миқдори чорабиниҳо, сатҳи фарогирии иштирокчиён, навъбандии чорабиниҳо) муайян карда мешаванд;

-муайяннамоии хулосаҳо оид ба вазъияти тарбияи ватандӯстӣ ва натиҷаҳои он, ташаккули вазифаҳои мушаххас ва чорабиниҳо барои беҳтарнамоии онҳо. Дар хулоса ҷанбаҳои зерин таҷассум меёбанд: баҳогузории умумии вазъияти тарбияи ватандӯстӣ ва натиҷаҳои ба даст овардашуда, муқоисаи онҳо бо марҳилаҳои пешина; сатҳи мутобиқати корҳои тарбиявӣ бо талаботҳои пешниҳодшаванда, вазифаҳои иҷрошаванда, имкониятҳои ҷойдошта;

- пешниҳоди натиҷаҳо дар шакли графикӣ, ба монанли диаграммаҳо, нақшаҳо ва ҷадвалҳо [109,142].

Ҳамин тариқ, ҷанбаҳои зикргардида, методикаи нисбатан паҳнгардидаи таҳлили ташаккули ватандӯстӣ ва омодагии шаҳрвандон ба хизмати шоиста ба Ватан ба ҳисоб меравад.

Аз ин хотир, чунин мешуморем, ки истифодаи нишондиҳандаҳо, дар муайян намудани сатҳи ташаккули ватандӯстӣ дар байни шаҳрвандон, махсусан ҷавонон муҳим буда, дар беҳтар намудани вазъияти корҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мусоидат менамоянд.

Дар шароити имрӯза, ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ диққати махсус равона карда мешавад. Роҳҳо ва воситаҳои мухталифи таъмини самаранокии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ таҳия гардида, дар амалия санҷида мешаванд. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ яке аз омилҳои асосии ҳимояи манфиатҳои давлатӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар муайян кардани самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба ҷанбаҳои зерин диққат додан зарур аст:

-аз мавҷудияти заминаҳои зарурӣ дар ҷомеа ва ташкили низомии он, иқтидори бузурги беҳамтои таълиму тарбия, ватандӯстӣ сазовори хизмат ба Ватан хамчун асоси воқеии фароҳам овардани шароит барои беҳтар намудани ин фаъолият;

-дар раванди таълим робитаи сохторҳои гуногун, қариб ба ҳам алоқаманд набуда ва мақомоти идоракунии кори тарбияро таъмин намояд [131,177].

Ин самтҳо бояд бо зарурати бартараф намудани ҷанбаҳои манфии таълим, ки ба он як қатор омилҳои номатлуб ва ҳатто мухолиф таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд. Роҳбарон ва ташкилотчиёни кори тарбиявӣ барои ба даст овардани натиҷаи ниҳоии бояд тамоми шароит ва воситаҳои зарурии самаранок истифода бурдани шаклу методҳои сифатан навро дошта бошанд. Мувофиқи ҷанбаҳои зикршуда, самтҳо ва шартҳои асосии баланд бардоштани сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҷудо карда мешаванд.

Таъмини иттилоотӣ-фаҳмондадиҳӣ оид ба ташаккули ватандӯстӣ, қарзи конститутсионӣ, омода будан ба хизмати шоистаи Ватан ҳамчун муҳимтарин арзишҳо дар тафаккур ва ҳиссиёти ҷавонон, махсусан дар робита бо манфиатҳои давлат ва ҷомеа; ба ин мақсадҳо истифода намудани воситаҳои ахбороти умумӣ, хусусан матбуоти даврӣ дар баробари бартараф намудани қолабҳо мавҷудаи манфӣ зарур аст. Яъне, ба хотири бедор намудани ҳисси ҳарбӣ-ватандӯстӣ зарур аст, ки нисбат ба фаъолияти ҳимояи давлат ва манфиатҳои миллӣ иттилооти зарурӣ дар байни ҷавонон паҳн карда шавад. Дар шароити Тоҷикистон, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори муайяни ҷавонон хоҳиши хизмат ба Ватанро надоранд. Аз ин хотир таъминоти иттилоотӣ бояд дар байни ҷавонон васеъ гардонида шавад. Маҳз тариқи фаҳмондадиҳӣ, аз худ намудани донишҳои муайяни илмӣ метавон ҷавононро ба хизмати Ватан ҷалб намояд.

Таъмини илмӣ-назариявӣ, яъне пурзур намудани таҳқикот дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон ва бо мақсади ба куллӣ беҳтар намудани он дар шароити дигаргуниҳои амиқи ҷамъиятӣ дар фаъолияти амалӣ истифода намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар назар дошта шудааст.Асоснокнамоӣ ва ғани гардондани мазмуни корҳои тарбиявӣ бо роҳи вориднамоии таркиби фарҳангӣ-таърихӣ, маънавӣ-ахлоқӣ, муҳимтарин комёбиҳои илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, инчунин афкори муосири харбӣ ба он амали зарурӣ ва ҳатмӣ арзёбӣ карда мешавад [24,37].

Дар доираи таъминоти педагогӣ ва методӣ таҳияи маҷмӯи барномаҳо ва методҳои махсуси таълимӣ ва ташкилӣ, гузаронидани корҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шаклҳои гуногун, истифодаи шаклу воситаҳои педагогӣ бо назардошти хусусиятҳои синнусолии ҷавонон, таъмини рушд ва такмили шаклу методҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, нашри мунтазами адабиёти мухталиф бо дарназардошти навовариҳо, таҷрибаи пешқадами тарбиявӣ ва таълимӣ, ташкили комиссияҳои байниидоравӣ ва байниминтақавӣ оид ба амалӣ намудани ҳадафу вазифаҳои ташаккули шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар байни ҷавонон, омода гардидани ҷавонон ба хизмати шоистаи Ватан, таҳияи тарҳи татбиқи чорабиниҳои асосии тарбиявии ҷавонон дар минтақаҳо ба роҳ монда мешавад.

Тадбирҳои ташкилӣ: ташкили сохторҳои махсуси идоравӣ ва байниидоравӣ барои амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои бо назардошти таъмини ҳамоҳангӣ ва ҳамкории субъектҳои он дар асоси принсипҳои ҳамкории мутақобилан муфид; баланд бардоштани сатҳи муташаккилӣ, такмили унсурҳои алоҳидаи низом; таъмини алоқа ва ҳамкориҳо дар низоми маориф, маданият, воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар унсурҳои сохтори давлати ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ; ташкили низоми идоракунии раванди таълим бо мақсади ташаккул ва татбиқи стратегияи ягона дар самти фаъолият, муттаҳид намудани саъю кӯшиши ташкилотҳо, вазорату идораҳои гуногун, инчунин расонидани кӯмак ва дастгирии онҳо; ташкили низоми тайёр кардани мутахассисоне, ки метавонанд масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ, хизмати шоиста ба Ватанро ба таври самаранок иҷро намоянд [22,224].

Татбиқи ин самтҳо ва фароҳам овардани шароити зарурӣ ҳамчун қадамҳои аввалин ҷустуҷӯ ва таҳияи методҳои нав ба ҳисоб меравад, ки ҷорӣ намудани онҳо ба фароҳам овардани заминаҳои сифатан нав дар тарбияи ватандӯстӣ, омодагӣ барои хизмати шоиста дар назди Ватан мусоидат менамоянд. Ба таври мушаххас сухан оид ба зарурияти қабул намудани консепсияи нави тарбияи

ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва барномаи дарозмуддати маҷмӯавии мақсаднок меравад, ки ба татбики амалии нуқтаҳои асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ нигаронида шудааст.

Дар шароити имрӯза низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар ҷумҳурии мо ба як қатор мушкилот дучор шудааст, аз ҷумла:

- мавҷуд набудани заминаи меъёрҳои баҳодиҳии сифати тарбияи ватандӯстӣ ва ҳисси ватандӯстӣ дар ҷомеа;

- набудани ташкили назорати давлатӣ ба инкишофи ҳаракатҳои ҷавонон ва ташкилотҳои бардуруғи ватандӯстӣ;

- ташкили назорати давлатӣ аз болои маводи тавассути ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ, ҷомеаҳои интернетӣ байни ҷавонон паҳншаванда;

- набудани ҳамкории муътадил байни субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ ва мақомоти давлатӣ;

- тайёрии заифи методии мутахассисони соҳаи тарбияи ватандӯстӣ;

-нигилизми шаҳрвандӣ (бепарвоӣ) нисбат ба проблемаҳои тарбияи ватандӯстӣ;

- нокифоя будани (аксар вақт) маблағгузории соҳаи тарбияи ватандӯстӣ.

Мушкилоти ошкоршуда бо таҳдиди ифротгароӣ ва терроризм дар байни ҷавонон бештар мешавад. Ба шарофати технологияҳои интернетӣ ҷаҳонбинии ҷавонони муосир ба таври қобили мулоҳиза тавсеа ёфт, вале дар баробари ин дарки интиқодӣ коҳиш ёфт, ки дар натиҷа теъдоди фирқаҳои гуногуни харобиовар ва таълимот ва мазҳабҳои динии ғайрианъанавӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Асоси идеологии аксари онҳо аз беинсофона ва ошкоро таҳқири динҳои суннатӣ, робитаи зич бо сохторҳои ҷиноӣ, душманӣ нисбат ба ниҳодҳои давлатӣ хос аст. Ҳамаи онҳое, ки дар зиндагӣ душвориҳои муайянро аз сар мегузаронанд, худро дар завфу хатар ҳис мекунанд.

Ғайр аз ин, дар натиҷаи аз даст додани собик дастурҳои идеологӣ, дараҷаи ифротгароӣ дар ҷамъият баланд шуд, характери алоқаи байни одамон тағйир ёфт, ки ин бо аз байн рафтани анъанахои коллективизм, ёрии хамдигарӣ

алоқаманд буд. Бегона шудани ҷавонон аз арзишҳои ҷамъиятӣ, мактабу оилаҳои расман таблиғшуда ҳарчи бештар зоҳир мешуд.

Вазъияти имрӯза заминаи мусоид барои таблиғи ифротгароӣ ва терроризм шуда истодааст, ки бо роҳи терроризми бераҳмона ва аз байн бурдани низоми мавҷудаи ҷамъиятию сиёсии кишвар имконоти содда ва зуди раҳоӣ аз вазъи кунуниро пешниҳод мекунад. Аз ин рӯ, ҷавонони зудбовар ва соддалавҳона ба роҳи ғайриқонунӣ даромада, ба осонӣ ба рафтори худ далели маънавӣ пайдо мекунанд. Ба ин ҳама мушкилоти фанновариҳои иттилоотӣ зам шудааст, ки бо истифода аз он тақрибан ҳамаи созмонҳои террористӣ фаъолиятҳои худро анҷом дода, кӯшиш мекунанд, ки зеҳни ҷавононро ба худ ҷалб кунанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз ба як абзори пурқудрати тафаккур ва рафтори ҷавонон табдил ёфта, қодир ба таъсири муассир ба афкори ҷомеа шудаанд. Вобаста ба ин, муҳимтарин вазифаҳое, ки дар назди системаи маорифи муосир истодаанд, чунинанд:

- ташаккули асосҳои фалсафӣ ва идеологии мавҷудият ва рушди инсоният;
- ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонон;
- тарбияи ҷавонон дар бораи моҳияти он равандҳои мураккаб, ки бо гузариши қисми таъсирбахши башарият аз як тафаккури тамаддун ба дигараш ва дар натиҷа аз байн рафтани анъана ва расму оинҳои муқарраршуда дар байни қисми муҳими этникӣ алоқамананд;
- тарбияи ҷавонон дар заминаи мавҷудияти сиёсии давлату созмонҳои муосир дар доираи майдони ҳуқуқии фаъолияти сиёсии онҳо.

Дар баробари ин, агар дар сатҳи муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, иловагӣ ва касбӣ бо мақсади минбаъд пешгирии онҳо низоми самараноки мониторинги шаклҳои рафтори манфии кӯдакон ва ҷавонон ташкил карда нашавад, он гоҳ тарбияи ватандӯстии насли наврас стихиявӣ ва номуташаккилона сурат мегирад.

Омӯзгорони низоми таҳсилоти олӣ бо назардошти проблемаҳои муайянгардидаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон бояд дар назди худ

вазифаҳои зеринро дар бобати тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ гузоранд:

- таҳия ва татбиқи метод ва шаклҳои самарабахши кор, ки ба тарбияи шаҳрвандӣ, ташаккули ватандӯстӣ тавассути фаъолияти бисёрҷониба, амалӣ ва фаъол мусоидат мекунанд;

-раванди таълимро дар асоси манфиатҳои шахсан муҳими донишҷӯ бо дарназардошти ҳадди аксар қобилият, талабот ва манфиатҳои ӯ ташкил намояд;

-фароҳам овардани имконият ба донишҷӯён барои омӯхтани интихоби шахсӣ, андӯхтани таҷриба дар фаъолияти маънавӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, дарки ҳадафҳои дурнамои зиндагии худ;

-ташаккул додани мавқеи шахсии зиддитеррористӣ, зиддиэкстремистии ҷавонон;

-ташкили низоми мониторинги шаклҳои рафтори номатлуби ҷавонон бо мақсади минбаъд пешгирии онҳо.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии равандҳои тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар низоми таҳсилоти олӣ таъсис додани марказҳои захиравӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки вақтҳои охир намунаи инноватсионии дастгирии ташаббусҳои иҷтимоии ҷавонон гардидаанд. Рисолати маркази захиравӣ аз таъсиси фазои ягонаи таълимӣ, ташаккули муҳити ғании иттилоотӣ барои тарҳрезии иҷтимоӣ нигаронидашуда, аз ҷумла тавассути такмили фаъолияти марказҳои китобхонавӣ ва иттилоотии ташкилотҳои таълимии касбӣ мебошад. Мақсад аз таъсиси маркази захиравӣ муайян, ҷамъоварӣ, таҳлил ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадам дар соҳаи дастгирии ташаббусҳои иҷтимоии ҷавонон, дастгирии иттилоотию методии фаъолияти шӯъбаи лоиҳаҳо ва ташаббусҳои иҷтимоии ҷавонон, кори мунтазам оид ба иттилоот ва таъминоти методии ташкилотҳои таълимӣ мебошад.

Тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ бо шиддатнокии баланди муошират, мубодилаи дониш, афкор, усулҳои фаъолият, саҳми махсуси инфиродии ҳар яки онҳо, гуногунии фаъолият, инъикоси мақсаднок аз тарафи иштирокчиёни фаъолияти онҳо, робитаи мутақобила хос аст. Ин хусусиятҳо истифодаи

технологияҳои интерактивии таълимро тақозо мекунанд, ки маҷмӯи усулҳои ҳамкории мутақобилаи мақсадноки мукаммали байнисубъективии омӯзгор ва донишҷӯён мебошанд, ки татбиқи пайгиронаи онҳо барои рушди онҳо шароити оптималӣ фароҳам меорад.

Технологияҳои интерактивӣ, ки шуури шаҳрвандони ҷавонро самараноктар ташаккул медиҳанд, инҳоро дар бар мегиранд:

- "бозиҳои нақшӣ" - онҳо тактикаи амалҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок, иҷрои вазифаҳои шахси мушаххасро кор мекунанд. Барои татбиқи онҳо модели бозии вазъият таҳия карда мешавад, дар байни иштирокчиён нақшҳо бо «мӯҳтавои ҳатмӣ» тақсим карда мешаванд. Дар рафти бозии нақшбозӣ ҷавонон таҷрибаи фарҳангиро дарк мекунанд; иштирокчиён рафтор, муносибат, эътиқоди худро бо намунаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим муқоиса мекунанд;

-«омӯзиши иҷтимоӣ-психологӣ» - шакли муоширати махсус ташкилшуда, ки таъсири равонии он ба усулҳои фаъоли кори гурӯҳӣ асос ёфтааст;

-бозии нақшбозие, ки тарбиятгирандаро дар ҳолати интихоби шахси қарор медиҳад, ки ба рушди худшиносӣ мусоидат мекунад, дар фаҳмидани мушкилот ва ҳодисаҳои мушаххас мусоидат мекунад.

-«форуми шаҳрвандӣ» - технологияи интерактивӣ, ки ба омӯзгорон барои пешбурди хонандагон тавассути марҳилаҳои иштироки шаҳрвандӣ, ҷалби онҳо ба раванди сиёсӣ кӯмак мерасонад; дар шуури чавонон бепарвоиро нисбат ба он равандҳои чамъиятие, ки ба ҳаёти ҳар як одам таъсир мерасонанд, бартараф намояд; кобилияти гузарондани гуфтушуниди мутаносиб, аз нуқтаи назари манфиати тамоми чамъият фикр кардан, тахлил кардан, бартарӣ ва камбудихои ин ё он муносибатро муайян карданро инкишоф диҳанд.

Дар тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ осорхона нақши бузург дорад. Маҳз дар ҳамин ҷо муносибати эҳсосотӣ ва шахсии хонандагон ба арзишҳои фарҳанги халқи худ ташаккул ёфта, ҳисси мансубият ва эҳтиром ба гузаштагон ташаккул меёбад. Ҳадаф аз таъсиси осорхона нишон додани он аст, ки қабати

фарҳангии гузаштаи наздик назар ба он, ки имрӯз тасаввур карда мешавад, хеле бойтар ва ҷолибтар буд. Чунон ки Н.Н. Иванушкин қайд менамояд, осорхона дунёест, ки дар он вақт инкишоф ёфта буд, пешкаш менамояд. Нигораҳои гуногун ба тамошобин имкон медиханд, ки ба як давраи том тамошо карда, китобхои дарсиро варақ зананд, филмҳои солҳои гузаштаро тамошо кунанд, бо кори муассисахои бачагона — қасрҳои пионерӣ, лагерҳои пионерӣ, театрҳои бачагона ва кинотеатрҳо шинос шаванд. Мавзуҳои марбут ба омӯзиши ашёи осорхонавӣ ва муҳити онҳо, инчунин мавзуҳое мебошанд, ки ба мунтазам пурра намудани фондҳо, нигоҳдории дарозмуддат ва истифодаи самараноки маводи ҷамъоварда мусоидат мекунанд. Фонди осорхонаҳо аз сарчашмаҳои моддӣ (ашё), сарчашмаҳои тасвирӣ, манобеъи хаттӣ, сарчашмаҳои физикӣ, манбаҳои аксҳо, сарчашмаҳои кино ташаккул меёбанд.

Муайянии мақсадноки тарбияи ватандӯстӣ ва нишондиҳандаҳои мундариҷавӣ бо дарки он ҳамчун соҳаи субъектии ҳастии инсон муайян карда мешавад, ки дар он масъалаҳои фундаменталии бадастории ғояҳо, арзишҳо ва ғайраҳо ҳал карда мешаванд. Дар алоқамандӣ бо ин, ба сифати танзими методологӣ ба обеъективияти раванди тарбияи ватандӯстӣ истифодаи ҳамон муносибатҳои илмӣ, ки соҳаи онтологии ватандӯстиро дар доираи муайянии ҳастии он: феноменологӣ, герменевтикӣ, теологиро таҷассум менамоянд, мақсаднок аст [66,142].

Ҳамгироии ин муносибатҳо имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои муайяни мундариҷавии тарбияи ватандӯстӣ ҷудо карда шаванд:

Дар асоси ин нуқтаи назар метавон субъектҳои самти башардӯстонаро манбаи рушди тафаккури инноватсионӣ донист, ки ба ташаккули онҳо тамоми навовариҳои имрўза дар раванди таълими донишгоҳҳо ҷорӣ карда шудаанд. Ин ба хусусияти плюралистии мулоҳизаҳои тартибдодашуда (масалан, фалсафа, психология ва ғайра), қобилияти таҳлили истеҳсолии стратеги (социология, географияи иқтисодӣ ва ғайра), ҷустуҷӯи далелҳои мушаххас (таърих, география ва ғайра) вобаста аст.

Яке аз шароитҳои асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ фаъолияти кафедраҳои ҳарбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Ватандӯстӣ модарзодӣ нест. Он дар оила, дар мактаб, дар кор, дар армия, дар чамъият гузошта шуда, ба он нигаронида шудааст, ки мехру мухаббат ба Ватан, садокат ба анъанахои чангию мехнатии халк, масъулият барои мустахкам намудани кобилияти мудофиавии мамлакат тарбия карда шавад. Холо дар тарбияи харбию ватандустии чавонон ба системаи тайёр кардани офицерони запас дар кафедрахои харбии донишкадахои олй диккати махсус дода мешавад.

Ташаккул додани сифатҳои ахлоқӣ, касбӣ-ҷангӣ ва равонии донишҷӯёни кафедраи ҳарбӣ, ки барои иҷрои вазифаи конститутсионии ҳифзи Ватан заруранд, дар рафти дарсҳо, дар вақти беруназсинфӣ якҷоя бо дигар кафедраҳо, факултетҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳал карда мешавад. Мунтазам вохӯриҳои донишҷӯён бо собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Қувваҳои Мусаллаҳ, аскарони интернационалист, экскурсияҳо ба қисмҳои ҳарбӣ ва осорхонаҳои ҳарбӣ, тамошо ва муҳокимаи филмҳо дар мавзӯъҳои ҳарбӣ, конференсияҳои хонандагон оид ба таърихи ҳарбӣ ва хотираҳои ҷангӣ, озмунҳо дар харбй — Намудхои спорти амалй ва техники.

Дар бобати тарбияи ҳарбӣ-ватандустӣ воситаҳои аёнӣ нақши бузург доранд. Баровардани газетахои деворй, ороиши стендхо, плакатхо, лавхахои чангй ва баркхо имконият медихад, ки фаъолияти пурчушу хуруши харрузаи шуъба инъикос ёбад; масъаладои актуалии таълиму тарбияи талабагонро инъикос намояд; дар бораи вокеахои барчастаи вобаста ба хизмати харбй маълумот медиханд.

Оянда бидуни дарки гузашта ва имрӯз ва ватандӯстӣ бе омӯзиши таърих - сарчашма ва ҳаками бешубҳа ғайриимкон аст. Имрӯз насли наврас касеро дорад, ки бояд ба он нигарист. Инҳо баҳори шарифи мо ҳастанд, ки дар давраҳои гуногуни таърихи миллӣ намунаҳои шоистаи мардонагӣ ва мардонагӣ нишон додаанд. Инхо падарону бобоёни мо мебошанд, ки дар фронтхои Чанги Бузурги Ватанй чангида, баъд хочагии халкро баркарор намуданд. Инхо

чанговарони афгон ва ишти-рокчиёни чангхои махаллӣ, иштироккунандагони рафъи садамаи Чернобыль мебошанд, ки ба ибрати падарон — чанговарони фронт, вазифаи чангии худ ва садокат ба савганди чангиро мардонавор ичро карданд.

Тайёрии ҳарбии донишҷӯён як намуди иловагии таълим буда, аз курсҳои назариявӣ ва амалии таҳсил, лагери таълимии донишҷӯёни писарон ва таҷрибаи касбӣ барои донишҷӯдухтарон иборат аст. Тайёрии ҳарбӣ аз рӯи барномаи афсарони эҳтиётӣ дар асоси ройгон ва пардохтшаванда сурат мегирад. Донишҷӯёне, ки аз шартҳои озмун гузаштаанд, ба таҳсили ройгон ҷалб карда мешаванд ва донишҷӯёне, ки аз ҷониби комиссияи қабул барои таҳсили пулакӣ тавсия шудаанд, ба таҳсил дар асоси пулакӣ ҷалб карда мешаванд. Барои таълим дар кафедраҳои ҳарбӣ Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола нақшаи даъватро дар шакли ихтиёрӣ таҳия ва тасдиқ мекунад.

Зарурати тайёрии касбии харбии студентони кафедрахои харбии мактабхои олии гражданиро фактхои асосии зерин муайян мекунанд:

1) мавҷудияти заминаи моддию техникӣ, кадрҳо, иқтидори илмию педагогӣ барои таълими ҳарбии касбии донишҷӯён;

2) фоиданокии иктисодии тайёр кардани шумораи зарурии хизматчиёни харби дар запас.

Ҳамзамон, вазифаҳои асосии фаъолияти кафедраи ҳарбӣ дар ҳайати донишгоҳ аз инҳо иборатанд:

– қонеъ гардонидани талаботи донишҷӯён ба рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ ҳангоми гирифтани маълумоти олии касбӣ ва такмили ихтисос дар соҳаи муайяни фаъолияти касбии ҳарбӣ;

- банақшагирӣ, ташкил ва татбиқи кор оид ба тамоюли касбии ҳарбии ҷавонон;

- гузаронидани тадкикоти илмии фундаменталию амали, ки максад аз он мусоидат ба халли бомуваффакияти вазифахои мустахкам намудани кобилияти

мудофиавии мамлакат ва такмил додани таълими касбии харби мебошад.

Фаъолияти таълимӣ самти асосии фаъолияти кафедраи ҳарбии донишгоҳ буда, ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ, таълимӣ, таълимию методиро дар бар мегирад. Мазмуни таълим ва ташкили раванди таълими касбии ҳарбӣ дар кафедраи ҳарбӣ аз рӯи ҳар як ихтисоси ҳарбӣ тибқи барномаи таълимии таҳсилоти касбии ҳарбӣ, ки стандартҳои давлатӣ, талаботи тахассусӣ ба аспирантура, нақшаи таълимӣ ва нақшаҳои таълимии ихтисоси мушаххасро дар бар мегирад, муайян карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки раванди иҷтимоисозии донишҷӯён дар кафедраи ҳарбии донишгоҳ дар асоси принсипҳое сурат мегирад, ки барои системаи таҳсилоти умумии шаҳрвандӣ низ мувофиқанд. Ба ин принципхои зерин дохил мешаванд: принципи гуманизация, принципи демократикунонй ва принципи дифференциалй. Татбиқи принсипҳои мазкур ба беҳтар намудани тарбияи ҳарбӣ-касбӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон дар шароити таълим дар кафедраи ҳарбӣ нигаронида шудааст.

Гайр аз ин, тамоми процесси педагоги дар кафедраи харбии университет мувофики принципхои асосии таълим ба рох монда шудааст. Ҳамин тариқ, барои раванди таълиме, ки кафедраи ҳарбӣ амалӣ менамояд, дар доираи татбиқи принсипи илмӣ дар таълим дараҷаи илмӣ ҳамчун ченаки баҳодиҳии аҳамияти далелҳои илмӣ нақши муҳим мебозад. Шакли характери илмии маводи таълимй нишондихандаи назарраси характери фанхои дар шароити кафедраи харби омухташаванда мебошад.

Риояи принсипи системанокӣ ва муттасилӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки тамоми донишҳои ба донишҷӯён расонидашуда бояд аз ҷониби онҳо дар системаи муайяни мантиқӣ азхуд карда шаванд. Бинобар ин, системаи таълими донишҷӯён аз рӯи ихтисоси ҳарбӣ бояд ҳамчун маҷмӯи ба ҳам алоқаманди ҷузъҳои таркибӣ баррасӣ карда шавад, ки аз ҷониби донишҷӯён азхудкунии мақсадноки салоҳиятҳои таълимии бо тартиби муайян ба даст овардашударо таъмин менамояд. Татбики принципи алокаи назария ва амалия ягонагй ва

алокаи чудонашавандаро дар системаи сохиби салохияти касбии харби дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, тибқи талаботи таъмини сифати баланди таълим дар кафедраи ҳарбӣ донишҷӯён бояд малакаҳои амалии ба онҳо заруриро на танҳо дар доираи вазъи имрӯзаи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар соҳиб шаванд, балки дар оянда ба онҳо муфид хоҳад буд. Принсипи шуурнокӣ ва фаъолият ташаккули малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва огоҳӣ аз амалҳои тарбиявиро дар байни донишҷӯёни кафедраи ҳарбӣ дар назар дорад. Татбиқи ин принсипи таълим ташаккули чунин хислатҳои шахсияти донишҷӯён, аз қабили ташаббускорӣ, фаъолият, мустақилият ва ғайраро тақозо мекунад. Шуурнокии донишҷӯёни кафедраи ҳарбӣ тавассути интизом ва худташаккулӣ ифода меёбад, ки маънои ҳавасмандии баланди таълимро дорад.

Принсипи визуализатсия барои таълими донишҷӯён дар доираи ихтисоси бақайдгирии ҳарбӣ муҳим аст, зеро ташаккули салоҳиятҳои амалӣ бидуни истифодаи маводи аёнӣ (воситаҳои таълимии ҳарбӣ-техникӣ) ғайриимкон аст, истифодаи визуализатсия барои таълим хеле муҳим аст. Омӯзиши фанни таълимӣ дар мушоҳидаи мустақим имкон медиҳад, ки дониши амалии ин соҳаи дониш омӯхта шавад. Принсипи дастрас будан дар таълими касбии ҳарбӣ дараҷаи мураккабии илмию назариявии маводи таълимӣ, ҳаҷм ва мазмуни онро муайян мекунад. Илова бар ин, самаранокии чорабиниҳои таълимӣ, ки аз ҷониби кафедраи ҳарбӣ гузаронида мешавад, пеш аз ҳама бо чунин натиҷаҳо муайян карда мешавад: сатҳи омодагии ҷавонони ба хидмат ва дараҷаи ташаккули сифатҳои хатмкунандагон ба монанди ватандӯстӣ, шаҳрвандӣ ва омодагӣ ба хидмат.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки раванди таълим дар кафедраи ҳарбии донишгоҳ хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар раванди таҳсил дар кафедраи ҳарбии донишгоҳ донишҷӯ дар як вақт аз рӯи ду ихтисос – шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ (афсари эҳтиётӣ аз рӯи ихтисоси ҳарбие, ки барои донишгоҳи мазкур муқаррар шудааст) тайёр карда мешавад.

Омода намудани талаба ба ду намуди фаъолияти касбй як раванди мураккаби психологию педагоги буда, як катор зиддиятхоро дарбар мегирад. Мохияти онхо дар он аст, ки аз як тараф, бинобар тафовути максад, мазмун, шакл ва усулхои таълими ихтисосхои шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ тайёрии касбии харби дар муассисаи таълимии олй хамчун намуди нисбатан мустакили таълим амал мекунад.

Аз тарафи дигар, тайёрии ҳарбӣ қисми ҷудонашавандаи таҳсилоти олии касбии дар донишгоҳи шаҳрвандӣ гирифташуда мебошад, бинобар ин, он бо тайёр кардани ихтисоси шаҳрвандӣ ҳамчун раванди ягона ва иловагии ташаккули шахсияти мутахассиси ҷавон, ки ба андозаи баробар қобилиятнок аст, зич алоқаманд аст.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти кафедраи ҳарбӣ дар ҳайати ҳар як донишгоҳи шаҳрвандӣ ба ноил шудан ба мақсадҳои асосии зерин нигаронида шудааст: 1) ташаккули салоҳиятҳои дахлдор дар доираи ихтисоси ҳарбии интихобкардаи донишҷӯ; 2) ташаккули сифатҳои шахсии донишҷӯён, ки барои фаъолияти бомуваффақияти амалии онҳо дар вазифаҳои офицерӣ заруранд.

Илова бар ин, таъкид кардан мехоҳам, ки дар раванди таълими кафедраи ҳарбӣ ба бартарияти вазифаи тарбиявӣ бар вазифаи тарбиявӣ аҳамият дода мешавад, яъне дар бораи хусусияти бештар тарбиявӣ доштани раванди таълим метавон гуфт.

Бояд гуфт, ки устодони кафедраи ҳарбӣ дар байни донишҷӯёни донишгоҳ бо мақсади ҷалби онҳо ба таҳсил аз рӯи ихтисоси муайяни ҳарбӣ корҳои зиёдеро роҳнамоии касбӣ мегузаронанд, зеро ҷавонон ба донишгоҳ бо мақсади соҳиб шудан ба донишкада, пеш аз ҳама, дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки кафедраи ҳарбӣ дар ҳайати донишгоҳ дар самтҳои зерин фаъолият дорад:

- тайёр намудани донишҷӯён ба хизмати ҳарбӣ дар рутбаи афсарӣ;

- ташаккули сифатҳои муҳими шахсӣ ва касбии афсарони оянда, ки дар раванди таълим ва беруназсинфӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна қисми махсуси фанни таълимӣ “Асосҳои хизмати ҳарбӣ” донишҳои омодагии пеш аз даъватшавиро ташаккул ва мустаҳкам менамояд, хонандагонро ба низоми муайян ворид намуда, онҳоро бо донишҳои нав таъмин менамояд, истифодаи донишҳои азхудшударо дар амалия меомӯзонад ва бо ин васила малакаву маҳорати хусусияти ҳарбӣ-амалӣ доштаро ташаккул медиҳад.

Машғулиятҳои “Асосҳои хизмати ҳарбӣ” дар низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳалқаи муҳим ба ҳисоб меравад, зеро дар фарқият аз дигар фанҳо, на ҳама хонандагонро фаро мегирад. Илова бар ин, барномаи “Асосҳои хизмати ҳарбӣ” на танҳо омодагии ҳарбӣ, балки омодагии психологиро низ пешниҳод менамояд. Машғулиятҳо хусусияти омӯзишӣ, тарбиявӣ ва инкишофёбӣ доранд. Барои таъмини амалинамоии пурраи мақсадҳои раванди таълимӣ-тарбиявӣ мавҷудияти синфхонаҳои бо воситаҳои муосири техникии таълим маҷаҳазгардонидашуда зарур мебошад.

### 3.2. Корҳои таҷрибавӣ -озмоишии ташаккул ва инкишофи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ

Корҳои таҳрибавӣ-озмоишӣ дар факултетҳои Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шуд. Дар Донишгоҳи давлатии Данғара дар байни донишҷӯён, ки дар бахши муҳандисӣ, иқтисодӣ, технологияҳои иттилоотӣ, физика, химия таҳсил менамоянд, корҳои озмоиши-таҷрибавӣ оид ба мавқеъ ва нақши фанҳои гуманитарӣ дар ташаккул ва инкишофи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ гузаронида шуд.

Дар марҳилаҳои гуногуни корҳои тарҷрибавӣ-озмоишӣ 456 нафар донишҷӯён ва омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ иштирок намуданд. Мақсади асосии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муайян намудани сатҳи ташаккул ва инкишофи ватандӯстӣ, муайян намудани нақши фанҳои гуманитарӣ дар ташаккули ватандӯстӣ, муносибати донишҷӯён ба нақши фанҳои гуманитарӣ ва мазмуну мундариҷаи фанҳои гуманитарӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ,

нақш ва мақоми созмонҳои ҷавонон дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад.

Ташкилнамоӣ ва амалинамоии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ду марҳила ба роҳ монда шуданд: муқаррарӣ ва назоратӣ. Бо мақсади таъмини ташхиси ташаккул ва инкишофи ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз рӯи нишондиҳандаҳо методҳои алоҳида интихоб ва коркард карда шуданд.

Корҳои измоиши тариқи пурсишномаҳо, гузаронидани дарсҳои назоратӣ, санҷиши корҳои пешинаи донишҷӯён, суҳбатҳо бо гурӯҳҳои алоҳидаи донишҷӯён, омӯзгорони фанҳои мухталиф, махсусан фанҳои гуманитарӣ гузаронида шуд.

Дар марҳилаи муқаррарии таҳқиқот сатҳи ибтидоии ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ ошкор карда шуд. Барои ошкорнамоии сатҳи ибтидоии рушди ҳиссиёти ватандӯстӣии донишҷӯёни методҳои ташхиси мавриди истифода қарор дода шуданд: барои муайян намудани сатҳи ташаккули унсури маърифатии ватандӯстӣ пурсишнома ва мушоҳида; барои ташхиси сатҳи ташаккули унсури фаъолиятии ватандӯстӣ маводҳои дидактикии донишҷӯён, қобилияти азхудкунии донишҳои нав; барои ошкор намудани сатҳи ташаккули унсури шахсиятӣ, ки оид ба қабули навъи ҳамкориҳои самтгириҳои шахсӣ аз ҷониби донишҷӯ, оид ба дарки аҳамияти иттилоотонӣ ҳамчун шарти такмили шахсӣ, худинкишофнамоии касбӣ ва зуҳуроти маҷмӯи сифатҳои робитавӣ саволномаи алоҳидаро истифода намудем.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи ватандӯстӣ ва махсусан дар самти ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии Данғара пурсишнома гузаронида шуд, ки дар он 243 нафар иштирок намуданд. Ба донишҷӯён чунин саволҳо ба монанди “Ватандӯстӣ чист? “Ватандӯстиро чи тавр тасниф менамоед?” “Хизмат ба Ватан чи маъно дорад?” “Шумо барои хизмати шоиста ба Ватанд омодаед?” “шумо худро ватандӯст меҳисобед?” пешниҳод карда шуданд.

Натиҷаи марҳилаи аввал нишон дод, ки дар оғози корҳои таҷрибавӣ дар гурӯҳи озмоишӣ бо сатҳи баланди ташаккули ҳиссиёти ватанӯстӣ дар 54% донишҷӯён, сатҳи миёна 33%, сатҳи паст 13% ошкор карда шуд.




Диаграммаи 1. Сатҳи ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ дар гуруҳи озмоишӣ

Натиҷаи марҳилаи аввал нишон дод, ки дар оғози корҳои таҷрибавӣ дар гурӯҳи назоратӣ бо сатҳи баланди ташаккули ҳиссиёти ватанӯстӣ дар 57% донишҷӯён, сатҳи миёна 34%, сатҳи паст 9% ошкор карда шуд.



Диаграммаи 2. Сатҳи ташаккули ватандӯстӣ дар гуруҳи назоратӣ

47% иштирокчиён қайд намудаанд, ки ватандӯстӣ ин меҳру муҳаббат ба Ватан, меҳру муҳаббат ба фарҳанги миллӣ; 37% қайд намудаанд, ки ватандӯстӣ ин эҳтиром ба Ватани худ, ифтихор аз кишвари худ, 16% намедонанд, ки ватандӯстӣ чӣ маъно дорад.

Дар асоси натиҷаи пурсиш метавон қайд намуд, ки барои аксарияти иштирокчиёни пурсишнома ватандӯстӣ аҳамияти бузург дорад, ки дар меҳру муҳаббат ва эҳтиром ба Ватани худ зоҳир мегардад. Лекин ба ин нигоҳ накарда, миқдори нафароне, ки оид ба ватандӯстӣ маълумот надоранд, намедонанд, ки масъалаи асосии тарбияи ватандӯстӣ дар чӣ зоҳир мегардад, кам нестанд.

Қайд намудан зарур аст, ки аксарияти иштирокчиён худро вадандӯст мешуморанд. 84% иштирокчиён ба таври тасдиқӣ ҷавоб додаанд, 9% худро ватандӯст намеҳисобанд, 7% дар ҷавоб додан мушкилӣ кашидаанд. 17 % иштирокчиён аз зиндагӣ дар кишвар розӣ набуда, мехоҳанд онро тарк намоянд. Ин нишондиҳанда тасдиқ менамояд, ки проблемаи ватандӯстӣ на танҳо вуҷуд дорад, балки ҳалли фавриро бо муттаҳид намудани нерӯи насли наврас ва иштироки фаъоли давлат, созмонҳои ҷамъиятӣ талаб менамояд.

Мо ба хулосае омадем, ки аз ҷавонон муайян намоем, ки оё онҳо дар чорабиниҳои характери ватандӯстӣ иштирок менамоянд. 87 % иштирокчиён ба таври мусбӣ ҷавоб додаанд, ки дар чунин чорабиниҳо иштирок намудаанд. 11 % иштирок намудаанд, лекин на ҳама вақт. Танҳо 2% иштирокчиён маротибае иштирок накардаанд. Чунин мешуморем, ки барои боз ҳам самаранок намудани иштироки донишҷӯён ба чорабиниҳои характкри ватандӯстӣ онҳо ба фаъолияти созмони ҷамъиятии ҷавонон ҷалб карда шаванд.

Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки ҳам дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва ҳам дар гурӯҳи назорати миқдори донишҷӯён бо сатҳи баланди ватандӯстӣ зиёданд. Лекин ба ин нигоҳ накарда, миқдори сатҳи миёна ва паст ҳам кам набуданд, ки гузаронидани корҳои ташаккулдиҳандаро дар ин самт талаб

намуд. Вазифаи марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиши педагогӣ аз эътимоднокии тарҳи ташаккули ватандӯстӣ дар шароити гузариш ба низоми зинавии тайёрнамоӣ иборат буд.

Амалӣ намудани ин марҳила ҷанбаҳои зеринро пешбинӣ менамуд: тағйир додани муносибати омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олӣ ба ташаккули ватандӯстӣ; таъмини раванди ҳамгироии байнифаннӣ ва таҷдиди мундариҷаи як қатор ҷанбаҳои тахассусӣ ва ғайраҳо.

Пас аз амалӣ намудани марҳилаи ташаккулдиҳанда марҳилаи назоратӣ-ташхисӣ гузаронида шуд, ки болоравии сатҳи ватандӯстӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳҳои назоратиро нишон дод. Дар гурӯҳи мазкур донишҷӯён озодона ва маҳсулнок оид ба ватан, ванапарвариву ватандорӣ, ватандӯстӣ, хизмати шоиста ба Ватан суҳбат менамуданд.

Натиҷаи марҳилаи ниҳоӣ нишон дод, ки дар гурӯҳи озмоишӣ бо сатҳи баланди ташаккули ҳиссиёти ватанӯстӣ дар 62% донишҷӯён, сатҳи миёна 35%, сатҳи паст 3% ошкор карда шуд.




Диаграммаи 3. Сатҳи ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ дар гуруҳи озмоишӣ

Натиҷаи марҳилаи ниҳоӣ дар дар гурӯҳи назоратӣ бо сатҳи баланди ташаккули ҳиссиёти ватанӯстӣ дар 58% донишҷӯён, сатҳи миёна 37%, сатҳи паст 5% ошкор карда шуд.




Диаграммаи 4. Сатҳи ташаккули ватандӯстӣ дар гуруҳи назоратӣ

Ҳамин тариқ, дар охир ба таври муқоиса намудани марҳидаи аввал ва ниҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ чунин натичаҳо ба даст оварда шуд.

Ҷадвали 1. Сатҳи ташаккули ватандӯстӣ дар оғоз ва охири эксперимент

| Натиҷаҳо | Гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ | Сатҳи баланд | Сатҳи миёна | Сатҳи паст |
|---|---|---|---|---|
| То оғози озмоиш | Озмоишӣ<br>Назоратӣ | 54<br>57 | 33<br>34 | 13=100%<br>9=100% |
| Дар анҷоми озмоиш | Назоратӣ<br>Озмоишӣ | 62<br>58 | 35<br>37 | 3=100%<br>5=100% |

Дар доираи корҳои таҷрибавӣ озмоишӣ муносибати донишҷӯёнро ба омӯзиши фанҳои гуманитарӣ муайян намудем, ки яке аз сарчашмаҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Аксарияти иштирокчиён - 42% зарурати омӯзиши фанҳои гуманитарӣ ва мавқеи онҳо дар ташаккул ва инкишофи ҳиссиёти ҳарбӣ-ватандӯстиро қайд намудаанд. 23% иштирокчиён қайд

намудаанд, ки дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ донишҳое аз худ карда мешавад, ки дар оянда дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ зарур мебошанд. 27% иштирокчиён қайд намудаанд, ки фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ дар раванди таҳсил ҷаҳонбинӣ ва мавқеи шаҳрвандии ҳар як донишҷӯро ташаккул медиҳанд.




Диаграммаи 5. Муносибати донишҷӯён ба таълими фанҳои гуманитарӣ

Дар ин самт ба омӯзгорони фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ зарур аст, ки хулосаҳои зарурӣ бароранд, ва диққати асосиро ба ҷаҳонбинӣ, арзишҳо, ки таркиби фанҳои иҷтимоӣ-гуманитариро ташкил медиҳанд, равона намоянд. Аҳамияти амалии омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ маҳз дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, дар қобилияти биниш ва баҳогузории равандҳои муосир, дар дарки арзишҳо ва принсипҳои базавии ҷамъиятӣ, ки мутахассиси ҷавон дар фаъолияти касби худ такя менамояд, зоҳир мегардад. Яъне, таълими фанҳои гуманитарӣ заминаи асосии ташаккул ва инкишофи ватандӯстии воқеӣ ва бошуурро таъмин менамоянд.

Дар ин самт, донишҷӯён набояд нисбат ба вуҷуд надоштани аҳамияти амалии илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ нобоварӣ зоҳир намоянд. Қайд намудан зарур аст, ки танҳо 8% иштирокчиён чунин мешуморанд, ки фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ дар раванди гирифтани маълумоти ғайригуманитарӣ зарур нестанд,

дар ҳолате ки аксарияти мутлақи донишҷӯён чунин мешуморанд, ки омӯзиши фанҳои гуманитарӣ қисми ҷудонопазири маълумоти касбии онҳо ба ҳисоб меравад.

Он далеле, ки аксарияти мутлақи иштирокчиён дар мақоми аввал дар байни фанҳои гуманитарӣ сотсиология, фалсафа, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, таърихро мегузоранд, мавҷудияти сатҳи баланди талабот ба донишҳои муосир оид ба ҷомеа, оид ба дарки дақиқи алоқамандии байни фаъолияти касбӣ ва он шароити иҷтимоӣ, ки дар он амалӣ мегардад, нишон медиҳад. Миқдори зиёди фанҳои гуманитариро аз худ намуда, аксарияти донишҷӯён мехоҳанд, ки онро нигоҳ доранд, на миқдори соатҳои онро коҳиш диҳанд, ё ба пуррагӣ аз нақшаи таълим хориҷ намоянд.

Ҳамин тариқ, хусусияти асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки фанҳои гуманитарӣ аз тарафи донишҷӯёни ғайригуманитарӣ ҳамчун фанҳои бегона ё нолозим қабул нагардида, донишҷӯён зарурати омӯзиши онҳоро қайд менамоянд, ки ҳамчун заминаи асосии ташаккул ва инкишофи ҳиссиёти ватандӯстӣ дар тамоми самтҳои он баромад менамоянд. Баръакс, шавқу рағбати донишҷӯён ба ин фанҳо бузург аст, талабот ба донишҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ аз тарафи донишҷӯён дарк карда шудааст, ҷое ки талабот ва дархост нисбат ба дониш ҷой дошта бошад, бояд пешниҳоди ба он мувофиқ низ ҷой дошта бошад.

Лекин, далелҳои бадастомада дар асоси корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ нишон медиҳанд, ки донишҷӯён аз тарзи пешниҳод ва омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ дар донишгоҳ қонеъ нестанд. Интизориҳо ва талаботҳои онҳо танҳо дар сатҳи паст қонеъ мешавад. Дар алоқамандӣ бо ин, мухолифат дар он зоҳир мешавад, ки дар шароити коҳиши нақшавии соатҳо барои фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ, қонеъ намудани интизориҳо ва талаботи донишҷӯён умуман ғайриимкон мегардад.

Ҳамин тариқ, ташаккули заминаи асосии донишҳои гуманитарӣ дар заминаи таҳсилоти касбӣ дар шароити муосир, ба инобат гирифтани хусусиятҳои фанҳои таълимӣ, ки усулҳои таълими онҳо бояд дараҷаҳои

гуногуни мураккабии фанҳои таълимӣ пурра ба инобат гирифта шаванд, муҳим боқӣ мемонад, маводе, ки дар доираи он тартиб додани вазифаҳои асосӣ ҳавасмандии омӯзиши хонандагонро пешакӣ муайян мекунад.

Ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ дахл намуда, ба хулосае омадем, ки ба ҷавонон ба саволи “Ба ақидаи Шумо, зарурат ҷой дорад, ки ба тарбияи ватандӯстӣ диққати махсус равон карда шавад?” 64% иштирокчиён чунин мешуморанд, ки тарбияи ватандӯстӣ зарур аст; 23% қайд намудаанд, ки мумкин зарурат дошта бошад, лекин тарбияи ватандӯстӣ ба касе зарур нест; 9% иброз намудаанд, ки умуман чунин зарурат ҷой надорад; 4% дар ҷавоб додан мушкилӣ кашиданд.

Аз натиҷаҳои пурсиш бармеояд, ки қисми зиёди иштирокчиён барои худ чорабиниҳои самтгирии ватандустиро муҳим мешуморанд, лекин гурӯҳи муайяни ҷавонон низ хастанд, ки ба масъалаҳои ватандӯстӣ ва тарбияи ватандӯстӣ шубҳа дошта, чунин масъалаҳоро зарур намешуморанд.

Ҳамин тариқ, сатҳи ватандӯстӣ ва тарбияи ватандӯстиии иштирокчиёнро баҳогузорӣ намуда, метавон қайд намуд, ки он дар сатҳи нисбатан баланди рушд қарор дорад, лекин ба ин нигоҳ накарда миқдори устувори иштирокчиён (тақрибан 10%)  ба саволҳои самтгирии ватандӯстӣ ҷавоби манфӣ доданд ва аз ин метавон хулосабарорӣ намуд, ки коҳиш додани он ба сатҳи пасттарин вазифаи муҳим ва аввалиндараҷа аст.

Ба хотири иҷро намудани ин вазифа тавсия дода мешавад, ки бо ҷавонон аз хурдӣ корҳои тарбиявии ватандӯстӣ гузаронида шавад, зеро ба ташаккул ва дарки муҳимияти ватандӯстӣ аз хурдсолӣ бо омӯзиши анъанаҳои ватандориву ватандӯстӣ, ҷашнгирии рӯзҳои муҳими таърихӣ ҷалб намудан зарур аст. Дар синнусоли нисбан калонтар ворид гардидан ба созмонҳои ватандӯстӣ, ки фаъолияти худро ба гузаронидани лексияҳ, семинарҳо, конференсияҳои илмӣ оид ба масъалаҳои бо тарбияи ватандӯсти воқеии кишвари худ, нигоҳдорӣ муносибати тоқатпазирӣ байни шаҳрвандон ва дӯстии халқҳо равона

намудаанд, пешниҳод карда мешавад, зеро маҳз ин амал асоси гулгулшукуфоии ҳар як давлат ва миллат ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи фаъолияти ҷамъиятии донишҷӯёнро ҳамчун қисми таркибии омодагӣ касбии мутахассис баррасӣ намуда, бо хулосае омадем, ки муносибати донишҷӯён ба ин падида омӯхта шавад. Таҳқиқот дар Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шуд. Натиҷаҳои бадастомадаро метавон чунин арзёбӣ намуд.

Фаъолияти ҷамъиятиро донишҷӯён ба таври умумӣ ҳамчун фаъолияти илмӣ, эҷодӣ, варзиш, инчунин ташаккули шахсӣ қабул менамоянд. Аксарияти мутлақи донишҷӯён 91% чунин мешуморанд, ки иштирок дар фаъолияти ҷамъиятӣ салоҳиятнокии касбии онҳоро баланд менамояд. 75% иштирокчиён ифроз намуданд, ки тамоми навъҳои фаъолият дар оянда ба онҳо кӯмак менамояд. 11% иштирокчиён иброз намуданд, ки ба онҳо асосан навъи эҷодии фаъолият кӯмак менамояд. 9% иброз намуданд, ки дар фаъолиятиояндаи касбӣ ба онҳо ҳамон чорабиниҳо кӯмак менамоянд, ки бо ихтисоси интихобгардида алоқаманд мебошанд. 5% иштирокчиён иброз намуданд, ки иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ ба фаъолияти касбии оянда таъсир расонида наметавонад.

Ба саволи “Оё чорабиниҳои ҷамъиятӣ, ки дар донишгоҳ баргузор карда мешаванд, қобили қабули Шумо аст?” 84% иштирокчиён иброз намуданд, ки онҳо нисбат ба чорабиниҳои ҷамъиятӣ шавқу рағбати муайян доранд. 16% иштирокчиён иброз намудан, ки нисбат ба чорабиниҳои ҷамъиятии донишгоҳ шавқу рағбат надоранд.

37% донишҷӯён иброз намуданд, ки онҳо мехоҳанд, ки ҳаёти ҷамъиятии донишгоҳ дар самти гуногунӣ, таъминоти беҳтари иттилоотӣ ва ташвиқоти чорабиниҳои банақшагирифташуда, бунёди кружокҳои мухталиф, клубҳои мухталиф дар хобгоҳ, зиёд намудани корҳои байнифакултавӣ, идҳо ва чорабиниҳои дигар тағйир дода шавад.

Ҳамин тариқ, далелҳои бадастомада нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза зарурати баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён ба фаъолияти

ҷамъиятӣ ҷой дорад. Зарур аст, ки метод ва воситаҳои муосир, ки ба фаъолгардии ҳавасмандии донишҷӯён ба фаъолияти ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, мавриди истифода қарор гиранд, зеро фаъолияти ҷамъиятӣ ба донишҷӯён бар ташаккули касбӣ ва рушди шахсии онҳо кӯмак мерасонад.

Ҳамин тариқ, бо ёрии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ метавон аз равандҳои бӯҳроние, ки дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд омадаанд, бартараф карда, инчунин ба эҳёи он дар асоси принсипҳо ва арзишҳои демократӣ, бо нигоҳдорӣ ва таҳкими ахлоқ, принсипҳо, анъанаҳои миллӣ, ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ мусоидат намуд.

Муҳити таълимии муосири муассисаи таҳсилоти олӣ ҳам аз чанбаи дастрасии иттилоот ва ҳам аз чанбаи сохтори он тасниф карда мешавад. Низоми тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ бояд, ба ақидаи мо, чор унсури калидии ба ҳам алоқамандро дарбар гирад: маърифатӣ, аксиологӣ, коммуникативӣ ва фаъолиятӣ.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ-ватандӯстии донишҷӯён ба ташаккули самтгириҳои арзишии донишҷӯён дар шароити сатҳи баланди фаъолнокии онҳо дар иштирок дар навъҳои мухталифи фаъолияти иҷтимоӣ равона карда шудааст. Раванди ташаккули самтгириҳои арзишии шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар ҳамон ҳолат маҳсулнок мегардад, ки ҳамгироии арзишҳои умумиинсонӣ ва ҷамъиятӣ таъмин карда шавад. Дар ин самт аҳамияти муҳимро низоми тайёрнамоии касбӣ касб менамояд, зеро мутахассисони оянда барандагони фаъоли ғояи шаҳрвандият ва ватандӯстӣ дар раванди фаъолияти касбӣ баромад менамоянд.

Иштироки донишҷӯён созмонҳои касбии таълимии таҳсилоти олӣ дар фаъолияти худидоракунӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими тарбияи шаҳрванди фаъол, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ ҷалб мешаванд, баррасӣ карда мешавад. Дар шароити имрӯза талабот ба фаъолнокии донишҷӯён бузург аст. Шартхои муҳимми ташкили кори таълиму тарбия дар донишгоҳ барпо намудани фазои ягонаи таълимӣ мебошад. Фазои тарбия омили иҷтимоии шахсият аст.

Мундариҷаи фазои тарбиявӣ ҳамчун омили рушди иҷтимоии шахс муҳити субъект-фазо, муҳити иҷтимоӣ-рафторӣ, муҳити ҳодиса, муҳити иттилоотӣ мебошад. Ташкили худидоракунии донишҷӯён имкон медихад, ки ташаббуси эчодии хонандагон, масъулиятшиносӣ ва шаҳрвандият, мустакилият ва фаъолияти чамъиятии онҳо инкишоф ёбад.

## Хулосаи боби сеюм

Асоси методологии муайяннамоии нишондиҳандаҳои баҳогузории самаранокӣ ва натиҷаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ фаъолият ҳамчун раванди ташаккули ватандӯстӣ дар шуур, арзишҳо, амалҳо, рафтори шахсият, гурӯҳҳо, қишрҳои аҳолӣ хизмат мекунад. Дар чунин ҳолат ҷанбаи фаъолиятии раванди мазкур, яъне амалҳои воқеӣ ва корҳои амалӣ нишондиҳанда ва амалигардонии шуур баромад менамоянд. Диалектикаи мутобиқати ин ду унсурҳои нисбатан муҳим – шуур ва фаъолият муқаррар намудани нишондиҳандаҳои асосии баҳогузории корҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, алоқамандии ҳамоҳангсозии байни онҳоро муайян менамоянд.

Барои нишондиҳандаҳо хусусияти объективӣ ва муайянӣ муҳим мебошад, ки тариқи ташаккули мундариҷаи асосии онҳо, ки ҷанбаҳои муҳими воқеятро таҷассум менамоянд, ба даст оварда мешавад. Инчунин зарур аст, ки нишондиҳандаҳо, дақиқ, саҳеҳ ва равшан бошанд. Танҳо дар чунин ҳолат, онҳо метавонанд, ки воситаҳои воқеӣ ва боэътимоди омӯзиш, таҳлил ва баҳогузории самаранокии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ баромад намоянд.

Дар шароити имрӯза, ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ диққати махсус равона карда мешавад. Роҳҳо ва воситаҳои мухталифи таъмини самаранокии раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ таҳия гардида, дар амалия санҷида мешаванд. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ яке аз омилҳои асосии ҳимояи манфиатҳои давлатӣ баррасӣ карда мешавад.

Таъмини иттилоотӣ-фаҳмондадиҳӣ оид ба ташаккули ватандӯстӣ, қарзи конститутсионӣ, омода будан ба хизмати шоистаи Ватан ҳамчун муҳимтарин

арзишҳо дар тафаккур ва ҳиссиёти ҷавонон, махсусан дар робита бо манфиатҳои давлат ва ҷомеа; ба ин мақсадҳо истифода намудани воситаҳои ахбороти умумӣ, хусусан матбуоти даврӣ дар баробари бартараф намудани қолабҳо мавҷудаи манфӣ зарур аст.

Дар доираи таъминоти педагогӣ ва методӣ таҳияи маҷмӯи барномаҳо ва методҳои махсуси таълимӣ ва ташкилӣ, гузаронидани корҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шаклҳои гуногун ба роҳ монда мешавад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии равандҳои тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар низоми таҳсилоти олӣ таъсис додани марказҳои захиравӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки вақтҳои охир намунаи инноватсионии дастгирии ташаббусҳои иҷтимоии ҷавонон гардидаанд.

Тайёрии ҳарбии донишҷӯён як намуди иловагии таълим буда, аз курсҳои назариявӣ ва амалии таҳсил, лагери таълимии донишҷӯёни писарон ва таҷрибаи касбӣ барои донишҷӯдухтарон иборат аст. Тайёрии ҳарбӣ аз рӯи барномаи афсарони эҳтиётӣ дар асоси ройгон ва пардохтшаванда сурат мегирад.

Фаъолияти таълимӣ самти асосии фаъолияти кафедраи ҳарбии донишгоҳ буда, ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ, таълимӣ, таълимию методиро дар бар мегирад. Мазмуни таълим ва ташкили раванди таълими касбии ҳарбӣ дар кафедраи ҳарбӣ аз рӯи ҳар як ихтисоси ҳарбӣ тибқи барномаи таълимии таҳсилоти касбии ҳарбӣ, ки стандартҳои давлатӣ, талаботи тахассусӣ ба аспирантура, нақшаи таълимӣ ва нақшаҳои таълимии ихтисоси мушаххасро дар бар мегирад, муайян карда мешавад.

Корҳои таҳрибавӣ-озмоишӣ дар факултетҳои Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шуд.  Дар Донишгоҳи давлатии Данғара дар байни донишҷӯён, ки дар бахши муҳандисӣ, иқтисодӣ, технологияҳои иттилоотӣ, физика, химия таҳсил менамоянд, корҳои озмоиши-таҷрибавӣ оид ба мавқеъ ва нақши фанҳои гуманитарӣ дар ташаккул ва инкишофи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ гузаронида шуд.

Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки ҳам дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва ҳам дар гурӯҳи назорати миқдори донишҷӯён бо сатҳи баланди ватандӯстӣ зиёданд. Лекин ба ин нигоҳ накарда, миқдори сатҳи миёна ва паст ҳам кам набуданд, ки гузаронидани корҳои ташаккулдиҳандаро дар ин самт талаб намуд. Вазифаи марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиши педагогӣ аз эътимоднокии тарҳи ташаккули ватандӯстӣ дар шароити гузариш ба низоми зинавии тайёрнамоӣ иборат буд.

Хусусияти асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки фанҳои гуманитарӣ аз тарафи донишҷӯёни ғайригуманитарӣ ҳамчун фанҳои бегона ё нолозим қабул нагардида, донишҷӯён зарурати омӯзиши онҳоро қайд менамоянд, ки ҳамчун заминаи асосии ташаккул ва инкишофи ҳиссиёти ватандӯстӣ дар тамоми самтҳои он баромад менамоянд. Баръакс, шавқу рағбати донишҷӯён ба ин фанҳо бузург аст, талабот ба донишҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ аз тарафи донишҷӯён дарк карда шудааст, ҷое ки талабот ва дархост нисбат ба дониш ҷой дошта бошад, бояд пешниҳоди ба он мувофиқ низ ҷой дошта бошад.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ-ватандӯстии донишҷӯён ба ташаккули самтгириҳои арзишии донишҷӯён дар шароити сатҳи баланди фаъолнокии онҳо дар иштирок дар навъҳои мухталифи фаъолияти иҷтимоӣ равона карда шудааст. Раванди ташаккули самтгириҳои арзишии шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар ҳамон ҳолат маҳсулнок мегардад, ки ҳамгироии арзишҳои умумиинсонӣ ва ҷамъиятӣ таъмин карда шавад.

# ХУЛОСАИ УМУМӢ
